ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ ЖУРНАЛИСТИКА
КАФЕДРАИ УСЛУБШИНОСӢ ВА ТАҲРИРИ АДАБӢ

УДК: 491.50
ББК: 81.2 [21]
М – 23

Ба ҳуқуқи дастнавис

МАНСУРОВА МОҲЧЕҲРА АБДУСАЛОМОВНА

ХУСУСИЯТҲОИ САВТӢ ВА ЛУҒАВИЮ ФРАЗЕОЛОГИИ МАТНИ БАРНОМАҲОИ ФАРҲАНГИВУ ФАРОҒАТИИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН»

Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филология, профессор Мирзоева М.М.

ДУШАНБЕ – 2022

МУНДАРИҶА

Рӯйхати ихтисораҳо……3

Муқаддима……4

Боби I. Барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» ва хусусиятҳои савтии матнҳои он……..17

1.1. Аз таърихи ташаккули барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ……..……19

1.2. Хусусиятҳои савтии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ……..……42

Боби II. Хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ дар матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»…57

2.1. Забони ВАО ҷузъи муҳимми забони адабӣ……57

2.2. Таркиби луғавии матни барномаҳо.....63

2.2.1. Мавқеи калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ….....67

2.2.2. Лексикаи умумиистеъмол дар матни барномаҳо.....98

2.2.3. Калимаҳои адабии китобӣ дар матни барномаҳо.....100

2.2.4. Мавқеи калимаҳои гуфтугӯйӣ дар матни барномаҳо.....105

2.2.5. Калимаҳои куҳна ва таърихӣ дар матни барномаҳо……...107

2.3. Хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ дар матни барномаҳо……...110

Боби III. Категорияҳои семантикӣ дар матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»…….....120

3.1. Калимаҳои сермаъно ва наздикталаффуз дар матни барномаҳо……...121

3.2. Хусусиятҳои услубии муродифот дар матни барномаҳо……134

3.3. Мавқеи калимаҳои муқобилмаъно дар матни барномаҳо.....147

Хулоса…….....153

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ……..156

Феҳрасти адабиёт……..158

Рӯйхати ихтисораҳо

ВАО – васоити ахбори омма

ВЭА – воситаҳои электронии ахбор

ЗАҲТ – Забони адабии ҳозираи тоҷик

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ

ВФ – воҳидҳои фразеологӣ

ҶБВ – Ҷанги Бузурги Ватанӣ

МУҚАДДИМА

Кори диссертатсионӣ ба яке аз мавзуъҳои то ҳол таҳқиқнашудаи медиалингвистика – хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон боиси он гардид, ки забони давлатии мо ба марҳилаи нави рушду такомул ворид шавад. Маҳз ба туфайли соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи олимони забоншинос ба масъалаи покизагии забони тоҷикӣ дучанд гардид. Ин марҳила ба пайдоиш ва доман паҳн кардани воситаҳои ахбори омма шароити мусоид ба миён овард. Аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар арсаи журналистика якбора миқдори зиёди рӯзномаҳо, шабакаҳои мухталифи радиоӣ ва телевизионӣ ба миён омаданд ва ҳамаи онҳо бо роҳу воситаҳои мухталиф забони адабии тоҷикиро тарғиб менамоянд. Ба ибораи дигар, барандаи асосии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ васоити ахбори омма (ВАО) ба ҳисоб мераванд. Тамоми тағйироту навгониҳое, ки имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба миён меояд, дар маводи ВАО инъикос ва дар байни мардум паҳн мегардад. Ин дигаргуниҳо ба забон низ бетаъсир намемонанд, бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мухталифи забони ВАО дараҷаи инкишоф ва таҳаввулоти грамматикии забонро муайян мекунад.

Бояд гуфт, ки дар давраи муосири инкишофи забон ба масъалаҳои мухталифи забони матбуоти тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир шуда бошад ҳам, хусусиятҳои забониву услубии барномаҳои радиои тоҷик, умуман, мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Хусусан, забон ва услуби барномаҳои мухталифи он ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Бинобар ин омӯзиши хусусиятҳои савтӣ, луғавию фразеологӣ ва грамматикии барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон»-ро ниҳоят мубрам арзёбӣ менамоем, зеро таҳқиқи ин масъалаҳо имкон

медиҳад, ки ҳолатҳои то ҳанӯз ошкорнашудаи забони ВАО мукаммал омӯхта шавад.

Ҳаминро қайд кардан ҷоиз аст, ки забони радио баёнгари ҳолати кунунии забони зиндаи гуфтугӯйӣ мебошад. Душвории таҳқиқи забон ва услуби барномаҳои радио дар он аст, ки забони ин расонаи хабарӣ ниҳоят абстракт аст ва шояд сабаби ба таҳқиқи он рӯй наовардани муҳаққиқон дар ҳамин бошад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. ВАО воситаи асосии тарғибкунандаи забон аст. Аввалин падидаҳои дар забон ба вуҷудомада дар ВАО арзи ҳастӣ мекунанд. Он дар ташаккул ва такомули забони адабӣ нақши созанда дорад. Бо вуҷуди ин забони васоити ахбори омма аз нуқсонҳои забонӣ орӣ нест, ки ин боиси нигаронии аҳли қалам гардид. Аз рӯзи пайдоиши матбуоти тоҷик доир ба забони он мақолаҳои ҷудогона рӯйи чоп омада, баҳсҳои доманадорро ба миён оварданд, ки он то ҳол давом дорад.

Садриддин Айнӣ дар мақолааш “Қавми тоҷик ва рӯзнома” мақоми рӯзномаро дар ташаккули забон таъкид намуда, менависад: “*Рӯзномаи ҳар қавм забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё ки забон надорад. Яъне қавми беру́знома мисли одами безабон аст”* [Айнӣ, 1977: 270].

Дар аввалин рӯзномаҳо, аз қабили “Бухорои шариф”, “Овози тоҷик” ва маҷаллаи “Роҳбари дониш”, мақолаҳои донишмандони тоҷик чоп гардиданд, ки дар мавриди забони адабии тоҷик баҳс мекарданд. Дар рӯзномаи “Правдо Вастук” мақолаҳое чоп гардиданд, ки хилофи қоидаҳои забони адабии тоҷик буданд. Донишмандони тоҷик ин гуна мақолаҳоро нодида намегирифтанд ва дар навиштаҳои хеш забони адабии тоҷикиро ҳимоя намуда, бо қалам ба майдони баҳс мебаромаданд. Р. Ҳошим дар мақолааш “Дар атрофи забони адабии тоҷик чӣ менависанд” ба мақолаҳои профессор Шилд, Музаффар, Дёкуф, Думбол, ки дар онҳо мақоми забони тоҷикӣ паст карда нишон дода мешуд, баҳси доманадоре намуда, бо далелҳои шайъӣ исбот

мекунад, ки забони адабии тоҷикӣ мақоми шоиста дорад ва он забони кӯчагӣ нест. Масалан, Дёкуф менависад: “*Наздик кардани забони адабӣ ба забони гуфтугӯйӣ адабиёти тоҷикро ба миллатҳои ба тоҷикон наздик – Эрону Афгонистон душворфаҳм мекунад. Забони гуфтугӯйи тоҷикон нодуруст аст ва барои ин вай забони адабӣ шуда наметавонад*” [Забон ва худшиносии миллӣ, 2007: 84][1]. Олими тоҷик Р. Ҳошим ботил будани ақидаҳои Дёкуфро дар мақолааш исбот мекунад, ки барои миллатҳои тоҷику афғону эрониён фаҳмидани забони газету китобҳо душвор нест. Фарқ дар он аст, ки дар Эрон истилоҳоти франсузӣ, дар Афғонистон истилоҳоти инглисӣ ва урду бештар истифода мегардад, ки сабаби нофаҳмии забони адабии тоҷик шуда наметавонад ва меафзояд: “*Ва ин аҷаб нест, ки ин забон ба мунавварони Эрону Афгонистон, ки ба забони адабиёти классикӣ ошноӣ доранд, фаҳмо хоҳад буд. Аммо замоне, ки дар ин ҷо истилоҳҳои нави дар забони адабиёти классикӣ набудагӣ истеъмол карда мешавад, ба миён фарқ меафтад, чаро ки тоҷикон истилоҳҳои русӣ ва ӯзбекиро, яъне забони миллатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ба худашон бештар алоқамандро истеъмол мекунанд* [Забон…, 2007: 84-85]. Ҳамин тавр, зиёиёни тоҷик барои ташаккул ва мақоми забони адабии тоҷикӣ мубориза мебурданд. Ин гуна талошҳо дар навиштаҳои Т. Зеҳнӣ, С. Айнӣ, С. Ализода, О. Исматӣ ва дигарон равшантар ба мушоҳида расидааст.

Дар китоби “Забон ва худшиносии миллӣ” [2007] мақолаҳои Мирзо Ҷалол Юсуфзода “Муҷмалӣ дар хусуси забон”, “Фелетун дар хусуси забон” [2007: 22-24, 24-25], Сайидризо Ализода “Як сӯйиқасди ғаразкорона ба маҷаллаи мо” [2007: 26-27], Тӯрақул Зеҳнӣ ”Мусоҳиба дар бораи забон ва адабиёт», “Фикри ман дар бораи забони чопагӣ” [2007: 52-64], Раҳим Ҳошим “Ба мо забони оммафаҳм даркор”, “Дар гирди забони адабии тоҷик чӣ менависанд?” [2007: 42-51; 83-89], Мунирхон Муинзода “Дар атрофи масъалаи забони адабӣ-китобӣ” [2007: 72-76], Садриддин Айнӣ “Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ”,

[1] Минбаъд «Забон…»

“Забони тоҷикӣ” [2007: 77-82], Обид Исматӣ “Забони адабии тоҷикӣ чӣ гуна мешавад?” [2007: 100-105], Баҳриддин Азизӣ “Ба забони дарӣ дурри суханро суфтан мехоҳем” [2007: 105-111], Абдулқодир Муҳиддинов “Дар бораи забони адабии тоҷик” [2007: 122-133], Абдулвоҳиди Мунзим “Дар бораи забони адабии тоҷик” [2007: 140-145] аввалин андешаҳо дар мавриди забони ВАО, хусусан рӯзномаҳо, дар маҷаллаи “Роҳбари дониш” ва рӯзномаи “Овози тоҷик” чоп гардиданд. Муаллифони ин мақолаҳо – фарзандони фарзонаи ин миллат, равшанфикрони тоҷик буданд, ки ҳадафи асосии онҳо ҳимоя, тоза ва покиза нигоҳ доштани забони адабии тоҷик буд. Дар раванди кор ба онҳо истинод карда мешавад.

Дар забоншиносии тоҷик омӯзиш ва таҳқиқи забон ва услуби ВАО дар сатҳи матбуот шуруъ шудааст. Ҳанӯз аз солҳои 20-уму 30-юми асри гузашта олимону муҳаққиқони тоҷик ба таҳқиқи масъалаҳои мухталифи забони матбуоти тоҷик рӯй оварданд, ки ин анъана то ҳанӯз давом дорад. Дар ин ҷода хизмати забоншиносону адабиётшиносони маъруфи тоҷик С. Айнӣ, М. Юсуфзода, Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, О. Исматӣ, Н. Маъсумӣ, М. Шакурӣ, Ш. Рустамов, Т. Бердиева, Б. Камолиддинов, М. Қосимова, Ӯ. Холиқназар, Р. Ваҳҳоб, М.Ҷ. Мирзоева, М.Р. Ҷӯраева, М.М. Мирзоева, М. О. Ҷумъаев, Ҳ.О. Сафаров, Б.Ғ. Шодиев ва чанде дигаронро зикр кардан муносиб аст.

Дар мавриди омӯзиши забони васоити ахбори омма[2] ҳаминро зикр кардан лозим аст, ки дар ин раванд кор аз таҳияи мақолаҳои ҷудогона оғоз шудааст. Ба ин мақолаи донишманди тоҷик Т. Зеҳнӣ “Забони “Овози тоҷик” [Забон..., 2007: 96–99]-ро мисол овардан мумкин аст. Он эҳтимол аз аввалин мақолаҳои илмие ба ҳисоб меравад, ки ба забони рӯзномаи “Овози тоҷик” бахшида шудааст ва дар он вазъи забони рӯзнома арзёбӣ мешавад. Мақолаи дигари Т. Зеҳнӣ “Фикри ман дар бораи забони чопагӣ” ба тоза нигоҳ доштани забони адабии тоҷик бахшида шуда, ки мақсади асосӣ аз ҳисоби хазинаи халқ, яъне

[2] Минбаъд ВАО

калимаҳое, ки дар байни мардуми тоҷики кӯҳистонӣ мавҷуданд, аз қабили таъбирҳо, киноя, суханони падарон, ки барои зеби сухан кор мефармоем, гирд оварда истифода бурдан лозим аст [Забон…, 2007: 52-64].

Баъдан дар мақолаҳои ҷудогонаи С. Айнӣ, М. Ҷ. Юсуфзода, Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, О. Исматӣ, Б. Азизӣ, А. Мунзим тозагии забони адабии тоҷик, хусусан, забони матбуот мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [ниг.: Забон ва худшиносии миллӣ, 2007].

Омӯзиш ва таҳқиқи илмии забони ВАО дар забоншиносии тоҷик дар нимаи дуюми асри XX сурат гирифт, ки аввалин таҳқиқоти монографӣ ба қалами Турдихон Бердиева мансуб аст. Мавсуф соли 1969 бо номи “Иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси материалҳои матбуоти солҳои 20-ум)” таҳқиқоти мукаммалро ба анҷом расонидааст, ки баъдан он дар шакли монография ба табъ расидааст. Як хусусияти муҳимми ин таҳқиқот дар он аст, ки вожаҳои арабӣ тавассути усули оморӣ дар забони матбуоти солҳои 20-ум ва забони матбуоти солҳои 60-ум баррасӣ гардидааст. Дар асоси муқоиса бо калимаҳои иқтибосии арабии ду давра муаллиф ба хулосае меояд, ки аксари калимаҳои маъмули арабии матбуоти солҳои 20-ум дар ин давра аллакай аз истеъмол баромадаанд. Соли 1991 монографияи дуюми Т. Бердиева доир ба иқтибосоти арабӣ бо номи *«Назарияи иқтибос»* [1991] ба табъ расид, ки дар он бештар ба масъалаи назариявии иқтибосот таваҷҷуҳ карда шудааст.

Пас аз нимаи дуввуми асри XX омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи забони ВАО, хусусан матбуот, таваҷҷуҳи муҳаққиқонро бештар ҷалб намуд. Дар ин самт хизматҳои забоншинос Н. Маъсумӣ ва адабиётшинос М. Шакурӣ дар таҳқиқи забони матбуот хеле назаррас аст.

Н. Маъсумӣ дар мақолаҳояш «*Масъалаҳои муҳимми меъёри забони адабии ҳозираи тоҷик*» [1980: 330-337], «*Доир ба маданияти сухан*» [1980: 337-346], «*Чуноне ё чунон ки*» [1980: 347-349] асосан, ба масъалаҳои меъёри луғавӣ, грамматикӣ, услубии забони адабии тоҷикӣ диққат дода бошад ҳам, мақсадаш ҳушдор додани қаламкашон – нависандагону

журналистон будааст. Дар мақолаҳои номбурда дар баробари масъалаҳои гуногуни грамматикаи забони тоҷикӣ ба истеъмоли дурусти калима, истилоҳот ва калимаҳои хусусияти варваризмдошта аҳаммият дода шудааст.

Пас аз мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ва соҳибистиқлол гаштани ҷумҳуриамон забони тоҷикӣ давраи нави такомулро аз сар гузаронд. Дар фазои иттилоотии Тоҷикистон рӯзномаву ҳафтаномаҳои хусусиву давлатӣ падид омаданд, ки тадричан гуногунандеш буданд. Маълум аст, ки дар саҳфаҳои онҳо доираи густурдаи ашхоси сатҳи забондонию забоншиносиашон гуногун қалам меронанд. Навиштори аксари муаллифони мақолаҳо аз ғалатҳою печидагиҳои забонӣ орӣ набуд. Агарчи ин ҳолати номатлуб, аз як тараф, забоншиносонро бештар ба ташвиш оварда бошад, аз тарафи дигар, боиси ба миён омадани як қатор асарҳо доир ба забони васоити ахбори омма, бахусус матбуот, гардид [ниг.: Б. Камолиддинов 2001; 2005; 2007, М. Қосимова 2005, Ӯ. Холиқназар 2000], ки ҷолиби диққатанд.

Соли 2000-ум Ӯ. Холиқназар таҳти унвони “Ғалат менависем” фарҳанги калимаҳои душвори забони тоҷикиро ба табъ расонид. Худи муаллиф дар сарсухани китоб зикр мекунад, ки *«Ва каминаро ба ин кор галатҳо, иштибоҳҳое, ки дар китобҳо, рӯзномаву ҳафтанома ва моҳномаву фаслномаҳо ба назар мерасанд ва аз Садо ва Симо садо медиҳанд, корбасти нодурусти вожаҳо, таркибҳо ва таъбирҳо аз ҷониби нависандагон, инчунин хатоҳое, ки аз ҷониби бархе аз баргардонандагони осори гузаштагон содир шуданд, водоштанд»* [Холиқназар, 2000: 5]. Дар ин рисола тарзи корбасти имрӯза ва шакли саҳеҳи калима дар такя ба луғатҳои пешиниён оварда мешаванд. Бояд гуфт, ки дар ин луғатнома, асосан, калимаҳои арабӣ шарҳ ёфтаанд. Луғати мазкур ба сифати роҳнамо арзиши баланд дорад.

Забоншинос Б. Камолиддинов дар китоби *«Сухан аз баҳри дигарон гӯянд»* [2001; 2015] паҳлӯҳои гуногуни забони матбуотро баррасӣ намудааст. Ӯ, пеш аз ҳама, ба истеъмоли калима, истилоҳ, иқтибосоти

арабӣ, воҳидҳои фразеологӣ, қолабҳои шаклсозиву калимасозӣ, воситаҳои грамматикӣ, ибораву ҷумла таваҷҷуҳ кардааст.

Дар маҷмуаи «Сухандонон сухан санҷида гӯянд» [2001] мақолаҳои илмии дар бораи забони матбуот таълифнамудаи профессор Б. Камолиддинов ҷой дода шудаанд. Фаслҳои «Забони матбуот ва ҳусни баён» ва «Сухан санҷида гӯянд»-и ин маҷмуа ба ғалатҳои калимасозиву ҷумлабандӣ бахшида шудаанд. Маҷмуаи «Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот» [2007] аз ҷумлаи таҳқиқоти солҳои охир доир ба забони матбуот анҷомдодаи профессор Б. Камолиддинов ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин дар як силсила асару мақолаҳо, ба мисли «*Дар бораи баъзе нуқсонҳои забони матбуоти тоҷик»*-и Б. Камолиддинов [2003], «*Матбуот ва забони он*»-и С. Мирзоев [2003], «*Нақши матбуот ва тарҷума дар ташаккули истилоҳоти забони тоҷикӣ*»-и С. Назарзода [2003], «*Баъзе нуқсонҳои тарҷума дар матбуот*»-и М.Ҷ. Мирзоева [2003], «*Баъзе масъалаҳои забони матбуот*»-и М. О. Ҷумъаев [2016] масъалаҳои гуногуни луғавӣ, грамматикӣ, услубии забони матбуот мавриди баҳс қарор гирифтаанд.

Забон рукни муҳимми давлату миллат аст ва ҳамеша ба ғамхорию дилсӯзӣ ниёз дорад. Агар ин дилсӯзӣ, аз як тараф, дар сатҳи миллӣ аз ҷониби сохторҳо ва мақомоти давлатӣ сурат гирад, аз тарафи дигар, таҳкими ин рукн ҳисси баланди масъулият ва муҳаббату муносибати дилсӯзонаи ҳар як шаҳрванд, хусусан, соҳибони забонро дар зинаҳои поёнтар ва ҳаёти рӯзмарра тақозо менамояд. Ин аст, ки аз Президенти кишвар Э. Раҳмон шуруъ карда то олимону зиёиён пайваста тағйиротҳои дар ҷомеа ва забон бамиёномадаро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Аз ҷумла, академик М.Шакурӣ дар китобаш «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад», профессор Б. Камолиддинов дар «Сухан аз баҳри дигарон гӯянд», «Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот», ҳамчунин силсилаи мақолаҳояш, М.Н. Қосимова дар «Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан», Ӯ. Холиқназар дар «Ғалат менависем» ва дигарон дар

таълифоти худ як қатор падидаҳои номатлуби забони матбуоти тоҷикро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Олими рус Л. Сквортсов дар мавриди забони адабии рус гуфта буд, ки «*Баъзе дигаргуниҳо забонро ганӣ мегардонанд (зеро талаботи нави фикру робитаро қаноат мекунонанд), аммо баъзеи онҳо, баръакс, забонро ба бенавоӣ меоранд, ягонагии забонро ба сӯйи вайронӣ мекашанд, ганҷинаи онро кам мекунанд»* [Сквортсов, 1981: 160-161].

Дар ҳақиқат, на ҳар калимаву иборае, ки соҳибони забон, алалхусус қаламкашон, ба забон ворид мекунанд, қобили қабул аст. Аввал ин, ки онро ҳазм кардани мардум мушкил мешавад. Сониян, он ба табиати забони тоҷикӣ бегона аст, яъне ба меъёри забони мо мувофиқ нест. Чунончи, ба ҷойи калимаҳои маъмули «асосӣ», «муҳим» ворид шудани вожаи *калидӣ*. Ин калима дар нутқи баъзеҳо роиҷ шуда бошад ҳам, дар ибораҳои *роҳбарияти калидӣ, проблемаҳои калидӣ, мушкилоти калидӣ, нақши калидӣ* чандон табиӣ наменамояд. М. Шукуров дар «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» менависад: *«Забон ҳамеша дигар мешавад ва баробари замон сифатҳои тоза пайдо мекунад. Ин сифатҳои тоза забонро баробари ҷомеа пеш мебаранд ва ба он имкон медиҳанд, ки ба ҳама хостаҳои нав ба нави пешрафти ҷомеа ба хостаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангиву маънавии он сари вақт посух гӯяд. Лекин ин пешрафт ҳамеша як раванди мураккаби зиддиятнокест ва хусусан дар даврахои инкишофи пурсуръату пурталотум зиддиятҳои он меафзояд. Дар ин ҷо диалектикаи тараққиёти таърихӣ зоҳир мешавад. Аз ин рӯ на ҳар чизи наве, ки дар забон пайдо мешавад, ҳодисаи мусбат аст»* [Шукуров, 1985: 19].

Ин гуфтаи донишманди маъруф ба он далолат мекунад, ки вазифаи соҳибзабонон он аст, ки пеши роҳи бесомониҳоро дар забон гиранд, барои қувват гирифтани тамоюлоти тозаи пурсамар ёрӣ диҳанд. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи меъёрҳои забони адабӣ ва дигаргуниҳои наве, ки аз ин меъёрҳо фарқ мекунанд ё хилофи онҳо менамоянд, мувофиқи мақсад аст. Вазифаҳо гуфта он чизро дар назар дорем, ки калимасозӣ, ибораорӣ ва

ҷумлабандии забони ВАО-ро омӯзем, дурустиву нодурустии онҳоро муайян кунем, санҷем ва ба муҳокимаи омма барорем. Албатта, хулосаи саҳеҳтаринро дар заминаи меъёри забони адабӣ баровардан мумкин аст. Забоншиноси варзидаи тоҷик профессор М.Н. Қосимова дар ин маврид менависад: «*…забони ахбори омма – матбуот, телевизион, радио – ба нутқи шифоҳии мардум нақши бузурги худро мегузорад (ҳам дар дуруст ва ҳам дар нодуруст корбаст кардани воҳидҳои забонӣ). Аз ин сабаб риоя шудани меъёрҳои забон дар саҳифаҳои матбуот, дар радио, дар телевизион барои нигоҳ доштани покизагиву фасоҳату назокати забон ёрӣ мерасонад*» [Қосимова, 2005: 7].

Яке аз таҳқиқгарони сермаҳсули забони матбуоти тоҷик Б. Камолиддинов ба масъалаи тозаву беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, бо забони адабии гуфтугӯйӣ сухан рондани соҳибзабонон, бе ғалат гуфтану навиштани ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, як қатор мақолаву асарҳои пурқимати худро ба ин масъала бахшидааст. Китоби «Сухан аз баҳри дигарон гӯянд», «Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот», «Чанд мушкили гузоштани аломати вергул» китоби рӯйимизии қаламкашон ва аҳли эҷод аст. Муҳаққиқ дар бобати таваҷҷуҳи устодони забардасти каломи бадеъ ва сухансанҷон, аз қабили устод Айнӣ, А.Деҳотӣ, Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, Н. Маъсумӣ, М. Шукуров, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Б. Тилавов ва дигарон менависад: «*Мутаассифона, бо сабабҳои воқеию зеҳнӣ дар ҳамаи давраҳои мавҷудияти худ забони рӯзномаву маҷаллаҳои мо аз нуқсонҳои таҳрир фориг набудааст ва ин боисии нороҳатии устодони каломи балег ва сухану нуктасанҷон гардидааст»* [Камолиддинов, 2015: 10].

Ба қатори асару мақолаҳои публисистиву илмии ба низоми радио дар Тоҷикистон бахшидашуда таълифоти муҳаққиқон А. Саъдуллоев [2008], И. Усмонов [1995], А. Азимов [2005], С. Гулов [2005], С. Хоҷазод [2006], Д. Рустамова [2019], О. Саидзода [2019], собиқадори радио Қ. Дайламӣ [1975], китоби “Ошёни булбулон” [1990] ва мақолаҳое, ки дар бораи радио нашр шудаанд, дохил мешаванд. Нахустин очерки мухтасар

оид ба радиои тоҷик китоби “Парвози сухан”-и В. Шарифов ва В. Волков [1967] дониста мешавад, ки дар бораи таърихи пайдоиши радио дар Тоҷикистон ва фаъолияти кормандони эҷодиву техникии он дар солҳои 1945-65 маълумот медиҳад. Асарҳои С. Раҳматов “Минбари савту калом” [2001] ва “Хотираи неки ашхоси арҷманд” [2007] моҳияти хотиравӣ-публитсистӣ дошта, ки дар бораи фаъолияти радиои тоҷик ва кормандони он маълумот медиҳанд. Таълифоти мазкур, асосан, таҳаввулотро дар низоми радиои Тоҷикистон ва шабакаҳои он дар бар мегиранд. Рисолаи У. Начмиддинова “Махсусияти жанрҳо дар барномаҳои субҳгоҳии радиои ҷумҳурӣ (дар мисоли радиоҳои “Тоҷикистон” ва “Ватан”)” [2012] ҳам қисман дар бораи радиои ғайридавлатии “Ватан” маълумот додааст.

Чи тавре ки мушоҳида кардем, дар мавриди забони матбуоти даврии тоҷик донишмандони соҳаи забону адабиёт нуқтаи назари худро баён кардаанд, аммо дар мавриди сифати барномаҳои ВЭА ягон таҳқиқоти ҷиддӣ анҷом наёфтааст. Ба истиснои баъзе қайдҳо ва ишораҳои устод М. Шукуров ва Б. Камолиддинов дигар таҳқиқот ба назар нарасиданд. Ҳоло фурсати он расидааст, ки забони воситаҳои электронии ахбор низ ба таври ҷиддӣ омӯхта шавад, зеро камбудиҳое, ки дар саҳифаҳои матбуот дучор мешаванд, дар барномаву гуфторҳои радиову телевизион ва сомонаҳои интернетӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Бинобар ин таҳқиқи забони барномаҳои воситаҳои электронии ахбор (ВЭА)-ро айни муддао медонем ва дар рисола забон ва услуби барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда мусоидат менамоянд. Мавзуи мазкур як қисмати нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Аҳаммияти мавзуи мавриди назарро ба инобат гирифта, муаллиф мақсад гузоштааст, ки дар асоси маводи гуфторҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» хусусиятҳои савтӣ, луғавию фразеологии забони зиндаи тоҷикиро мавриди омӯзиш қарор диҳад. Азбаски барномаҳои фарҳангиву фароғатии радио ба аудиторияи васеи шунавандагон нигаронида шудаанд, журналистон бо маҳорати худ бояд диққати онҳоро ҷалб намоянд, аз ин рӯ онҳо бояд дониши мукаммали забонӣ дошта бошанд, то барномаашон ҷолибу шуниданӣ гардад. Ин ҷиҳати фаъолияти радио низ паҳлуи дигари таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои ба даст овардани мақсади асосии таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

– муайян намудани нақши барномаҳои фарҳангӣ дар ташаккул ва такомули забони адабии тоҷикӣ;

– омӯзиши таърихи ташаккули барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои “Тоҷикистон”;

– таҳқиқи дараҷаи омӯзиши мавзуъ дар забоншиносии тоҷик;

– таҳқиқи хусусиятҳои савтии барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавии барномаҳо;

– муайян намудани хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ;

– таҳқиқи риояи меъёри забони адабӣ дар истифодаи воҳидҳои забон дар гуфторҳои радио;

– нишон додани саҳми журналистони радио дар рушди забони адабии муосири тоҷикӣ;

– нақши воситаҳои муассири нутқ дар барномаҳои радио.

Объекти таҳқиқ баррасии хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» аз нуқтаи назари медиалингвистика мебошад.

Предмети таҳқиқ. Предмети таҳқиқро хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» ташкил медиҳад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Дар ҷараёни таълифи рисола мо ба нуқтаи назари забоншиносони хориҷию ватанӣ В.В. Виноградов, Л.С. Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, Г.С. Голева, С.В. Хушенова, Т.Г. Добросклонская, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, М.Шукуров, М.Муҳаммадиев, Ҳ.Маҷидов, Б. Камолиддинов, Т.Н. Хаскашев, С. Хоҷазод, М.М. Мирзоева, М.Р. Ҷӯраева, М.О. Ҷумъаев, Ҳ.О. Сафаров, О. Матхолов ва як қатор олимони дигар такя намуда, хусусиятҳои овоӣ, луғавию маъноӣ ва фразеологии матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои “Тоҷикистон”-ро мавриди омӯзиш қарор додем. Инчунин ҳангоми таҳлили мисолҳо ба «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони адабии ҳозираи тоҷик»-и М.Фозилов [1963-1964], «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [1969], «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [2008], «Лексико-фразеологический словарь русского языка»-и А.В. Жуков [2003], «Луғати истилоҳоти хориҷӣ» [1955], «Луғати истилоҳоти хориҷии мактабӣ (А-Я)»-и В.А. Одинсов [1983] мурочиат намудем.

Асосҳои методологии таҳқиқро осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба фонетика, лексика ва фразеология ташкил намуданд.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ як қатор барномаҳои фарҳангиву фароғатии Радиои «Тоҷикистон», аз қабили “Дилошно” (1), “Орази наво” (4), “Маърифат” (16), “Меъроҷи андеша” (10), “Ҳамзамон” (16), “Ҳамроз” (1), “Авранг” (2), “Бо моҳу парвин” (3), «Аз табори хуршед» (3), «Достони меҳр» (3), «Озодазодагон» (2), «Дар олами савту наво» (2), «Дар паноҳи Ватан» (2), «Шом ба хайр» (1) ва ғайраҳо, ки дар тӯли солҳои 2013-2021 шунавонида шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Бори аввал дар асоси барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» хусусиятҳои забони зинда ва услуби он, риояи меъёри забон дар интихоб ва истифодаи воҳидҳои

забон мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Он кӯшиши аввалин барои маънидод кардани унсурҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологӣ мебошад, ки дар матни барномаҳо корбаст гардидаанд. Дар рисола мо ҳангоми таҳлили мавод дар истифодаи дуруст ва нодурусти воҳидҳои савтӣ, калимаву истилоҳот, категорияҳои семантикӣ ҳамеша меъёри забони адабиро ба инобат гирифта, то кадом андоза бамавқеъ, дуруст ва нишонрас кор фармудани дурдонаҳои забонро аз нигоҳи услубшиносӣ дида баромадем.

Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Таърихи ташаккули барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон», давраҳои ташаккули он; нақши он дар инъикоси масъалаҳои худогоҳиву худшиносии миллӣ, тарбияи фарҳангӣ, тарғиби идеяҳои ватандӯстӣ, тарғиби ҳунару фарҳанг, омӯзиши забони миллӣ таҳқиқ карда шуданд.

2. Хусусиятҳои савтии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон», нақши падидаҳои овозӣ дар матни барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ, ҳамнишинии фонемаҳо дар калима, мавқеи зада дар талаффузи калимаҳо, фонемаҳо дар ҷараёни гуфтор, нақши оҳанги гуфтор дар барномаҳо муайян гардиданд.

3. Нақши воҳидҳои луғавӣ дар ташаккули матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон», мавқеи калимаҳои аслӣ, иқтибосӣ, умумиистеъмол, адабии китобӣ ва таърихӣ дар он ошкор карда шуданд.

4. Мавқеи воҳидҳои фразеологӣ ва ифодаҳои маҷозӣ ҳамчун воситаҳои муассири забон дар матни барномаҳо исбот ва нуқсони истифодаи ин воҳидҳои забон дар барномаҳо нишон дода шуданд.

5. Нақши категорияҳои семантикӣ – калимаҳои сермаъно, антонимҳо ва синонимҳо, дар таҳия ва ғановати муҳтавои матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» дар заминаи маводи амалӣ муайян гардиданд.

6. Риояи меъёри забони адабӣ дар матни барномаҳо дар интихоби воҳидҳои забон мавриди баррасӣ қарор гирифта, бурду бохти радио дар ин самт қайд гардиданд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назарии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои аз диссертатсия бадастомада то андозае ҷанбаҳои назарии забони ВАО-ро пур карда, дар пайдо кардани маълумоти назариву амалӣ роҷеъ ба таърихи ташаккул, забон ва услуби барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» ва амсоли ин ба муҳаққиқони ҷавон ёрмандӣ хоҳад кард. Ин таҳқиқот дар оянда метавонад, ҳамчун рисолаи бунёдӣ барои корҳои илмии ба забони ВАО бахшидашуда хизмат намояд.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он дар таълими курсу семинарҳои махсус, корҳои амалӣ аз фанҳои медиалингвистика, лексикология, фразеология ва услубшиносӣ, таълифи дастури таълимӣ доир ба забони ВАО, тарбияи журналистони ҷавон, хоса ровиёни барномаҳои радиову телевизион, навиштани корҳои курсиву дипломӣ ва рисолаҳои хатм мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин чун мактаби маҳорати эҷодӣ барои журналистони ҷавон хоҳад буд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои “Тоҷикистон”» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Масъалаҳои асосии дар диссертатсия таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ шуда, муаллифи он хусусиятҳои овоӣ, луғавӣ ва фразеологии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»-ро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Мазмуну мундариҷаи таҳқиқот дар конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардидаанд.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки 4-тояш дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст ва феҳристи он дар охири фишурдаи рисола оварда шудааст.

Рисола дар ҷаласаи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба дифоъ пешниҳод гардидааст (Суратҷаласаи №3, аз 18.04.2022).

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисола аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, хулоса, феҳрасти адабиёт таҳия гардида, 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил менамояд. Феҳрасти адабиёт 157 номгӯйи осори илмиро дар бар мегирад.

БОБИ 1. БАРНОМАҲОИ ФАРҲАНГИВУ ФАРОҒАТИИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН» ВА ХУСУСИЯТҲОИ САВТИИ ОН

1.1. Аз таърихи ташаккули барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ

Радио дар низоми васоити электронии ахбори омма ҷойгоҳи муносиб дошта, чун воситаи тавонои тарғибу ташвиқ ва василаи сареи расонидани иттилоъ барои ташаккули афкори ҷомеа нақши калон мебозад. Радиои «Тоҷикистон» садои дили мардуми Тоҷикистон ва тамоми тоҷикони ҷаҳон аст. Ин расонаи муҳимми хабарӣ, пеш аз ҳама, барои инъикоси саривақтии амру фармон ва дастурҳои роҳбарияти Тоҷикистон, тарғиби ғояҳои сулҳ, ваҳдат ва худогоҳии миллӣ нақши муассир мегузорад. Радиои «Тоҷикистон» воситаи муҳимтарини ташвиқу тарғиби ғояҳои худшиносӣ, худогоҳии миллӣ, хештаншиносӣ, кашфи истеъдодҳои наву тоза мебошад. Он барои баланд бардоштани маърифати зеҳнии мардум, маънавиёти ҷомеа, боло бурдани савияи таълиму тарбия хизмат менамояд.

Агар Радиои «Тоҷикистон» дар соли таъсисёбиаш (10-уми апрели соли 1930) ҳар рӯз ҳамагӣ дар ҳаҷми 5 дақиқа ахбор ва барномае бо номи «Радиогазета» дошта бошад, имрӯз ҳамчун як расонаи муқтадир, тавоно ва дастрастарини ахбори омма дар як шабонарӯз тавассути чаҳор шабака дар ҳаҷми 96 соат бо ҳашт забон барнома пахш мекунад. Ҳайати эҷодии ин расона дар робита ба тағйироти рӯзафзуни ҳаёти ҷомеа, дигаргунсозиҳои сиёсиву иқтисодӣ, ба миён омадани падидаҳои нави фарҳангӣ ва ҳамқадами замон намудани барномаҳо пайваста гуфтору барномаҳои навро рӯйи кор меоранд. Саҳми радио дар ташаккули худшиносиву ваҳдати миллӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон боз ҳам муассиртар аст ва ҷомеаи имрӯзаро бе радио тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Радио на танҳо барандаи ахбори навин аст, он ҳамчунин мушовир, носеҳ, тарғибкунанда, созмондеҳу маърифатомӯз аст.

Вобаста ба пешрафти ҷомеа ин расона фаъолияти худро пайваста такмил медиҳад, таҳким мебахшад ва ҳамқадами ҷомеа мегардад. Ин

талаботи замон аст. Хусусан, солҳои охир майдони фаъолияти ин расона боз ҳам васеъ гардида, барномаҳо аз ҷониби шунавандагон ҳамовозӣ пайдо менамоянд. Пажуҳиш нишон дод, ки ҳаҷми гуфторҳои иттилоотӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабиву драмавӣ, мусиқӣ ва ғайра зиёд шуда, сафи шунавандагон меафзояд. Тамоили гуфтугӯйи озоду самимӣ, усули хоси суханронии ҳар фард ҷойи қироати маҷбурӣ ва услуби қолабиро иваз карда, гуфторҳои мустақим, суҳбатҳои телефонӣ, студияҳои сайёр, вохӯриҳо дар барномаи «Микрофони озод» бо ашхоси масъули соҳаҳои гуногун ҷойи барномаҳои куҳнаро иваз кардаанд. Аммо рисолати аслии радио – пахши фаврии иттилоъ ва тафреҳ бахшидан ба ҷомеа ҳанӯз аҳаммияти худро гум накардааст, зеро ҷомеаро бе иттилоъ ва маърифату тафреҳ тасаввур кардан мумкин нест. Ин аст, ки имрӯз шабакаҳои нави радиоӣ, асосан, бо формати ахбору мусиқӣ пахш гардида, таваҷҷуҳи аудиторияро ба худ ҷалб менамояд.

Фарҳанг ҷузъи муҳимтарини тамаддуни инсоният аст. Он маҷмуи дониш, маърифат ва тафаккури инсонист, ки зимни омӯзиш тадричан шакл гирифта, камол меёбад, аз ин рӯ ҳамеша ҷомеа ба одамони бофарҳанг такя мекунад, зеро инсонҳои дорои фарҳангу тамаддун ҷомеаи нав месозанд ва ҳаёти муфарраҳро барои инсоният муҳайё мегардонанд. Бесабаб нест, ки баъди таъсиси радио дар Тоҷикистон КМ ҲК (б) дар маҷлисҳои худ ба Кумитаи радиошунавонӣ дастур медод, ки асарҳои адибон ба воситаи радио тарғибу ташвиқ карда шаванд [Азимов, 2005:16].

Радиои «Тоҷикистон» аз рӯзҳои аввали таъсисаш ҳаёти адабӣ ва фарҳангии ҷумҳуриро ҳамвора тарғиб менамуд, адибону арбобони санъат меҳмони доимии он буданду ҳастанд. Аз ин минбари баланд садои ҳаҷмаи адибону олимони тоҷик, ҳунармандон, арбобони фарҳанг пахш гардидааст. Мутобиқи пажуҳиши муҳаққиқи радиои «Тоҷикистон» С. Хоҷазод, идораи фарҳангу фароғатии радиои «Тоҷикистон» соли 1932 чун қисми адабӣ, баъдан сектор, гурӯҳ, соли 1951 идораи бадеию мусиқӣ вуҷуд дошта, соли 1959 саридораи бадеию

мусиқӣ ташкил ёфт, ба сифати саридораи алоҳидаи адабию драмавӣ соли 1966 ташкил гардид, аз соли 1989 бо номи саридораи адабиёт ва ҳунар, солҳои 2006 идораи фарҳангию фароғатӣ вуҷуд дошт [Хоҷазод, 2009: 613]. Ҳафтае як маротиба (45 дақиқа) ба забони русӣ низ гуфтор пахш менамуд. Доманаи мавзуву мундариҷаи барномаҳояш ниҳоят бой буда, аз жанрҳои публисистиву бадеӣ, ҳикояи радиоӣ, лавҳа, очерк, композитсия ва жанрҳои дигари радиоӣ, ба мисли мусоҳиба, мубоҳиса, муколама, суҳбат, шарҳ бештар истифода мешуданд. Идора соли 2015 бо сабаби он ки радиои «Фарҳанг» фазои фарҳангии мамлакатро мукаммал намуд, барҳам хӯрд ва қисми зиёди кормандонаш фаъолиятро дар радиои «Фарҳанг» идома доданд.

Идора тӯли 91 соли фаъолияти худ ҳазорҳо барномаҳои бунёдии гуногунжанрро таҳияву пахш намудааст. Рубрикаю унвонҳои гуфтору барномаҳо чунинанд: «Шунавонидани адабӣ» (Гуфтори адабӣ), «Радиотеатр», «Радиокомпозитсия», «Радиопйеса», «Нависанда ва замон», «Қаҳрамони рӯзҳои мо», «Шунаванда ва нависанда», «Ватан ва фарзандон», «Минбари адиб», «Дафтари ёдбуд», «Портретҳои эҷодӣ», «Дурдонаҳои адабиёти классикӣ», «Оҳангҳои дӯстӣ», «Навои дӯстон», «Адабиёти халқҳои Шарқ», «Радиоуниверситети маданият», «Сабтҳои нав», «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад», «Шаби мазҳака», «Радиотеатри мазҳака», «Адаб», «Чашмасор», «Гулчин», «Чашма», «Панди бузургон», «Одоби рӯзгор», «Гулдастаи дӯстӣ», «Забон ва ҳусни баён», «Паёми бародарӣ», «Гулшани адаб», «Шаби назм», «Ҳусни сухан», «Ситораҳои замин», «Дар диёри дӯстон», «Дар меҳмонии адиб», «Вохӯрӣ дар театр», «Устодони каломи бадеъ», «Хониши адабӣ», «Илҳом», «Кохи бегазанд», «Анис», «Радиокитобхона», «Мерос», «Маънии рӯзгори мо», «Муколама», «Оламафрӯз», «Сафинаи ниёгон», «Нидои аср», «Оинаи таърих», «Солномаи адабӣ», «Дунё хонаи мост», «Равшангари дилҳо», «Рангинкамон», «Рози дил», «Навоҳанг», «Сумане аз чамане», «Зулхома», «Ёднома», «Гулҳои худрӯй», «Дарсхонаи одамият», «Чашмандоз», «Фарҳанг», «Шакарханд», «Насиҳат гӯш кун,

ҷоно», «Садои дӯст», «Гулбонги нимашаб», «Қиссаҳои шабафрӯз», «Дар меҳмонии достонсаро», «Фарҳангистон», «Аз хазинаи радио», «Насри муосир», «Тарҷумаҳои нав», дар даврони истиқлоли ҷумҳурӣ – «Ситораҳои беғуруб», «Чорбоғи ханда», «Дар масири таърих», «Сафина», «Арт-панорама», «Чароғи ҳунар», «Шаби назм», «Фурӯғи субҳи доноӣ», «Рӯ ба хуршед», «Гулафшон», «Забонаҳои сабз» ва ғ.

Барномаҳои идораи фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»-ро мо дар иртибот ба марҳилаҳои рушди радиои «Тоҷикистон» ба панҷ давра гурӯҳбандӣ намудем, ки ҳар давра махсусияти ҳудро дорад.

Давраи аввал солҳои **1931-1941**-ро дар бар мегирад, ки онро давраи пайдоиш ва ташаккули идора номидан мумкин аст. Дар ин давра барномаҳо ба қолаби муайян даромада, мукаммал шуданд. Дар ин солҳо барномаҳои сектори адабӣ бо номи «Шунавонидани адабӣ» пахш мешуданд. Фикри моро муаллифи китоби «Таърихи радиои «Тоҷикистон»» тақвият медиҳад, ки барномаҳои адабӣ ҳафтае ду бор (15 дақиқагӣ) садо медоданд. Бо ном бурдани чанде аз матолиб метавон ба муҳтавои онҳо сарфаҳм рафт.

- Шунавонидани адабиамонро бахшида ба 10-солагии рӯзи вафоти нависандаи бузурги пролетарӣ М. Горкий сар мекунем (матолиб дар ҳашт саҳифаи чопӣ, 19.06.1946). Муҳаррир – Илёсбоев, муаллиф – Лутфуллоева, ровӣ – Раҳимов Абдусалом.

- Мақоларо ба муносибати 90-солагии рӯзи вафоти Чаадаев бо сарлавҳаи «Мутафаккири тараққипарвар» мешунавонем (12.03.1947, дар ҳафт саҳифаи чопӣ). Муҳаррир – Илёсбоев, муаллиф – Розман, тарҷумон – Лутфуллоева.

Ба ҳамин минвол, солҳои баъдӣ даҳҳо мақола бо номҳои «Нависандаи гениалӣ», «Шоири тараққипарвар», «Муборизи матини сулҳ», «Рассоми бузург», «Оҳангсози барҷаста» ва ғайра дар бораи Николай Гогол, Владимир Маяковский, Демян Бедний, Антон Чехов, Иам Вазов, Шота Руставелӣ, Тарас Шевченко, Иван Франко, Карел Чапек, Уилям Шекспир, Римский-Корсаков, Евгений Вахтангов ва дигар

намояндагони адабу фарҳанг ба гӯши шунавандаи тоҷик расидааст, вале аз адибону фарҳангиёни миллӣ камтар ёд шудааст [Хоҷазод, 2006: 46]. Аммо аз мутолиаи маҷмуаи «Таджикскому радио 50 лет» бармеояд, ки дар рӯзҳои аввали ташкили радио ёрии бузургро чунин олимон, аз ҷумла асосгузори адабиёти навини тоҷик С. Айнӣ, шоири инқилобӣ А. Лоҳутӣ, шоири халқии Тоҷикистон М. Турсунзода ва дигарон расонидаанд [Таджикскому радио 50 лет, 1980: 7]. Яъне аз ин бармеояд, ки аҳли илму адаб аз рӯзҳои аввали таъсиси ин расона бо он ҳамкорӣ намуда, афкори публитсистии худро аз тариқи он ба ҷомеа мерасонидаанд. Назари муҳаққиқони журналистикаи тоҷик А. Саъдуллоев ва С. Гулов низ ин фикрро тасдиқ мекунад: «Радио ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини бунёдаш дар ҳаёти маданӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ саҳми азим мегузошт» [Саъдуллоев, Гулов, 1997: 7]. Адибон зимни суханронӣ дастовардҳои ҳаёти навро васф ва ноҷӯриҳои замони куҳанро мазаммат мекарданд. Мардумро барои бунёди ҷомеаи навин, меҳнатдӯстӣ, оштинопазир будан бо низоми капиталистӣ даъват мекарданд ва барномаҳо низ чунин хусусиятро ба худ касб карда буданд.

Замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ давраи махсус дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла радио мебошад, ки сектори адабӣ аз он истисно нест. Хусусияти асосии барномаҳои ин давр дар он зоҳир мешаванд, ки барномаҳо хусусияти сафарбаркунӣ ва даъват касб кардаанд. Адибон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Сотим Улуғзода, арбобони фарҳанг Муҳаммадҷон Қосимов, София Тӯйбоева, Гулчеҳра Бақоева, Туҳфа Фозилова, Авнер Муллоқандов, Шамсӣ Ҷӯраев, Мирбобо Зиёев ва дигарон пайваста дар гуфторҳои радио ширкат меварзиданд. Ҳарчанд дар замони ҶБВ баъзе аз кормандони радиои «Тоҷикистон» ихтиёран ба фронт рафтанд, аммо фаъолияти радиои «Тоҷикистон» қатъ нашуд. Дар барномаҳо ахбори ТАСС, хабарҳо аз фронт мавқеи асосиро ишғол мекарданд. Барномаҳои «Мактуб аз фронт», «Мактуб ба фронт», «Дар ҳимояи Ватан», «Дар оилаи ягона»,

«Иттиҳод», «Садои дил», «Аскари шуҷоъ» садои дили мардумро барои ҳимояи Ватан ифода менамуданд. Аз рӯзҳои аввали ҷанг тавассути радиои ҷумҳурӣ одамони номдору шуҳратёр – арбобони ҳизбию давлатӣ, пешқадамони истеҳсолот, адибон, олимон, аҳли фарҳанг суханронӣ карда, маррдумро ба меҳнати фидокорона дар ақибгоҳ, ватандӯстӣ, ҳимояи Ватан даъват мекарданд. Памфлетҳои устод Айнӣ «Деви ҳафтсар» ва «Чингизи асри ХХ», ки моҳҳои аввали ҷанг навишта шудаанд, дар сектори адабӣ таҳия гардида, тариқи радио қироат гардидаанд. Бинобар нақли собиқадори радио Ҳалима Насибулина, дар он замони тақдирсоз беш аз ҳама устод Абулқосим Лоҳутӣ фаъол буд, пайваста меҳмони идораи радио гардида, ҳамватанонро ба заҳматдӯстӣ, ватанпарастӣ, матонату диловарӣ даъват менамуд, аз ашъори худу классикони адабиётамон шеърҳои ватандӯстона мехонд, баъзан аз ғояти эҳсоси бадбинӣ ба душман бо лаҳни форам сурудҳои ба мавзуи рӯз мувофиқро бе мусиқӣ адо менамуд, дар дили ҳамдиёрон сурур меандохт.

Муҳаққиқ А. Азимов дуруст қайд мекунад, ки шоиру нависандагони бузурги тоҷик Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Тунсурзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Ҷалол Икромӣ ва дигарон дар назди микрофони радио бо шеъру публитсистикаи ватадӯстона ва ҳидоятгаронаи худ баромад карда, аскарон ва афсарони набардгоҳ ва одамони ақибгоҳро ба корнамоиҳои нав ба нави ҷангию меҳнатӣ даъват мекарданд [Азимов, 2005: 18]. Хидмати кормандони эҷодию техникии радиои «Тоҷикистон»-ро махсус қайд кардан бамаврид аст, ки новобаста ба мушкилоти зиндагӣ, вазифаи худро сарбаландона иҷро карда, тамоми нерӯи зеҳниашонро сарфи хидмат ба халқу Ватан менамуданд.

Солҳои 1945 то 1985*,* ки дар таърих давраи баъдиҷангӣ ва рукуд ёд мешавад, вале барои кормандони радио, бахусус сектори адабӣ, давраи бобарор буд. Дар ин давра (1945-1985) радиои «Тоҷикистон» ба як муассисаи воҳиду муташаккил табдил ёфт, дар сохтораш дигаргуниҳои назаррас падид омад, идораи барномаҳои бурунмарзӣ ва шабакаи шаҳрӣ

ба кор сар кард, доираи пахши гуфторҳо васеъ гардид ва ба ин васила садои радиои «Тоҷикистон» ба мамлакатҳои ҳамҷавору ҳамзабон ва минтақа дастрас шуд. Аз соли 1941 сабти барномаҳои калонҳаҷми саҳнавӣ ва ё намоишномаҳои радиоӣ (радиотеатр) ба ҳукми анъана даромад. Нахустин намоишномае, ки тавассути радио сабт ва шунавонида шуд, «Мутриби аъмо» ном дошт, ки соли 1947 аз рӯйи повести Владимир Короленко таҳия шуда буд. Намоишномаҳои «Сӯзании шоҳӣ» соли 1949 дар мавзуи ободониву азхудкунии Мирзочӯл, «Ромео ва Ҷулетта» ва «Отелло» аз рӯйи асари Шекспир соли 1948, «Занбӯр» аз рӯйи пйесаи Войнич соли 1948, «Лӯлиён» аз рӯйи достони Пушкин соли 1949 аз аввалин намоишномаҳое буданд, ки дар саҳнаи театр сабт гардида, баъди танзим ба воситаи радио садо доданд. Матни нахустин барномаҳои калонҳаҷми саҳнавиро аз забони русӣ адибон Абулқосим Лоҳутӣ, Ситсилиябону, Мирзо Турсунзода ва Сотим Улуғзода тарҷума намудаанд. Ҳалима Насибулина, Абдусалом Раҳимов ва Шамсӣ Қиёмов аз аввалин коргардонҳои барномаҳои калонҳаҷми намоишномаҳо буданд. Чунин барномаҳо бо номҳои «Радиокомпозитсия», «Радиоинсенировка», «Радиопйеса» ва «Радиомонтаж» дар байни шунавандаҳо маҳбубият пайдо карданд. Онҳо асосан дар саҳнаи Театри ба номи Лоҳутӣ сабт мегардиданд ва ё мустақиман намоиш дода мешуданд. Соли 1956 бори аввал аз рӯйи достони шоири маъруфи тоҷик Мирзо Турсунзода «Ҳасани аробакаш» радиокомпозитсия таҳия шуд. Ба нақшҳои Ҳасан – Абдулқодир Маниёзов, Садаф – София Тӯйбоева, духтар – Севарой Қосимова, аробакаш – Алиназар Хоҷаев овоз додаанд. Барандаи намоишнома Файзулло Ансорӣ буд. Соли 1960 асарҳои калонҳаҷм ба забони ӯзбекӣ низ шунавонида мешуданд. Аз рӯйи повести Саида Зунунова «Гулхан» (соли 1960), аз рӯйи романи Шароф Рашидов «Зӯртар аз бӯрон» (соли 1960) асарҳои калонҳаҷми саҳнавии ӯзбекӣ бандубаст шуда, пешкаши шунавандагон гардид. Баъдан, радиотеатрҳои ӯзбекӣ аз байн рафтанд ва барномаҳои калонҳаҷм танҳо ба забони тоҷикӣ таҳияву пахш мешуд.

Азбаски таваҷҷуҳи шунавандаҳо ба чунин намоишномаҳо зиёд буд, онҳо бештар шунавонида мешуданд. Солҳои 50-уму 60-ум намоишномаҳои радиоии «Бурҷи Кремл», «Шоҳ Лир», «Марги судхӯр», «Кӣ гунаҳкор?», «Духтари оташ», «Умри дубора» ва «Духтари ҳамсоя» таҳия ва шунавонида шуданд. Аксарияти чунин асарҳои калонҳаҷмро Ҳалима Насибулина коргардонӣ кардааст [Хоҷазод, 2006: 52-53.] Идора, ки аз соли 1951 бо номи идораи бадеию мусиқӣ вуҷуд дошт, табдили ном карда, аз соли 1966 ба сифати саридораи алоҳидаи адабию драмавӣ фаъолият намудааст.

Замони бозсозӣ (1985-1990) *барои ташаккули барномаҳои саридораи адабию драмавӣ давраи навро кушод.* Бозсозӣ чун раванди нав дар таҳаввулоти афкори ҷомеа пазируфта шуд. Дар тамоми соҳаҳо, ба вижа дар таҳаввулоти афкори ҷомеа, тағйирот ба амал омад. Гуногунандешӣ маҳаки аслии мазмуни маводи матбуот, радио ва телевизион шуд. Масъалаҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ, гиромидошти забон ва анъанаҳои миллӣ, тарғиби афкори худшиносӣ, осори ниёгон, даъват ба истиқлол, омилҳои бунёди давлати миллӣ дар матбуот бозтоби густурда ёфт. Ҳангоми пажуҳиши нақши барномаҳои фарҳангии радио дар рушди худшиносии ҷомеа маълум гардид, ки гиромидошти тамаддуни ниёгон, эҳтиром ба фарҳанги асили миллӣ, садоқат ба Ватану меҳанпарастӣ, пос доштани арзишҳои умумибашарӣ ҳанӯз солҳои 80-уму 90-уми қарни бист дар васоити ахбори омма мавқеи муҳим паидо кард ва мусалламан радио аз ин раванд дар канор намонд. Яке аз муҳимтарин коре, ки дар ин самт сурат гирифт, сабти «Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ» [Бойгонии радиои «Тоҷикистон», Сабти №337] буд. Бояд гуфт, ки аз рӯйи «Шоҳнома»-и безаволи Ҳакими Тӯсӣ дар Эрону Афғонистон хонишҳои бадеӣ, филмҳои ҳунарӣ ва радиофилмҳо бо услуб, шева ва усули гуногун таҳия гардидаанд, вале таҷрибаи радиои «Тоҷикистон» тафовуту вижагиҳои худро дошт. Дар Тоҷикистон «Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ» соли 1987 оғоз шуд. Шумораи аввалини «Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ» 3-юми августи соли 1987 сабт шудааст. Барои барҷаста ифода ёфтани

образҳо ва таъсирнок қироат намудани нақши ҳар як қаҳрамон шоирону нависандагон ва мутахассисони варзида ҷалб гардиданд. Устод Лоиқ Шералӣ садри маҷлис буд. Садои ҷозибаноки Сорбон, Саҳобиддини Сиддиқ, Бозор Собир, Гулнисо Замонӣ, Беранги Кӯҳдоманӣ, Назри Яздон, Низом Қосим, Хайруллоҳи Иброҳим ва дигарон моҳияту ҷанбаҳои равонии амали қаҳрамонҳо ва ҷараёни бархӯрди ҳодисотро ифода мекарданд. Ҳамкории намояндагони се кишвари форсизабон як навъ ҳамбастагии равонии мардуми ин кишварҳоро ифода менамуд. Ҳайати эҷодӣ 131 шумораи ин сабтро пешкаши шунавандагон кард. Сабти шумораи 131-ум 18-уми августи соли 1994 анҷом ёфт. Дар таҳияи 54 шумораи он коргардонҳои варзида Муқаддас Расулова ва Гулчеҳра Латифова саҳм гузоштанд. Коргардони бомаҳорат Хайруллоҳи Иброҳим ва муназзими овоз Маърифат Холиқова дар таҳияву бандубасти шумораҳои минбаъда заҳмат кашиданд. Бо сабаби мушкилоти вазъи иқтисодӣ сабти шумораҳои минбаъда 9 сол мавқуф монд. Ҳоло барои намуна ва таҳлил порае аз шумораи аввалро айнан меорем,

Ин ҷо Душанбе!

Сароҳанг

Барандаи 1: Басо ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,

Барандаи 2: Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

(Мусиқӣ дар пастманзар паст мегардад)

Барандаи 1: Басо ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,

Барандаи 2: Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

(Мусиқӣ баланд гардида, тадриҷан паст мегардад)

Барандаи 1: Маҳфили адабӣ ба истиқболи ҷашни ҳазораи «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ.

Барандаи 2: Садри маҳфил Лоиқ Шералӣ.

(Мусиқӣ баланд гардида, тадриҷан паст мегардад)[3].

[3] Ҳамон ҷо

Сипас, шоири шаҳири тоҷик Лоиқ Шералӣ омилҳои таҳияи барномаи вижаи радиоиро ба истиқболи ҷашни ҳазораи «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ ташреҳ дода руҷуъ мекунад, ки аз 3 қисм иборат аст. Қисмати аввал мақоми Фирдавсиро дар миёни шоирони ҷаҳон чунин бозгӯ мекунад. Садри маҷлис дар қисмати дуюми руҷӯи худ аз ҳашамати «Шоҳнома» сухан карда, онро тобноктарин гавҳари фарҳанги мардуми мо меҳисобад.

Лоиқ Шералӣ дар қисмати сеюми руҷуъ оид ба бунёди пайкараи Абулқосими Фирдавсӣ сухан мекунад. Садри маҷлис бо итминон мегӯяд, ки тандиси Фирдавсӣ пайкарае хоҳад буд сиришта аз меҳру ихлос, муҳаббати беқиёс ва умедҳои дароз.

Дар руҷуи садри маҷлис ҳадаф ва моҳияти «Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ» ба таври равшан иброз шудааст. Шумораи аввали «Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ», ки дар «Хазинаи тиллоӣ»-и радиои Тоҷикистон маҳфуз аст, 44 дақиқаю 7 сонияро дар бар мегирад. Муҳтавои ин шумораро бахшҳои «Андар фароҳам овардани «Шоҳнома», «Достони Дақиқӣ», «Андар оғози «Шоҳнома», «Достони Ҷамшед», «Достони Заҳҳок ва падараш» ташкил медиҳанд. Дар ибтидои ҳар шумора оид ба бузургии Фирдавсӣ шеъре қироат мегардад.

Як хусусияти хоси «Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ» аз он иборат буд, ки қабл аз қироати достоне садри маҷлис ҳатман муҳтавои он достонро бо наср ифода мекунад, ки барои ҷалби хотири шунаванда муассир аст. Чунончи, дар шумораи аввал фабулаи «Достони Ҷамшед» чунин ифода шудааст:

Лоиқ: «Шоҳнома» аз достони подшоҳии Каюмарс шуруъ мешавад, ки 30 сол мулуки Аҷам будааст. Каюмарсро писаре буд Сиёмак ном, ки аз дасти дев кушта мешавад. Сиёмак писаре дошт бо номи Ҳушанг. Ӯ ба назди ниёи хеш Каюмарс вайлакунон меояд, аз ӯ маслиҳат хоста, ба ҷанги дев меравад ва ӯро мекушад. Дар ин миён Каюмарсшоҳ низ аз ҷаҳон дармегузарад. Ҳушанг бар тахти подшоҳӣ менишинад. Ҳосил

кардани оташ ва бунёд ниҳодани ҷашни Сада ба номи Ҳушанг марбут аст. Пас аз 40 соли подшоҳии Ҳушанг писараш Таҳмураси девбанд ба тахти подшоҳӣ ҷулус мекунад. Пас аз 30 сол писари ӯ Ҷамшед ба тахти подшоҳӣ менишинад. Подшоҳии Ҷамшед 700 сол будааст. Чун ҳусни таваҷҷуҳи Фирдавсӣ ба Ҷамшед хеле зиёд аст, мо низ «Шаҳнома»-хониро аз «Достони Ҷамшед» шуруъ мекунем. Устоди муҳтарам (хитоб ба Маниёзов), оғози «Достони Ҷамшед» бо овози шумо шуруъ мешавад.

Маниёзов А.: Ташаккур («Достони Ҷамшед» бо садои Маниёзов оғоз мегардад)[4].

Дар ҳамаи шумораҳои «Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ» муҳтавои достонҳо бо наср бозгӯ гардида, садри маҷлис кӯшидааст, ҳангоми навиштани онҳо ҳадди ақал забони «Шоҳнома»-ро муаррифӣ намояд, ки ин робитаи мантиқии забони имрӯза ва «Шоҳнома»-ро барқарор мекунад. Шумораи аввал бо садои садри маҷлис Лоиқ Шералӣ, адибон Бозор Собир, Абдуқодир Маниёзов ва Саҳобиддини Сиддиқ тадвин шуда, овозҳо самимӣ ва ба ҳам қаробат доранд, ки як омили нуфузи зиёд пайдо намудани ин барнома маҳз дар ҳамин аст. Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ»-ро яке аз муҳимтарин ва мондагортарин барномаҳои идораи фарҳангии радиои «Тоҷикистон» шуморидан мумкин аст, ки барои боло бурдани савияи худшиносиву худогоҳии мардум нақш мебозад.

Дар баробари ин, дар даврони бозсозӣ кормандони идораи адабӣ-драмавии радиои «Тоҷикистон» гуфтору барномаҳои нав бо номҳои зебою шево ва мазмунан пурмуҳтаворо таҳия мекарданд, аз қабили, «Илҳом», «Кохи бегазанд», «Анис», «Радиокитобхона», «Мерос», «Маънии рӯзгори мо», «Муколама», «Оламафрӯз», «Сафинаи ниёгон», «Нидои аср», «Оинаи таърих», «Солномаи адабӣ», «Дунё хонаи мост», «Равшангари дилҳо», «Рангинкамон», «Рози дил», «Навоҳанг», «Сумане аз чамане», «Зулхамс», «Ёднома», «Гулҳои худрӯй», «Дарсхонаи одамият», «Чашмандоз», «Фарҳанг», «Шакарханд», «Насиҳат гӯш кун,

[4] Ҳамон ҷо

ҷоно», «Фурӯзон бод чароғи ҳунар», «Садои дӯст». Чунин аст номгӯйи нопурраи тозакориҳои идораи адабӣ-драмавии радиои «Тоҷикистон» дар солҳои 1980-1991.

Таҳқиқот маълум намуд, ки солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми қарни ХХ таваҷҷуҳи роҳбарият ва иштиёқи сомеон ба барномаҳои адабӣ ба маротиб афзуд. Таҳияи барномаҳои наву рангоранги фарҳангӣ ва фароғатию тафреҳӣ талабу хости замон гардид. Яке аз чунин барномаҳо «Гулҳои худрӯй» ном дошт, ки шумораи нахустини он 14-уми январи соли 1985 садо дод. Рубоӣ ва дубайтиҳои мардумиро дар шумораи аввал Дилбар Умарова ва Муҳаммадӣ Мирзоалиев қироат намуданд. Гуфтори дигари сершунавандаи барномаҳои адабӣ «Гулбонги нимашаб» ном дошт, ки шумораи нахустинаш 18-уми декабри соли 1986 дар асоси ашъори Ҷалолиддини Румӣ мураттаб шуд. Баъдан барномаи мазкур дар пояи осори шоирони классику муосир, аз қабили Одинамуҳаммад Маъдан, С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва дигарон омода мешуд.

Аз таҳқиқи барномаҳои радиои «Тоҷикистон» дар солҳои 60-70-уми қарни ХХ бармеояд, ки дар он солҳо ба масъалаҳои ҳувияти миллӣ, тоза нигоҳ доштани забони миллӣ, хештаншиносӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир мешуд. Агар дар ин маврид сухан мерафт, тарафҳои дигари ин масъалаҳо баррасӣ мешуданд. Барои мисол, дар солҳои 1975-1980 дар шабакаи аввали радиои «Тоҷикистон» барномаи «Забон ва ҳусни баён» таҳия мешуд, аммо моҳияташ дигаргун буд. Дар барнома ҳусни баёни норавони забони адабӣ матраҳ нашуда, забони асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазизи Сомӣ ва дигар адибонро донишмандони забоншинос тавзеҳ медоданд [Радиои Тоҷикистон. «Забон ва ҳусни баён», 1975.13.04.]. Аз ҷониби дигар, идораи адабии радио бештар ба асарҳои адибони рус ва ҷаҳон рӯй меовард. Ҳатто дар барномаи «Радиотеатри мазҳака» асарҳои адибони рус, англис, фаронса, чех ва ҷумҳуриҳои иттифоқ (СССР) саҳнавӣ гардонида мешуданд, вале ба асарҳои адибони тоҷик таваҷҷуҳ камтар буд. Дар барномаҳои русии солҳои 70-80-ум амсоли

«Ҳусни сухан», «Панорама», «ЛИК» роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти адибони русу хорича мавод таҳия мешуд.

Баъди солҳои 80-уми асри XX баррасии масъалаҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ дар радиои «Тоҷикистон» аз барномаҳои адабӣ шуруъ гардид, чунки, пеш аз ҳама, адабиёт дарси маънавият аст, одамият меомӯзад [М.Шукуров. Дарси адабиёт одамият меомӯзад // Газетаи муаллимон, 23.12.1986].

Ба ақидаи мо, аввалан, адибон дар ҳама давру замон чароғи равшани ҷомеа мебошанд ва афкори навро маҳз онҳо дарк намуда, ба мардум мерасонанд ва барномаҳои идораи адабӣ минбари аҳли адаб буд. Дуюм, азбаски сензура садди роҳи баёни озоди андеша дар барномаҳои сиёсӣ буд, адибон масоили сиёсиву миллиро дар қолаби адабиёт ва бадеият тавассути барномаҳои адабӣ ироа медоштанд. Ин ҳолат боиси он мешуд, ки, аз як тараф, баёни афкори озод роҳандозӣ гардад ва аз ҷониби дигар, масъалаҳои мамнӯъ ва миллӣ аз садди сензура раҳо ёбанд. Барномаи «Қаҳрамонони ҳаёт – қаҳрамонони адабиёт»[5] (Ҷалол Икромӣ), «Садои дили адибон»[6] (Абдулқодир Манёзов), «Руҳи интернатсионалистӣ дар адабиёти тоҷик»[7] (Атахон Сайфуллоев), «Пири равшанзамир»[8] (Раҳим Ҳошим) ва амсоли ин дорои чунин хусусият буданд.

Давраи панҷуми ташаккули идора ба замони истиқлол *рост меояд.* Истиқлолият афкори мардумро дигаргун кард, сохти давлатдории миллиро рӯйи кор овард. Забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ мақом касб кард. Давраи нави рушди бозори расонаии Тоҷикистон низ ба замони истиқлол марбут аст. Дар ин муддат оид ба фаъолияти расонаҳои Тоҷикистон, нақши онҳо дар ташаккули афкори ҷомеа пажуҳишҳои тоза бо диди нав ба вуҷуд омад. Барномаҳои радио,

---

[5] Радиои Тоҷикистон. «Қаҳрамонони ҳаёт – қаҳрамонони адабиёт». 1984.8.01.
[6] Радиои Тоҷикистон. «Садои дили адибон». 1984.27.06.
[7] Радиои Тоҷикистон. «Рӯҳи интернатсионалистӣ дар адабиёти тоҷик». 1985.27.02.
[8] Радиои Тоҷикистон. «Пири равшанзамир». 1985.25.06.

махсусан барномаҳои адабиву фарҳангӣ ва дар маҷмуъ, ҷараёни барномарезӣ руҳияи миллӣ касб кард ва дар тамоми риштаҳои ҳаёт муносибатҳо равиши тоза пайдо карданд. Муҳимтар аз ин, мафкураи мардум дигаргун шуд. Эҳсоси ҳувияти миллӣ, худшиносӣ, ифтихор аз Ватан ба маротиб афзуд, ки дар ин кор саҳми барномаҳои адабиву фарҳангии радио назаррас аст.

Аз рӯйи хусусияти ҳодисаву воқеаҳо, мавзуъ ва муҳтавои барномаҳо, фарогирӣ ва дигаргуниҳои техникӣ онро ба ду марҳила гурӯҳбандӣ менамоем:

Марҳилаи аввал аз соли 1991 то соли 2015, яъне то замони барҳам хӯрдани идораи барномаҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ.

Марҳилаи дуюм аз таъсиси радиои «Фарҳанг» оғоз мегардад.

Аз моҳи августи соли 1998 кори шабонарӯзии радиои ҷумҳурӣ ба роҳ андохта шуд ва масъулияти кормандони идора афзуд. Фаъолияти идораи барномаҳои саридораи адабиёт ва ҳунар густурда гардид ва силсилаи «Хонишҳои бадеӣ»-и радиои «Тоҷикистон» бою ғанӣ гардид. Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ», ки ҳанӯз соли 1987 шуруъ шуда буд, маҳз дар айёми соҳибистиқлолӣ анҷом пазируфт. Ба 131 гуфтор, ки пештар таҳия шуда буд, 90 гуфтор зам шуда, ин шоҳасари безаволи Фирдавсӣ ба «Хазинаи тиллоӣ»-и радио ворид гардид. Асарҳои Э.Раҳмонов «Аз Ориён то Сомониён» (13 гуфтор), «Гулистон»-и Саъдӣ (39 гуфтор), ғазалиёти Ҳофиз (20 гуфтор), Лоиқ «Модарнома» (8 гуфтор), «Гулбонги Истиқлол» (8 гуфтор), А.Сидқӣ «Пайраҳаи қисмат» (22 гуфтор), Р. Ҳодизода «Қиссаи Мансури Ҳаллоҷ» (10 гуфтор), К. Мирзоев «Нишони зиндагӣ» (8 гуфтор), «Ситораҳои паси абр» (9 гуфтор), И.Насриддин «Суҳбате дар танҳоӣ» (6 гуфтор), А.Самадов «Сарлашкар» (5 гуфтор) дар иҷрои ҳунармандони варзида ва муаллифон сабт гардиданд.

Силсилаи гуфторҳои «Радиотеатр», «Театр дар меҳмонии шумо» дар солҳои истиқлолият аз ҳисоби асарҳои нав пурра гардиданд. Намоишномаҳои Ш. Солеҳов «Ҷияни хира» (2000), М.Бахтӣ «Фирдавсӣ»

(2001), И.Насриддин «Қотили ҷонҳо» (2002), Ҳ.Раҳмат «Аёдат» (2002), Т.Уайлдер «Шаҳраки мо» (2003) дар таҳияи Фарзона, М.Миршакар «Ҳикояти чашма» (2003), Т.Аҳмадхонов «Спитамон» (2004) далели гуфтаҳои боло шуда метавонанд.

Бо ором гардидани вазъи ҷомеа талабот пайдо шуд, ки ба таҳияи жанрҳои ҳаҷвӣ низ рӯ оварда шавад. Ба ин манзур гуфтори фароғатии «Чорбоғи ханда» рӯйи кор омад, ки шумораи аввалинаш 2-юми сентябри соли 2000 садо дод. Саҳнаҳои ҳаҷвӣ фарогири мушкилоти зиндагӣ ва нобасомониҳои рӯзгори ҳар яки мо мебошанд. Таҳиягарони гуфтор кӯшиш намудаанд, ки бо офаридани чунин саҳнаҳо камбудиҳои ҷомеаи моро нишон диҳанд, рафтори номатлуби афроди алоҳидаро зери тозиёнаи танқид бигиранд. Раванди ҳаёт тақозо мекунад, ки барномаҳои радио набзи рӯзро ифода намояд. Бо ин мақсад барномаҳои тоза, гуфторҳои навин рӯйи кор меоянд. Бахусус, солҳои охир ҷанбаи фарҳангии барномаҳои радиои «Тоҷикистон» қавитар гардид. Барномаҳои тоза, амсоли «Шеър ва шоир», «Фарҳанги ориё», «Олами синамо», «Навои рӯди Рӯдакӣ», «Атри бӯйи Мӯлиён», «Сулола», «Андешаи миллӣ», «Хубони порсигӯ», «Ҳамзамон», «Муҳаққиқ» ба вуҷуд омаданд. Аммо барномаҳои бунёдие, ки бештар боиси афзун гардидани муҳаббати сомеон ба радио мегарданд, маҳфили «Маснавии маънавӣ», гуфтори «Рӯдакӣ чанг бигрифту бинвохт» ва «Фарзонафарзандони ориёӣ» мебошанд.

Маҳфили «Маснавии маънавӣ» маҳфили адабӣ буда, аз рӯйи сохт ва усули таҳия ба «Маҳфили «Шоҳнома»-хонӣ» қаробат дорад, Сабти барнома нимаи дуюми соли 2007 сурат гирифтааст. Исмоил Пирмуҳаммадзода ба ҳайси садри маҷлис, Низом Қосим, Моҳсафари Яҳёзод, Хайруллоҳи Иброҳим ва Шарофати Абдуназар ҳамчун нотиқ маснавиҳои ҷудогонаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро қироат мекунанд. Азбаски «Маснавии маънавӣ» бидуни образ қироат мегардад, ҷанбаҳои равонии баъзе каҳрамонҳо равшан нагардидааст, вале муҳим

он аст, ки радиои «Тоҷикистон» 99 шумораро аз рӯйи ин шоҳасар сабт намуда, ба таваҷҷуҳи сомеон расонидааст. Ҳар шумора дар ҳаҷми 45 дақиқа мураттаб шуда, дар «Хазинаи тиллоӣ»-и радио нигаҳдорӣ мешавад.

Ба ифтихори 1150-солагии султони шоирон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ашъори пурраи ин бузургмард зери унвони «Соҳибқирони шоирон» дар 20 гуфтори 30-дақиқагӣ сабт гардид. Дар таҳияи он Хайруллоҳи Иброҳим, Низом Қосим ва Исмоил Пирмуҳаммадзода саҳм гузоштаанд. Аммо гуфтори ҷолибе, ки дар ин самт таҳия шудааст, «Рӯдакӣ чанг бигрифту бинавохт» ном дорад. Он ба тариқи инсенировка (саҳнавӣ) таҳия гардида, нақши Рӯдакиро Хайруллоҳ Иброҳим, шоира Робияро Махфират Юсуфӣ ва устоди Рудакӣ – Абдулабоси Бахтиёрро Шералии Нағзалӣ офаридаанд. Инсенировкаи мазкур аз эффектҳои овозӣ ғанӣ буда, асрори эҷод ва рағбати маликушшуароро ба олами мусиқӣ бозгӯ менамояд. Ҳаҷми гуфтор як соат буда, дар ҷашнвораи озмуни барномаҳои радиоҳои давлатҳои исломӣ дар шаҳри Исфаҳони Ҷумҳурии Исломии Эрон сазовори ҷоиза гардидааст. Бори нахуст намоишномаи «Маздак» ё «Шоми дарахтони сарнагун» бо қувваи ҳайати эҷодӣ ва техникии радио дар ҳаҷми 2 соат таҳия шуд. Қаҳрамонии Маздаки додхоҳ дар маркази таваҷҷуҳи намоишнома қарор дошта, нақшҳоро беш аз 20 нафар кормандони радио офаридаанд. Ба ҳар сурат ғайриҳирфавӣ бозидани нақшҳо ба сомеи нуқтасанҷ аён мешавад ва хуб мешуд ҳунармандони ботаҷрибаи театрҳо барои офаридани нақшҳо даъват шаванд.

Барномаи «Фарзонафарзандони ориёӣ» низ руҳияи миллӣ дорад. Ҳайати эҷодии барнома Нур Табаров, Абдуқодири Абдуқаҳҳор, Илҳоми Файз тасмим гирифтанд, ки беш аз сад чеҳраи шинохтаи фарҳанги ориёиро амсоли Маздаки бомдод, Монӣ, Спитамен, Курӯши Кабир, Абӯмуслими Хуросонӣ, Ибни Муқаннаъ, Темурмалик ва ғайраҳоро ба шунавандаҳо муаррифӣ созанд. Ифтихор аз дирӯз, қадршиносии

фарҳехтагони имрӯз ва арҷгузорӣ ба шахсиятҳои фардои миллат маҳаки асосии барнома аст. Аз соли 2004 ба инҷониб таваҷҷуҳи ҳукумат ба шабакаҳои радиоӣ афзуд. Дар сохтори радио ду шабака — «Овози тоҷик» ва «Фарҳанг» таъсис гардид. Бо таъсиси шабакаи радиои «Фарҳанг» марҳилаи нави рушди барномаҳои фарҳангии радиои Тоҷикистон оғоз гардид.

«Фарҳанг» – шабакаи фарҳангии радиои «Тоҷикистон», 1 апрели соли 2008-ум таъсис ёфта, аз 5 ноябри соли 2008 ба пахши барномаҳо шуруъ намудааст. Ба тариқи шабонарӯзӣ (24 соат) ба забони тоҷикӣ рӯйи мавҷи 106,5 FM барнома пахш мекунад. Аз ин миқдор дар ҳаҷми 12 соат (аз соати 9.00 то 21.00) барномаҳои аслӣ ва дар ҳамин ҳаҷм барномаҳои такрорӣ садо медиҳанд. Ҳамарӯза дар ҳар 3 соат ба муддати 5 дақиқа барномаҳои хабарӣ бо номи «Навид» пахш гардида, асосан, рӯйдодҳои фарҳангиро ба таваҷҷуҳи сомеон мерасонад. Он минбари аҳли фарҳанги Тоҷикистон ва мамолики ҳамзабон аст. Ҳадафи аслии он тарғиби фарҳанги пурғановати мардуми форсизабон, муаррифии таъриху адабиёт ва ҳунармандии аҳвоми ориёӣ ва сайёра аст. Бо пахши гулчини сурудҳои ноби классикӣ ва халқӣ, муаррифии беҳтарин ҳунармандон, пешниҳоди намоишнома ва филмҳои ҷолиби радиоӣ аз шабакаҳои дигари радиоӣ фарқ мекунад. Асосан аз гурӯҳи жанрҳои иттилоотӣ (хабар, мусоҳиба, гузориш) ва публитсистию бадеӣ (ҳикоя, лавҳа, очерк, фелетон, памфлет, намоишномаи радиоӣ, филми радиоӣ) истифода мешавад.

Минтақаи пахш шаҳри Душанбе ва навоҳии атрофи он аст. Дар назар аст, ки бо василаи моҳвораҳо минтақаи пахш густариш дода шавад ва минбаъд сар то сари кишварро фаро бигирад. Аудиторияи шабака аҳолии синнашон аз 35-сола болоро дар бар мегирад. 60 дар сади барномаҳо аз «Хазинаи тиллоӣ»-и радиои «Тоҷикистон» ва 40 дар сади онҳо маводи асл мебошанд.

Барномаҳои асосии шабакаи «Фарҳанг», ки ҳар ҳафта як маротиба садо медиҳанд, инҳоянд:

«Навид» барномаи хабарист. Ҳамарӯза панҷ маротиба (нашри аслӣ) садо медиҳад. Хабару рӯйдод ва гузоришҳои фарҳангию ҳунариро ба самъи шунавандаҳо мерасонад.

«Луғатнома» шарҳ ва тафсири вожаҳои номафҳум ва мушкилфаҳмро ҳадаф қарор додааст.

«Тафсири Табарӣ». Дар барнома қироат ва шарҳи ин рисолаи пурарзиши таърихӣ бозгӯ мешавад.

«Радиотеатр», асосан, аз хазина пешниҳод мегардад. Намоишномаҳои радиоӣ, ки ба мавзуъҳои ҷовидона иртибот дошта, аз соли 1948 инҷониб сабт гардида, дар хазинаи радио маҳфузанд, шунавонида мешаванд.

«Меҳрнома» барномаи мусиқист, ки аз суруду оҳангҳои беҳтарини сарояндагони тоҷик мураттаб шудааст. Жанрҳои гуногуни мусиқиро дар бар мегирад.

«Ҷавҳари сухан» аз суҳбат ва мусоҳибаҳои олимон ва донишмандон оид ба сухани шево, риояи мантиқи сухан, истифодаи санадҳои бадеӣ дар таълифоти адибон иборат аст.

«Рози сӯфӣ» муаррифгари равияҳои мазҳабии ниёгон аст.

«Сафинаи шеър» ҳафтае як маротиба аҳли илму адабиёти классик ва муосири тоҷику форсро тарғиб менамояд.

Ҳамин тариқ, бо ифтитоҳи шабакаи чаҳоруми радиои «Тоҷикистон» – шабакаи «Фарҳанг» ҳаҷми умумии пахши барномаҳои радиои «Тоҷикистон» дар як шабонарӯз маҷмуан ба 96 соат расида, фазои иттилоотии Тоҷикистон бо пахши барномаҳои хусусияти фарҳанги миллидошта ба муддати 24 соат комилтар гардид. Аммо то солҳои наздик бо сабаби ҷорӣ шудани реҷаи барқ дар баъзе навоҳии мамлакат қисмате аз мардуми ҷумҳурӣ дар фасли зимистон ранҷи халои фазои иттилоъотиро аз сар мегузаронданд, аз ин рӯ, бахусус, дар ин фасл

таваҷҷуҳ ба радио бояд дар мадди аввал бошад ва дар ин росто бо тасмими Раиси собиқи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асадулло Раҳмонов садои шабакаи «Фарҳанг» дар фазои расонаии вилояти Суғд танин андохт[9]. Бино ба маълумоти «Телерадиоком», барномаҳои ин шабака тавассути фиристандаи иқтидораш 50 кв. рӯйи мавҷи 106 FM дар аксари навоҳии вилояти Суғд ба таври шабонарӯзӣ пахш мегардад[10]. Ин тадбир имкон дод, ки сафи ҳаводорони барномаҳои шабакаи «Фарҳанг» чандин маротиба афзун гардад. Ин маъниро бо барномаи «Робита», ки мулоқоти мустақими телефонии роҳбарияти радио ва шунавандагон буд, метавон дарёфт. Барнома нишон дод, ки шунавандагон бо радиои «Фарҳанг» эътимоди зиёд дошта, барномаҳои онро интизорӣ мекашанд. Зангҳои телефонӣ ва номаҳои миннатдории сокинони навоҳии Истаравшан, Спитамен, Исфара, Бобоҷон Ғафуров, Зафаробод ва шаҳрҳои Хуҷанд, Чкаловск (ҳозира Бӯстон) ва Қайроққум (ҳозира Гулистон) аёнгари он аст, ки барномаҳоро бо мароқи том ва кайфияти хос мешунаванд. «Вобаста ба зеҳнийат ва хостаҳои мардуми қисмати шимол барномаҳои вижаро тарҳрезӣ намудаем, ки аз соли нав дар ҷадвали пахш ҷой хоҳанд ёфт» – мегӯяд директори собиқи барномаҳои радиои «Тоҷикистон» Абдуқодири Абдуқаҳҳор. Барномаҳоро гӯш карда, андеша менамоем, ки ҳаводорони шабака афкори гуногун доранд. Чунончи, Аҳмади Юсуфзод аз ноҳияи Конибодом зимни тамос бо кормандони шабака изҳор медорад, ки сокинони ноҳия тавассути телефони ҳамроҳ низ истимои барномаҳоро пайдо намудаанд. Номбурда пешниҳод менамояд, ки агар беш аз 30%-и барномаҳо озмунӣ бошанд, боз хубтар мешавад. «Барномаҳои «Дар суҳбати соҳибдилон», «Садои пойи вожаҳо» ва «Таронаҳои қарни ХХ» ба мо писанданд, - тавассути телефон мегӯянд сокинони ноҳияи Истаравшан Абдусамад Ҷумъаев, Талаб Орзуев, Саҳоба Ҳимматзода ва

[9] Аз 10-уми ноябри соли 2009 пахши барномаҳои ин шабака дар вилояти Суғд шурӯъ гардид.
[10] Аз ҳисоби ҶСШК “Телерадиоком” дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои соли 2019.

Ормони Ғанизода. – Аммо мехоҳем, суҳбатҳои илмӣ аз кашфиёти бахшҳои физика, химия, биология ва ғайра дар барномаи вижае пешниҳод гарданд». Дар посухи ин суол сармуҳаррири вақти шабака Хайруллоҳи Иброҳим изҳор медорад, ки «аз соли нав дар барномаи «Ганҷинаи ҷовид» ин қазияро пайгирӣ хоҳем кард». Сокинони шаҳри Қайроқум Сафарбек Асламов, Қутбия Самариддинова ва Зулфияи Зоҳир мепурсанд, ки «Оё имкони сабти барномаҳои тозаи консертӣ ва намоишномаҳои нав аз толорҳои театр мавҷуд аст?» Ба қавли муовини вақти сармуҳаррири идора Убайдулло Хӯҷаёров, «Танҳо баъди мувофиқа бо роҳбарияти театрҳои ҷумҳурӣ ин корро амалӣ намудан мумкин аст». Раънохон, Бароҳатхон ва Фараҳноз – сокинони маҳаллаи 12-уми шаҳри Хуҷанд пурсидаанд, ки «Оё дар ин шабака офаридани барномаи вижаи шабона, амсоли «Шабзиндадор» мумкин аст?» Роҳбарияти радио дар посухи ин суол ба хулоса омадааст, ки то мураттаб шудани барномаи хоси шаб дар шабҳои муайян барномаи «Шабзиндадор»-и радиои «Тоҷикистон»-ро тариқи ин шабака шунавонад. Сокинони ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Илҳом Ҳодизода ва Идриси Муҳаммадӣ бар ин суоланд, ки «Оё имкони таҳияи барномаи хоса барои диндорон мавҷуд аст? Зеро шабакаи «Тоҷикистон» минбари аҳли адаб, илму ҳунар ва мардуми порсову поктинат аст». Оид ба ин суол бояд гуфт, ки барои аҳли тақво аллакай барномаи хосае таҳия шудааст, ки он «Рози сӯфӣ» ном дошта, ҳар ҳафта – рӯзи сешанбе, соати 10.20 дақиқа пешкаши ҳаводорон мегардад. Ҳамчунин барномаҳои «Ёднома», «Гулафшон», «Ганҷинаи ҷовид», «Нури андеша», «Равзанаи нур», «Диёри меҳр», «Сарчашмаи сухан», «Зарофат» ва «Рози дил» аллакай ҳаводорони худро пайдо намуданд. Дар муддати ним моҳ танҳо аз вилояти Суғд беш аз сесад нафар тавассути телефон роҷеъ ба барномаҳои шабакаи «Фарҳанг» изҳори назар кардаанд[11].

---

[11] Дар таърихи 24-уми ноябри соли 2009 аз соати 9-00 то 10-30 таҳти унвони “Робита” суҳбати мустақими роҳбарияти радиои Тоҷикистон бо шунавандагон сурат гирифт ва факту рақамҳои

Барқарор намудани иртибот бо шунавандагон як шохаи муҳимми кори радио мебошад. Беҳуда нест, ки дар замони шӯравӣ дар бобати омӯзиши афкори шунавандагон шуъбаи омӯзиши афкори умум амал мекард, ки барномаҳои нав аз рӯйи хостаҳои муштариён роҳандозӣ мешуданд. Тавассути почта ҳамарӯза робитаи радио бо шунавандаҳо ҳамчун пули иртибот қавӣ буд. Барои мисол, танҳо дар ҳафтаи аввали моҳи январи соли 1980 тавассути алоқаи почта ба барномаҳои гуногуни радиои «Тоҷикистон» «беш аз 70 нома, 19 барқия, 12 аризаи шикоятӣ, 6 акси садои мақомоти маҳаллӣ ба маводи танқидии пахшгардида ва 1 раддия ворид гардидааст, ки миқдори умумии онҳо ба 108 мерасад. Тибқи маълумоти шӯъбаи умумии кумита, аз 70 номаи воридгардида 30-тояш пурра, 13 нома қисман, 8 нома бо таҳрир, 9 нома дар хулосаи номаҳои шунавандагон истифода гардидаанд. Бо сабаби шубҳанок будани далелҳо 6 нома ва бо иллати ба сиёсати партия (ҳизб) мутобиқ набудани мазмуни 4 нома онҳо аз истифода берун мондаанд. Мутасаддиён вазифадор шудаанд, ки вобаста ба мазмуни номаҳо тариқи хаттӣ ва ба воситаи эфири радио ба муаллифон ҷавоб гардонида, аз натиҷааш ба шуъбаи умумии Кумита ҳисобот диҳанд[12]». Иқтибоси мазкур бозгӯйи он аст, ки муносибати мақомоти почта бо радио хеле ҷиддӣ буда, чун василаи фароҳамсози иртиботи радио бо сомеон хидмат намудааст. Ин гуна муносибати ҷиддӣ бо номаҳо чун манбаи иттилоот нуфузи ин расонаро дар ҷомеа қавитар менамуд.

Далелҳо нишон медиҳанд, ки танҳо дар муддати як моҳи пахши барномаҳои радиои «Тоҷикистон» дар вилояти Суғд (аз 10-уми ноябр то 10-уми декабри соли 2009) зиёда аз 160 нафар ҳаводорон ва мухлисони ин шабака назари худро тавассути паёмакҳои кӯтоҳ (SMS) ирсол доштаанд. Зикри назари шунавандаҳо ба ин хотир аст, ки воқеан, шабакаҳои радио ва телевизион эҳсоси мардумро рӯйи ин ё он масъала бедор месозанд. Бо

зикршуда дар асоси натиҷаҳои ин барнома ба даст омадааст.

[12] Бойгонии радио, ҳисоботи шуъбаи умумии Кумита, 1980, 10-уми феврал.

итминон метавон гуфт, ки насби як фиристанда таваҷҷуҳи беш аз як миллион сокинони вилояти Суғд ва тоҷикони ноҳияҳои ҳамсарҳади Ӯзбекистонро ба худ кашида, барои тарғиби фарҳанги асили тоҷикӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, аз идеологияи ғайр раҳо додани мардуми ин минтақа нақши созанда мебозад. Ин тадбири созанда паёмадҳои хуби ваҳдатофар дорад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки феълан дар баъзе манотиқ мушкилоти дастрасӣ ба мавҷҳои шабакаҳои радиоӣ мавҷуд аст.

Бояд гуфт, ки вазифаи хабаррасониву таъсиррасонӣ, аз як тараф, вазифаи маърифативу эстетикии радио, аз тарафи дигар, ниҳоят аҳаммиятнок аст. Функсияи маърифатии он барои кишварҳои хурд, хусусан, ҳамонҳое, ки бо олами беруна робитаи қавӣ надоранд, ҳамчун василаи омӯзанда ба ҳисоб меравад. Барномаҳое, ки характери омӯзишӣ доранд, ҷаҳонбинии шунавандагонро васеъ мегардонанд. Онҳо, албатта, барои гирифтани донишҳои мукаммал аз ин ё он фан равона нашуда бошанд ҳам, ҳамчун раҳнамо ба шунаванда хизмат мекунанд. Функсияи эстетикии радио дар кӯшиши ба меъёрҳои олии шунавонӣ ва равонии забону ифоданокии нутқ (нутқи образноки ифоданок, оҳанги созгори нутқ, таносуби дақиқи калимаҳо, мусиқӣ ва амсоли ин), таҳияи беҳтарин намунаҳои фарҳанг – мусиқӣ, назм, саҳнаҳои театрӣ ва амсоли ифода меёбад.

Ҳамин тавр, зимни натиҷагирӣ аз пажуҳиши фасли мазкур ба чунин хулоса меоем:

1. Идораи барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» тӯли мавҷудияти худ 5 давраро сипарӣ намуда, ба яке аз идораҳои муҳимтарини ин расона бадал гардид. Мавзуъҳои тарғиби сиёсати сохти шуравӣ дар барномаҳои давраи аввал, даъват барои ҳимояи Ватан дар барномаҳои давраи дуюм, ташвиқи мардум барои бунёди ҷомеаи нави коммунистӣ дар барномаҳои давраи сеюм мавқеи

асосӣ доштанд. Мавзуи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ маҳаки аслии барномаҳои давраи чаҳорум ва панҷумро ташкил медиҳанд.

2. Пажуҳиш собит кард, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва ҷанги шаҳрвандӣ (1992) барномаҳои идораи фарҳангу фароғатӣ низ характери сиёсӣ пайдо кардаанд. Аз ин бармеояд, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ ҳама гуна барномаро метавон чун яроқи идологӣ истифода бурд.

3. Густариши ҳаҷми барномаҳои фарҳангу фароғатӣ дар радиои «Тоҷикистон» тадриҷан сурат гирифтааст. Соли 1930 ҳаҷми ин барномаҳо – 5%, соли 1960 – 15% ва соли 1980 беш аз 20%-и ҳаҷми умумии барномаҳоро ташкил медоданд. Аз ин бармеояд, ки мардум аз сиёсат хаста шуда, ба фароғати бештар ниёзманд шудаанд.

4. Барномаҳои фарҳангии радиои «Тоҷикистон» дар солҳои 1985-1990 барои боло бурдани савияи худшиносии мардум хидмати бедареғ кардаанд. Мавзуъҳои талош барои тозагии забон, эҳёи суннатҳои гумшуда, ҳифзи арзишҳои миллӣ дар меҳвари барномаҳои ин давра чарх мезанад. Дар ин давра жанрҳои радиоӣ густариш ёфтанд. Дар баробари суҳбат, мусоҳиба, гузориш, лавҳа, очерк жанрҳои нав рӯйи кор омаданд. Ба жанри радиофилм соли 1988 ибтидо гузошта шуд. Радиофилмҳои «Тобистони Варзоб» ва «Пайки баҳор» дар зоти худ бесобиқа буданд.

5. Дар арафаи парокандашавии ИҶШС дар бозори расонаии Тоҷикистон нисбат ба радио ва телевизион матбуот нақши фаъол дошт, зеро матбуоти нави иҷтимоии ҳизбӣ, шахсии иҷтимоӣ ва шахсии тиҷоратӣ матолиби баҳсбарангезеро ба нашр мерасониданд, ки чопи онҳо қаблан номумкин буд. Бузургдошти анъанаҳои миллӣ, рӯй овардан ба осори ниёгон, арҷгузорӣ ба дин ва сиёҳ намудани роҳбарони ҳизбӣ, паст задани нуфузу эътибори онҳо, камранг нишон додани дастовардҳои давлати шуравӣ, чеҳрасозии сиёсии дурӯғин аз масъалаҳое буданд, ки ба расонаҳои чопии ин давр роҳ ёфтанд. Дар расонаҳои ахбори электронӣ эҳтиёткорӣ дар шеваи гуфторҳо эҳсос мешуд, ки идораи барномаҳои фарҳангу фароғатӣ аз он истисно нест.

6. Дар замони истиқлол ҳадафу муҳтавои барномаҳои идора тағйир ёфт. Руҳияи барнома, раванди барномасозӣ хусусияти миллӣ пайдо кард.

7. Ифтитоҳи шабакаи «Тоҷикистон» падидаи нав дар фазои расонаии Тоҷикистон буд. Бино ба таҳқиқи мо, ин шабака бо пахши барномаҳои фарҳангӣ, хонишҳои бадеӣ, намоишномаҳо ва гуфторҳои адабӣ ҳунару фарҳанг, забону арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои фарҳангии миллати тоҷик ва ҳамзабонони моро тарғиб менамояд.

8. Таҳқиқот моро ба хулосае овард, ки пайваста талаботи шунавандаҳо ба барномаҳои фарҳангӣ меафзояд. Аксари расонаҳои ғайриҳукуматӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ, ки дар замони истиқлол ба вуҷуд омаданд, ҷанбаи хабариву фароғатӣ доранд. Шабакаи «Тоҷикистон» ҳамчун меросбари идораи барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ ҷиҳати рақобати солим дар бозори расонаии мамлакат бояд аз шеваҳои нави барномасозӣ кор гирад.

1.2. Хусусиятҳои савтии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ

Дар ҷараёни таҳқиқи хусусиятҳои забонии тамоми барномаҳои радиоӣ, аз ҷумла барномаҳои фарҳангиву фароғатии он, пеш аз ҳама, ба ҷанбаи фонетикӣ таваҷҷуҳ намудан лозим аст, зеро гуфторҳои радиоӣ шифоҳан шунавонида мешаванд ва ҳангоми қироати матн, мусоҳиба, хониши бадеӣ талаффузи дурусти ҳарфҳо дар фаҳмидани матлаби гӯянда ёрмандӣ мекунад. Ба ҳама маълум аст, ки воҳидҳои овоӣ дар ташаккули воҳидҳои маънодори забон ҳамчун масолеҳи бинокорӣ хизмат мекунанд. Аз миёни ин воҳидҳо фонемаҳои ҳамсадо, садонок, зада ва оҳанг ба андозаи гуногун хусусияти услубӣ зоҳир менамоянд.

Фонемаҳои забони тоҷикӣ вобаста ба дараҷаи ҳамнишиниашон дар калимаҳо яксон нестанд. Дар ҷараёни гуфтор онҳо ба тағйирот дучор меоянд. Ба ин масъала яке аз савтшиносони тоҷик, ки таҳқиқи мукаммали фонетикаи забони муосири тоҷикӣ бо номи ӯ иртибот дорад, Т. Н. Хаскашев низ дар китобаш «Фонетикаи забони адабии ҳозираи

тоҷик» [1989] таваҷҷуҳ карда, чунин ҳодисаҳои овоӣ, аз қабили мувофиқат, монандшавӣ, тахфиф, афзоиш, коҳиш, ҷойивазкунӣ, бадалшавии овозҳоро қайд намуда буд [Хаскашев, 1989: 99-108]. «Нутқи мо ба шакли хаттиаш, ки дар он ҳар як овози нутқро бо ҳарфи алоҳида менависад ва дар мавриди даркорӣ як ҳарфро ба ҳарфи дигар иваз мекунад ё тарошида мегирем, кам шабоҳат дорад. Ҷараёни нутқ аз силсилаи овозҳои пайиҳам талаффузшаванда иборат нест, ки мо дар мавриди дилхоҳ як овозро бо овози дигар иваз карда тавонем», қайд мекунад муҳаққиқ [Хаскашев, 1989: 99]. Албатта, ҳам аз таҳқиқоти муҳаққиқ ва ҳам олимони соҳа аён аст, ки меъёри гуфтор на ҳамеша бо меъёри навишт созгор меояд. Бинобар ин ҳар як соҳибзабон бояд мавқеи корбасти ин ё он воҳиди забонро хуб донад, хусусан, гӯяндаи радио ва наттоқи телевизион, ки маводаш шифоҳӣ садо медиҳад, дар талаффузи матн эҳтиёткор бошад.

Қайд кардан лозим аст, ки барои ҷолиб баромадани ҳар як барномаи радиоӣ, аз як тараф, хушоҳангиву равонии матни онро таъмин намудани ҳар як гӯянда лозим аст, зеро сухани гӯшнавозу руҳнавоз зуд ба гӯшу қалби шунаванда таъсир мерасонад ва ӯро роғиби пайваста шунидани ин барномаҳо месозад. Аз тарафи дигар, ифоданок ва беғалат баён намудани матлаб низ яке аз муваффиқиятҳои натток ба ҳисоб меравад. Ба қавли муҳаққиқи мумтоз Б. Камолиддинов, «барои ин ки маънии баланд аз лафзи хуб ҳосил гардад ва ба дили шунаванда зуд роҳ ёбад, сухани нотиқ бояд сиҳат, фасеҳ, дақиқ, тару тоза, мучаз, дилнишин ва муассир бошад» [Камолиддинов, 2007: 48].

Ҳангоми таҳқиқи барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» мо баъзе ҳодисаҳои овоиро мушоҳида намудем. Агар баъзеи ин падидаҳо ҳамчун воситаи муассир хизмат карда бошанд, қисми дигар дар талаффузи гӯянда душворӣ пеш овардааст. Ин ҳолат ба ҳамнишинии фонемаҳо дар калима вобаста аст. Дар барномаҳои мавриди назар чунин падидаҳои овозӣ мушоҳида гардиданд:

а) Пайиҳам овардани ҳамсадоҳои якхела. Дар барномаҳои радиоӣ пайиҳам омадани ҳамсадоҳои якхела танҳо дар чанд калима ба назар расид. Агар дар баъзе калимаҳо чунин ҳамсадоҳо пайиҳам омада (масалан, *ҷанггоҳ, ранггар, хоккаш* ва ғ.), боиси душвории талаффуз гардад, мо танҳо якчанд вожаро дучор омадем, ки яке аз онҳо *хотиррасон* мебошад ва дар заминаи ибораи рехтаи *чизеро ба хотири касе расондан* ҳосил шудааст:

Хотиррасон мекунем, ки имрӯз меҳмони барномаи «Маърифат» буданд Сардори шуъбаи тақсим ва ҷобаҷогузории донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзошариф Шодиев (Маърифат, 18.02.2014).

Дар ин матн нуқсони услубии *татобеи изофат* мушоҳида гардид. *Татобеи изофат* чунин нуқсонест, ки калимаҳои зиёде силсилавор паси ҳамдигар бо бандаки изофӣ васл шуда меоянд. Дар натиҷа ибораи тӯлоние ҳосил мегардад, ки бо як нафас гуфтани он душвор аст. Ба қавли забоншинос Б. Камолиддинов, «Баъзе муҳаққиқон ҳатто чаҳор калимаи бо изофат васлшударо хилофи фасоҳати калом донистаанд», аммо «… дар забони форсӣ бо изофат алоқаманд гардидани панҷ-шаш калимаро ҳам ҷоиз мешуморанд» [Камолиддинов, 1989: 10]. Дар мисоли боло даҳ калима бо бандаки изофӣ васл шудааст: *муассисаи таҳсилоти олии касбии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*. Албатта, талаффузи чунин ифодаҳои тӯлонӣ ба гӯяндагон душворӣ меорад.

Вожаи дигар *чанггир* мебошад, ки дар он такрори ҳамсадои **«г»** мушоҳида мешавад ва талаффузи он душвор аст. Вазифаи гӯянда ҳангоми қироати матн возеҳ талаффуз кардани он аст, вагарна он барои хонанда номафҳум боқӣ мемонад:

Зуҳраи *чанггир* аз шеърҳои шоира оҳанг меҷӯяд (Зуҳраи навогар, 26.01.2015).

б) Пайиҳам овардани ҳамсадоҳои аз нигоҳи махраҷ наздик (т-д, с-з)

Маълум аст, ки «туфайли иштироки шавшув ва лаҳн дар тавлиди ҳамсадоҳо шонздаҳ фонемаи ҳамсадои забони тоҷикӣ дар ҳашт ҷуфти фонетикӣ муттаҳид мешаванд: б – п, в – ф, д – т, з – с, ж – ш, ҷ – ч, г – к, ғ – х» [Хаскашев, 1989: 80]. Пайиҳам омадани чунин фонемаҳои ҷуфт дар калимаҳо чандон хушоянд нест, чунки талаффузро мушкил мегардонад. Дар мисолҳои гирдовардаи мо ду мавриди истифодаи чунин фонемаҳо мушоҳида гардид:

а) бо яке аз ҳамсадоҳо калима ба охир мерасад ва бо фонемаи ҷуфти он шуруъ мегардад:

Инак, ***боз соате*** фаро расида, ки барномаи фарҳангии «Маърифат» меҳмони кошонаи шумо – алоқамандони адабу фарҳанг аст (Маърифат, 11.02.2014). …ин донишманд, ба таври густурдае дар бораи ҷашн гирифтани ***Наврӯз сухан*** мегӯяд (Маърифат, 17.03.14).

б) ҷуфти фонемаҳо дар як калимаи мураккаб пайиҳам омадааст:

Аз ҷониби мо мутахассисон низ тавсия дода мешавад, ки ***зиёдтар*** рӯ ба ин соҳа биёранд (Авранг, 15.04.14); Ӯ соли 1941 570 нафарро бо мақсади сайру гашт тавассути роҳи оҳан, аз шаҳри ***Лангкастер*** то шаҳри Лангбург равон намуд ба арзиши як ширинӣ аз ҳар нафар (Авранг, 15.04.2014).

Дар ҳар ду ҳолат ҳамсадои ҷарангнок зери таъсири ҳамсадои беҷаранг (бос соате, зиёттар, Ланкастер) белаҳн талаффуз мешавад.

в) Аллитератсия (аз лотинии миёна alliteration; аз лот. ad – ба, назди; literra – ҳарф) «яке аз воситаҳои ташкили овозии нутқ аст, ки ба такрори овозҳо мансуб буда, такрори симметрии ҳамсадоҳои якхеларо дар назар дорад» [ЛЭЗ, 1990: 27]. Ин санъати бадеӣ дар назм диққати хонандаро бозмедорад ва ҳамчун воситаи муассир хизмат мекунад. Дар матнҳои радиоӣ ҳам онҳо як андоза барои хушоҳангии сухан ва таваҷҷуҳи шунавандаро ҷалб кардан кор фармуда шудаанд. Чунончи, такрори ҳамсадоҳои ***р ва ш*** дар мисоли зерин:

Меҳри шеъру шоирӣ ӯро ба факултаи филологияи донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон овард (Авранг, 06.07.2014).

Дар ин мисол дар ифодаи ***факултаи филологияи донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон овард*** ҳамсадои ***ф*** (дар ду вожаи аввал) ва садоноки ***о*** такрор шудааст. Ин падидаро ***ассонанс*** – такрори симметрии садонокҳои якхела меноманд, ки он ҳам санъати бадеист [ЛЭЗ, 1990: 27]:

Такм**и**л**и** **и**хт**и**сос**и** мураббияҳо; тамом**и** **и**мкон**и**ят; шаро**и**т**и** **и**қт**и**сод**ӣ**; барнома**и** **и**мрӯзаро бароятон коргардон – Шералии Нағзалӣ ва ман муҳаррири барнома – Ҷамилаи Ҷамол омодаю пешкаш намудем (Маърифат, 11.02.2014).

Дар ин мисол дар аксари калимаҳо садоноки ***и*** аз як то се маротиба истифода шудааст. Дар исми хоси *Ҷамилаи Ҷамол* ҳиҷои ***ҷам*** ва ҳамсадои ***л*** боиси хушоҳангӣ гардидааст. Ҳар ду калима бо як овоз тафовут дошта, ба як маъно (хушрӯ, зебо, соҳибҷамол; хушрӯйӣ, зебоӣ, ҳусн) далолат мекунад.

Ассонанс ва аллитератсияро шоирон бо мақсади ҳамоҳангии калимаҳо истифода мебаранд. Журналистон низ ҳамин ҳадафро пайгирӣ менамоянд ва мекӯшанд, то матни барномаҳояшон ҷолиб бошад. Ба мисолҳои зерин таваҷҷуҳ намоед:

Зикр намудан бамаврид аст, ки **та**рбия ва **та**шаккули хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар кӯдако**н**, **нас**ли **на**вр**ас** маҳз ба мураббиён, устодон вобаста аст (Маърифат, 11.02.2014). Ин соат **м**о тас**м**и**м** гирифтае**м**, ки **мавзуи** барно**м**аи «**М**аърифат»-ро ба фаъолияти **му**ассисаҳои томактабӣ, **му**ваффақияту **му**шкилот дар ин самт бахшем (Маърифат, 11.02.2014). Дар ин самт маҳз омӯзгорони ***соҳиб***маърифату ***соҳиб***ихтисос, донишманду болаёқат ***сат***ҳу ***сифат***и таълим, савияи донишомӯзӣ, маърифати зеҳнии хонандагонро **ба**ланд **ба**рдошта, онҳоро ба худшиносӣ, ҷаҳ**он**д**он**ӣ, заб**он**омӯзи раҳнамоӣ карда метав**он**анд (Маърифат, 31.12.2013). ***С***адои ***с***офу беғубори ӯ, ки орӣ аз **с**охтакориҳо**с**т, сирф тоҷикона буда, зуд ҷойнишини зеҳну хотир мегардад (Аз табори хуршед, 28.12.20). Бар тибқи ин ривоётҳо, ривоҷи Наврӯз дар сарзамини Форс ба соли 538 пеш аз мелод, яъне замони ҳамлаи Куруши Кабир **ба Бобул боз**мегардад (Маърифат, 17.03.14).

Ба назари мо, дар мисолҳои мазкур ҳамсадоҳои такрори ***н, м, б*** ва ҳиҷоҳои ***на, ас*** талаффузро душвор гардонидааст. Ин ҳолатро *танофури ҳуруф* меноманд. Муҳаққиқ Б. Камолиддинов дар ин бобат менависад: «Танофур (ё танофир) маънои аз якдигар дурӣ ҷустан, нафрат кардан дорад, вале маънои истилоҳии он дар илми балоғат овардани чанд ҳамсадои якхела ё ҳаммахраҷ дар дохили як калима (*танофури ҳуруф*) ва як ибора (*танофури калимот*) аст, ки боиси саҳолат – мушкилоти талаффуз гардад ва гӯшхарош расад» [Камолиддинов, 2007:50].

Дар мисолҳои зерин *танофури калимот* ба назар мерасад:

Чун модар мегӯям, фаромӯш мекунам ***аз суханони ононе*** (суханони онҳоеро // суханони он шахсонеро – ММА), ки заифат мегӯянду гумон мекунанд, ки нотавонӣ… (Меъроҷи андеша, 06.03.2014). Далерию нотарсӣ ва паҳлавонию фидокорӣ дар ***роҳи ҳимояи*** (дар роҳи дифои // муҳофизати – ММА) Ватан ва озодию истиқлолияти ӯст… Азизони дил, биёед, симои зан-модарро аз андешаҳои ҷолиб бишнавем (?) (Меъроҷи андеша, 06.03.2014).

Танофури калимот, одатан, дар ҳамнишинии пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссачаҳо ва бандаки хабарии «аст» бо калимаҳое, ки қиёфаи овозиашон дорои ҳарфҳое мебошанд, ки дар таркиби ин унсурҳои грамматикӣ вуҷуд доранд, мушоҳида мегардад. Чунончи:

Сифати хӯрок, ба ***як кӯдак*** чӣ қадар сомонӣ дар як рӯз ҷудо мешавад? Санҷишу назорат оид ба фаъолияти ***мураббияҳо, му***носибати ***хуб бо*** кӯдак. Агар вобаста ба ***мавзуи имрӯза*** саволу дархосте доред ё мехоҳед, андешаҳои худро бевосита тавассути барномаи «Маърифат» иброз доред, рақами телефонҳои студияи мо 227-60-10 ва 227-60-20 мебошад, метавонед ***занг занед*** (Маърифат, 11.02.2014). Чун дар аввал вақте ки ташкил шуд академия, албатта, норасоиҳо буданд, камбудиҳо буданд, албатта тарс буд, ҳарос буд (Орази наво, 26.04.2013).

Журналист ҳангоми таҳияи матн бояд тарзҳои гуногуни ифодаро интихоб ва истифода намояд, то ба чунин ҳолат дучор нагардад: *як кӯдак*

– ҳар кадоме аз кӯдакон, муносибати хуб бо кӯдак – бо кӯдак хуб муносибат кардан, занг занед – бо мо дар робита бошед.

Маълум аст, ки дар ҷараёни гуфтор фонемаҳо ба тағйирот дучор мегарданд. Соҳибзабонон барои осон ва қулай талаффуз кардани калимаҳо онҳоро тарзе истифода мебаранд, ки мушкилӣ пеш наорад. Бинобар ин дар нутқи шифоҳии онон фонемаҳо баъзан тағйир меёбанд. Ногуфта намонад, ки меъёри талаффуз бо меъёри навишт баробар намеояд. Ҳангоми қироати матни барномаҳои радиоӣ чунин падидаҳои фонетикӣ мушоҳида шуданд:

а) Коҳиш. Коҳиши фонемаҳо акси ҳодисаи афзоиш аст. Сабаби падид омадани коҳиши фонемаҳо низ ҳамин принсипи осон кардани талаффузи таркибҳои овозии душворталаффуз мебошад [Хаскашев, 1989: 106]. Ин падидаи овозӣ асосан ба ҳамсадоҳо хос аст ва дар ҳамнишинии ҳамсадоҳои махраҷдор воқеъ мегардад. Чунончи: дархост [дархос], дастгирӣ [дасгирӣ], панҷсола [пансола]: Инчунин аз ҳамаи онҳое, ки бо саволу **дархост** дар барномаи «Маърифат» иштирок доштанд, изҳори сипос мекунем (Маърифат, 18.02.2014). Ҷавонони азиз, чун қариб 70% сокинони ҷумҳуриро маҳз ҷавонон ташкил медиҳанд, қобили **дастгирист**, рушди туризм чун соҳаи афзалиятнок ва омили пешрафти иқтисодиёти кишвар (Авранг, 15.04.2014). Шахс фарз кардем, кӯдаки навзод ҳам шахс аст, кӯдаки фарз кардем, сесолаю **панҷсолаям** (панҷсола ҳам – ММА) шахс аст (Маърифат, 23.02.21).

б) Монандшавӣ. Ҳодисаи аз ягон ҷиҳат ё комилан ба ҳамдигар монанд шудани овозҳои нутқро монандшавии фонемаҳо мегӯянд, ки дар ҷараёни нутқ дар натиҷаи мутобиқати фонемаҳои ҳамнишин рӯй медиҳад [Хаскашев, 1989: 101]. Монандшавии фонемаҳо ду навъ ҷараён мегирад:

1) ҳамсадои ҷарангнок зери таъсири ҳамсадои беҷаранг, ки пеш аз он ё баъд аз он омадааст, мемонад ва белаҳн талаффуз мегардад, аммо дар навишт ҷарангнок навишта мешавад (хубтар – хуптар, асбоб – аспоб):

Тавре гуфтем, зинаи ибтидоӣ дар самти маориф, ин муассисаҳои томактабианд ва барои боз ҳам беҳтару **хубтар** шудани сифати таълиму тарбия дар зинаи дуюм – мактабҳои таҳсилоти умумӣ, маҳз пояи аввалро мустаҳкам кардан лозим аст (Маърифат, 11.02.2014). Ана хамон асбоби дасташонро хоҳ тор, хоҳ дутор, хоҳ сетор, *танбӯр*, ғижжак, ана ҳамон **асбобҳои** мусиқии халқии худашонро сараввал онро мебӯсиданд, таъзим ба ҳамон **асбоб** мекарданд (Орази наво, 05. 2013).

Дар калимаи мураккаби ***соҳибкасб*** ҳар ду ҷузъ бо ҳамсадои «б» ба охир мерасад. Ҳарфи «б»-и ҷузъи аввал дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадои бечаранги «к», «б»-и ҷузъи дуюм зери таъсири фонемаи «с» – «п» талаффуз мешавад (соҳипкасп):

Зина ба зина дар натиҷаи омӯзиш ва ҷустуҷӯйҳои пайваста чун сарояндаи *соҳибкасб* ба камол расид (Аз табори хуршед, 28.12.20).

Муҳаққиқ Б. Камолиддинов дар китобашон «Ҳусни баён» [1989] се чизро шартҳои балоғат донистаанд: сиҳати калом, фасоҳат ва салосат. «Дар сабкшиносӣ каломеро сиҳат гӯянд, ки аз лиҳози тарзи баён (таносуби овозҳо, задаи калима, интонатсия), дар кор фармудани калима, ифодаҳои рехта, маъно ва ҷилоҳои маънӣ, дар калимасозӣ ва таркиббандӣ, дар истифодаи унсурҳои сарфию нахвӣ (шаклҳои калима, воситаҳои грамматикӣ, тарзҳои иборасозию ҷумлабандӣ) нуқсон надошта бошад. Фасоҳату салосат шарти дуюми балоғати сухан аст, зеро дар калом шарти аввал (сиҳат) риоя нашуда бошад, аз хусуси фасоҳату салосати он сухан рондан нашояд» [Камолиддинов, 1989: 27]. Бинобар ин сухани нотиқи радио низ бояд ба мусоҳиб ва ё шунаванда комилан фаҳмо бошад. Барои ин гӯяндаи радио бояд нутқи буррову шунаво дошта бошад, ҳамчунин калимаҳоро тарзе интихоб ва истифода намояд, ки матлабаш ба сомеъ дуруст расад. Баъзан гӯяндагони мо ҳангоми таҳияи матни барнома ба таркиби овозии калимаҳо, аниқтараш ҳамнишинии овозҳо, таваҷҷуҳ намекунанд, аз ин рӯ дар калимаҳо овозҳои ҳамсоя ва такрор омада, талаффузро мушкил мегардонанд:

Китоби Мирзо Турсунзодаро кушод, чӣ дарде дорад, ҳолу аҳволи *пурпарешону пуроҳи* он ошиқи беқарор (Бо моҳу парвин, 16.02.20).

Таркиби овозии ифодаи *пурпарешону пуроҳ* аз он ҷиҳат душворталаффуз аст, ки дар он ҳамсадоҳои ***п, р*** дар ду ҳиҷои бастаи аввал истифода шуда, ба салосати калом монеъ шудаанд. Дар ифодаи мазкур пешвандгунаи ***пур-*** бемавқеъ кор фармуда шудааст, чунки, аввалан, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ чунин калимаҳо вуҷуд надоранд; дуюм ин, ки ифодаи *ҳолу аҳвол* бо калимаи *парешон* (ҳоли парешон, аҳволи парешон) таносуби маъноӣ дорад, на *пурпарешону пуроҳ*.

Дар мисоли зерин такрори пайиҳами ётбарсари ***ё*** ва ҳиҷоҳои кушодаю бастаи ***дарё – ёр*** мушоҳида мешавад, ки чунин тарзи истифодаи калимаҳо талаффузро мушкил мегардонад:

Бо *дарё ёр* мешаванду сиру асрори дили худро мегӯянд, баъд оромӣ меёбанд (Бо моҳу парвин, 16.02.20).

Баръакси мисоли боло калимаи *ёр* бо калимаи *диёр* дар мисоли зерин ҳамоҳанг шуда, дар радифи таркиби рехтаи *меҳру муҳаббат* муассирии матнро таъмин кардааст:

Ушшоқи Содирхон меҳру муҳаббат ба ҳамин ёру диёр буданашро дар оҳанги он дарк кард (Бо моҳу парвин, 16.02.20).

2) Вобаста ба иштироки узвҳои овозсоз ҳамсадоҳо гуногун мешаванд: лабӣ, забонӣ, забончагӣ, ҳалқӣ. Дар талаффуз агар ҳамсадоҳои гуногун пайиҳам оянд, зери таъсири ин ҳамнишинӣ яке ба дигаре монанд мешавад. Чунончи, ҳамсадои нӯгизабонии сонории ***н*** дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадои лабулабии ***б*** дар талаффуз ба фонемаи лабулабии ***м*** монанд мегардад (танбӯр – тамбур, ҷанба – ҷамба):

Борҳо бо ин ҳунармандон ҳамсуҳбат ҳам будам, ҳам дар ҷараёни навозиши **танбӯру** дутору дигар созҳои мусиқӣ ва ҳам дар сароидани силсилаи «Шашмақом» ва ёдҳои он (Орази наво, 05.2013). **Ҷанбаҳои** намоишномаро, ки ягон ҳарфи ғалат надошта бошад (Аз табори хуршед, 04.02.21).

Ин ҳамсадоҳо аз нигоҳи лаҳннокӣ не, балки аз рӯйи иштироки узвҳои овозсоз ба ҳам монанд шудаанд.

в**) тағйироти гуногуни таркиби овозии калима.** Падидаи номатлубе, ки дар оҳанги гуфтор ва талаффузи соҳибзабонон, аз ҷумла наттоқони радио, мушоҳида мешавад, тарзи баёни маҳаллӣ ва шеваи забони дигар аст:

Дар ин бахш ба хотири *рушан* намудани роҳи зиндагӣ барои ҳар кадоми шумо бахши «Андарзи зиндагӣ»-ро оғоз мекунем (Ҳамроз, 05.11.2013). *Жонри* андеша ёд замини Байннанаҳрайнро меорад. Дар ин *жонр* кушоиши замини нав хорич аз имкон аст, ҳамон кухназаминро аз сар кишту варз (?) бояд кард (Ҳамроз, 05.11.2013). Ҳар инсон рӯдест, аммо дареғ чун чашма равон аст ва ҳар инсон хуршедест, вале, афсӯс, чун зарра *нумоён* (Ҳамроз, 05.11.2013). …бо дастгирии сарвари мамлакат ман тибқи *кувоттаи призденти* шомили Донишгоҳи омӯзгорӣ гардидам (Авранг, 06.07.14). Аз ин рӯ мо барои воқеияти ин матлабро *рӯшан* кардан бо ҳунарманд ва коргардони муваффақи тоҷик Қамариддин Мирзоев, ки айни ҳол масъулияти саркоргадонии Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидовро бар зимма доранд, суҳбати хосае анҷом додем (Аз табори хуршед, 04.02.21).

Дар мисолҳои мазкур калимаҳои *рушан (рӯшан), жонр, нумоён, кувоттаи призденти* хилофи меъёри орфоэпии забони тоҷикӣ талаффуз шудаанд. Тибқи меъёр бояд *равшан, жанр, намоён* ва *квотаи президентӣ* гуфта шавад.

Чи тавре ки мушоҳида кардем, дар талаффузи соҳибзабонон, аз ҷумла гӯяндагони радио, фонемаҳо ба тағйирот дучор мешаванд. Ҳол он ки «фасоҳату салосати калом тақозо мекунад, ки ҳар овоз, ҳиссаи калима, таркиб, ибора бурро, шунаво ва солим талаффуз карда шавад. Ин маҳорат бидуни заҳмати машқи талаффузи овозҳо ба даст намеояд» [Камолиддинов, 2007: 55].

г) Журналистони радио ба хотири ҷалби бештари шунавандагон ҳама василаҳои имконпазири таъсирбахшро кор фармудаанд. Чунончи,

дар мисоли зерин калимаҳоро ҳамоҳанг оварда матлабро ширину шево ифода кардаанд:

Дар ибтидо, ба ҳамаи Шумо – азизон, ***тани сиҳат, хотири ҷамъ, дили бегам*** ва ***барору пешравиҳои кору зиндагиро о***рзу дорем (Маърифат, 11.02.2014). Хостам донам, ки шумо чӣ тавр вориди ана ҳамин дунёи сеҳру меҳри мусиқӣ гардидед (Орази наво, 26.04.2013).

Калимаҳои ***ҷамъ*** ва ***бегам***, ***барор*** ва ***кор, сеҳр*** ва ***меҳр*** ҳамқофия омадаанд, ки ин падидаро насри қофиядор, яъне санъати саҷъ мегӯянд.

Оҳанг(интонатсия)-и гуфтор. Оҳанг яке аз воситаҳои муҳимми ифодаи мақсади гӯянда аст, ки бо ёрии он калимаю таркибҳо, ибораву ҷумлаҳо бо ҳамдигар алоқаманд гардида, матни комилро ба вуҷуд меоваранд. Тамоми хусусиятҳои оҳанг асосан, ҳангоми талаффузи овозии матн, яъне дар нутқи шифоҳӣ, зоҳир мегардад. Ногуфта намонад, ки ҳар як навъи ҷумла оҳанги махсуси ифода дорад. Аз ин рӯ гӯяндагон ҳангоми қироати матн дар барнома бояд ба пасту баландшавии наво, қоидаи танфис, суръати ва танини гуфтор аҳаммият диҳанд. Ба қавли файласуфи немис Фридрих Нитсше: «Дар нутқ чизи аз ҳама возеҳ худи калима не, балки наво, қувваи гуфтор, оҳанг, суръат мебошад, ки тавассути онҳо калима ифода карда мешавад, хулоса, мусиқие, ки дар паяш шавқу рағбате ҳаст» [Нитсше, 1990: 6].

Табиати талаффузи матн аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин муайян карда мешавад: 1. Талаффуз (диксия); 2. Наво; 3. Қувваи овоз; 4.Суръати нутқ; 5.Лаҳни садо.

Талаффуз (диксия – аз лот.– талаффуз/ ба забон овардани калима. Талаффуз барои шахсе, ки дар ҳузури мардум суханронӣ мекунад (рӯ ба рӯ ё ғоибона), ниҳоят муҳим аст. Талаффузи бурро ба солим будани дастгоҳи гуфтори шахс, махсусан, узвҳои нутқ – лабҳо ва забон, алоқаманд аст. Талаффузи дуруст дар натиҷаи машқ кардан ба даст меояд. Яке аз чунин машқҳо тезгӯяк ва шеърхонӣ аст. «Чунин машқҳо ба осон ва надармонда якмаром талаффуз кардани овозҳои мушкилгӯ

мусоидат мекунанд, сухан суфтаву равон ва фораму дилнишин мебарояд» [Камолиддинов, 2007: 56].

Наво – талаффузи ҳиҷоҳои алоҳидаи калимаҳо бо савти муайян. Он ба дараҷаи шиддати садопардаҳо вобаста аст. Савти садо дар навъҳои гуногуни ҷумла – хабарӣ, саволӣ, хитобӣ ба кори садопардаҳо вобаста аст. Машқи тағйирдиҳии овоз имкон медиҳад, ки баланду пастшавии лаҳни гуфтор назорат карда шавад, ҳамчунин ба ҷудо кардани калимае, ки задаи мантиқӣ мегирад, мусоидат менамояд: Борон меборад. Борон меборад? Борон меборад!

Қувваи овоз гуфта баландшавии онро мегӯянд ва он ба миқдори ҳавои аз шуш бароянда, ки тавассути садопардаҳо мегузарад, вобаста аст. Гӯянда метавонад, овоз баланд кунад, паст кунад ва ё пичир-пичир карда гап занад.

Суръати нутқ суръати талаффузи овозҳои нутқ ва тартиби онҳо мебошад. Айни як фразаро бо суръати гуногун талаффуз кардан мумкин аст: тез, суст, миёна.

Лаҳни садо – обуранги ҳиссии бо воситаҳои овозӣ ифодагардида. Тавассути овоз эҳсосоти гуногунро ифода намудан мумкин аст: шодӣ, шавқ, таассуф, тарс, нафрат, кароҳат, маъюсӣ, пӯписа, эҳтиром, муҳаббат, беэътиноӣ ва амсоли ин. Масалан, ифодаи «барф меборад»-ро бо эҳсосоти гуногун талаффуз кардан мумкин аст: шодӣ, таассуф, ноумедӣ ва ғ. Ё ин ки: «Падарам омаданд» – бо эҳсоси шавқ, ноумедӣ, меҳр ва ғ.

Хусусияти услубии воситаҳои овоиро ба назар гирифта, муҳаққиқ Н.С. Трубетской дар асараш «Асосҳои фонология» чунин қайд менамояд: «Ҳангоми ба гӯш расидани сухани шахсе, мо мешунавем, ки кӣ мегӯяд, чӣ тавр мегӯяд ва чӣ мегӯяд» [Трубетской, 1960: 22]. Бинобар ин гӯяндагони радио дар барномаҳое, ки пешниҳод мекунанд, бояд ба мазмуни матн ва ҷанбаи забониву услубии он аҳаммияти бештар диҳанд ва кӯшиш намоянд, то талаффузи бурро дошта бошанд, оҳанги гуфторро дуруст интихоб намоянд ва суръати муътадили баёнро риоя кунанд.

Муҳаққиқи соҳаи радио О. Матхолов дар мақолааш «Шаклҳои пешниҳоди осори савтӣ дар радиои «Тоҷикистон»» шеваи хониши матнҳои радиоиро баррасӣ намуда, изҳор медорад, ки: «Барои муассир ва шуниданӣ шудани асар (намоишномаҳои радиоӣ ва хонишҳои бадеӣ) зарур аст, ки як қатор шартҳо риоя шаванд: … садои хуб; … талаффузи дуруст; …сиҳатии андоми садосоз; … қироати образнок…» [Матхолов, 2012: 116-117].

Бояд гуфт, ки талаффузи дурусти калимаҳо ба мавқеи зада дар онҳо вобаста аст, ки он ҳам тавассути интонатсия ифода меёбад. Зада ҳам дар калима ва ҳам дар ҷумла мешавад, ки аввалиро задаи калима, дуюмиро задаи фраза ё ҳиссаи ҷумла меноманд. Борҳо мушоҳида гардидааст, ки дар нутқи шифоҳӣ дар талаффузи калимаҳо зада ғалат гузошта мешавад. Масалан: *назария, амалия, номзад, меъёр, роман* ва амсоли инҳо. Дар ин калимаҳо зада дар ҳиҷои охир меафтад, аммо бинобар надонистани қолабҳои заданокии тоҷикӣ онро дар ҳиҷои аввал гузошта талаффуз мекунанд, ки дуруст нест.

«Барои ин ки суханони гӯянда ба мусоҳиб комилан фаҳмо бошад, шарти аввал ин аст, ки нутқ буро ва шунаво талаффуз шавад, овозҳои калима пурра ва равшан шунида шаванд, задаи калима барҷо ва интонатсияи гуфтор ба мақсади мурод мусоидат кунад. Илова бар ин, талаффузи овозҳои таркиби калима, ҷойи зада аз рӯйи маромі забони адабии ҳозираи тоҷикӣ воқеъ гардад» [Камолиддинов, 1989: 27].

Интонатсия (оҳанг) дар ифодаи мақсади гӯянда нақши муҳим дорад. Бинобар ин ҳангоми талаффуз риояи унсурҳои он ҳатмист. Масалан, дар матни зерин байни ҷумлаи аввал, дувум ва сеюм танфис (пауза) гузошта нашудааст, ҳол он ки нутқи равону таъсирбахш дар натиҷаи риояи қоидаҳои талаффуз ҳосил мешавад:

Дар оғози суҳбат аз корҳои имрӯзаатон пурсем. Чанд муддат аст, ки суҳбат надоштед бо радиои «Тоҷикистон». Имрӯзҳо чӣ кору чӣ ҳолу ҳаво доред? (Аз табори хуршед, 28.12. 2020).

Чи тавре ки аз матн бармеояд, дар ҷумлаи дуюм ҷойи аъзоҳои ҷумла бесабаб тағйир дода шудааст. Ҷумла бояд чунин сохта мешуд: Чанд муддат аст, ки бо радиои «Тоҷикистон» суҳбат надоштед. Ғайр аз ин, калимаи ***ҳаво*** дар саволи сеюм як андоза барои шунаванда нофаҳмост, чунки ин вожа дар байни мардум ба маънои «бод, насим, фазои болои замин, осмон» маъруф аст. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ чор калимаи ***ҳаво*** мавҷуд аст, ки байни ҳамдигар муносибати омонимӣ доранд: **ҳаво I** – 1. бухори газмонанди беранг, бебӯ ва бетаъм, ки кураи Заминро иҳота кардааст ва он, асосан, аз нитроген ва оксиген таркиб ёфтааст, атмосфера; 2. бод; насим; 3. фазои болои замин, осмон; **ҳаво II** оҳанг, наво, лаҳн, нағма; **ҳаво III** – 1. иштиёқи зиёд, орзу, ишқ; 2. ҳавас, майли (хоҳиши) нафс; **ҳаво IV** – 1. ҷ. аҳвия. 2. миёни осмону замин, хало, холигии ҳар чизе; 2. тарсу, буздил, холӣ аз ҷуръат [ФТЗТ 2, 2008: 474-475]**.** Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки дар барномаҳои радиоӣ бояд калимаҳои маъмул ва умумиистеъмол бештар кор фармуда шавад, чунки сатҳи забондониву луғатдонии шунавандагон гуногун аст.

Аз рафти барномаҳои радио мушоҳида мегардад, ки журналистон барои ҷалби ҳар чи бештари аудитория ҳама гуна воситаҳои муассирро кор мефармоянд ва ба ин васила гуфторро таъсирбахш менамоянд. Чунончи, дар намунаи зерин гӯянда аз санъати саҷъ хеле моҳирона истифода бурдааст:

Чашмони ***пурхумору оташбори*** ҷавонӣ гул мечид, гул меҷуст, аз рухи ***ёр***, аз нозу итоби ***дилдор***, аз садои ***зангӯладор***и сиҳиқомату мӯйҳои ***маргуладор***. Ҳеҷ аз ёдаш намеравад, ки як шабе ба ёди он ***ёр***, ба он ***дидор*** ба худ мепечид. Хоб аз дидагонаш гурехта, дил ***беқарор***. Ба соат нигарист, ***чаҳор*** (Бо моҳу парвин, 16.02.20).

Дар матни мазкур калимаҳои ***пурхумору оташбор, ёр (2 маротиба)***, ***дилдор***, ***зангӯладор***, ***маргуладор***, ***дидор беқарор, чаҳор*** ҳамоҳанг омада, таваҷҷуҳи шунавандаро ба худ кашидааст. Чунин ҳолат дар мисоли зерин ҳам ба назар мерасад:

Ишқе, ки дар чаҳор фасли умр омаданаш ***зебост.*** Дар дилу ҷонаш ***ҷосту ҷобаҷост*** ва аз будияш дилаш масту ғарқи ***таманност.*** Шеъри дили шоир дар чаҳор фасли умр гӯёву ***рӯболост*** ва дар ҳар фасле биёяд, ишқ ***зебост***… (Зуҳраи навогар, 22.07.2015).

Ҳамин тариқ, маводи амалии мавриди таҳлил қароргирифта аз он шаҳодат медиҳад, ки:

1. Азбаски матнҳои радио шифоҳӣ садо медиҳад, мураттибон ва муҳаррирони барномаҳо бояд ба ҷанбаи савтии он – таркиби овозии калимаҳо, қолабҳои заданокӣ ва оҳанги гуфтор, бештар таваҷҷуҳ намоянд. Калимаи нодуруст талаффузшуда ба шунидани матлаб монеъ мешавад. Ҳар як калима бояд бурро ва беғалат гуфта шавад.

2. Дар барномаҳои радиоӣ дар ҷараёни қироати матн баъзе падидаҳои овозӣ, аз қабили ҳамнишинии овозҳо (пайиҳам овардани овозҳои якхела, паҳлуи ҳам овардани овозҳои ҳаммахраҷ), аллитератсия, ассонанс, коҳиш, монандшавӣ ва амсоли инҳо мушоҳида гардиданд. Дар ҳолати дуруст интихоб гардидани вожаҳо ин падидаҳои овозӣ (ба истиснои коҳиш, монандшавӣ) ҳамчун воситаи муассир хизмат мекунанд. Вагарна ба ҳусни баён нуқсон ворид мекунанд.

3. Оҳанги гуфтори барномаҳо низ бояд дуруст, вобаста ба мазмуни матн интихоб карда шавад. Баъзан дар ҷараёни талаффуз гӯянда саросема мешавад ва оҳанги гуфтор нотамом мемонад. Матн ва оҳанги баёни он бояд созгор бошад.

4. Дар барномаҳои радио журналистон тамоми маҳорат ва малакаи худро барои таъсирбахш ва ҷолиб баромадани гуфторҳои барнома ва ҷалби аудитория истифода бурдаанд. Онҳо на танҳо аз воситаҳои муассири забони ҳозираи тоҷикӣ, балки анъанаҳои насри классикӣ хеле бамаврид фоида бурдаанд.

БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР МАТНИ БАРНОМАҲОИ ФАРҲАНГИВУ ФАРОҒАТИИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН»

2.1. Забони ВАО ҷузъи муҳимми забони адабӣ

Дар марҳилаи кунунӣ, ки васоити ахбори омма ба ҳаёти ҷамъият, тафаккур ва тасаввуроти мардум, ҳамчунин ба забон ва фарҳанги миллӣ таъсир мерасонад, фаврият ва саҳеҳияти иттилоот, яъне матнҳои ВАО, мубрамияти худро аз даст намедиҳад. Зери мафҳуми «матнҳои ВАО» ба маънои васеаш на танҳо маводи рӯзномаву маҷаллаҳо (маводи таҳиякардаи намояндагони матбуоти хаттӣ (пишущая пресса), балки маводҳои мухталиф, аз қабили репортаж ва мусоҳибаҳои радиоиву телевизионӣ, барномаҳои гуногун, ток-шоу, филмҳо ва амсоли инҳоро фаҳмидан лозим аст, ки онро баъзан «матбуоти электронӣ» (электронная пресса») ҳам мегӯянд. Мафҳуми «матбуоти электронӣ» дар чанд соли охир васеъ гардида, шабакаи ҷаҳонии Интернетро, ки дар он қариб ахбори тамоми агентиҳои иттилоотии ҷаҳон пешниҳод мегардад, ба он шомил намудаанд.

Ҳар як навъи матни дар ин ё он жанр таҳиягардида бо хусусиятҳои худ аз дигараш фарқ мекунад. Чунончи, матни мақолаи таҳлилӣ аз матни ташреҳи сиёсӣ ва ё ахбори варзишӣ тафовут дорад, аммо хусусиятҳои дигари умумие мавҷуданд, ки дар маҷмуъ ба забони ВАО хос аст.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми матнҳои ВАО, аз ҷумла ҳамаи жанрҳои он, омезиши элементҳои хабаррасонӣ ва таъсиррасонӣ мебошад. Ҳарчанд вазифаи асосии иртиботи омма ирсоли иттилоот ба ҳисоб меравад, он на ҳамеша пурра холисона буда метавонад, яъне комилан аз воситаҳои таъсиррасонӣ ба аудитория орӣ нест. Дар аксари мавридҳо ирсоли иттилоот ба баҳои ошкоро ва ё пинҳонии хабарнигор тавъам аст. Ин амал тавассути воситаҳои забонӣ, усулҳои таҳияи нутқ сурат гирифта, аудиторияро водор менамояд, ки ба хабари интиқолшуда вокуниш нишон диҳад.

Ба жанрҳои мухталифи матнҳои ВАО мутобиқат ва татбиқи унсурҳои хабаррасонӣ ва таъсиррасонӣ хос аст. Дар миёни хусусиятҳои сирф забонӣ ва услубии забони ВАО, ки онро аз дигар услубҳои ҷории нутқ фарқ мекунонад, инҳоро номбар кардан мумкин аст:

• Дараҷаи олии стандартизатсияи воситаҳои истифодашаванда, кор фармуда шудани ифодаҳои устувор, ифодаҳои махсуси журналистӣ, ифодаҳои маҷозӣ, истилоҳот ва номҳои муқаррарӣ ва ғ. (ин хусусият, пеш аз ҳама, ба маводи ахборӣ хос буда, кӯшиши муаллифони онро дар бобати ба вуҷуд овардани объективият ва бетарафии комил нишон медиҳад). Чунончи: ***ҳодисаи муҳим; чи тавре ки манбаъ иттилло медиҳад; таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки…; натиҷаҳои номатлуб; сафари корӣ огоз ёфт / ба охир расид; дар ҷараёни сафари корӣ; натиҷаҳои сафари корӣ нишон дод, ки…; ҳамкориҳои мутақобилаи судманд; созишномаи тарафайн; барномаи давлатии мусаллаҳкунӣ; Кумитаи кор бо муҳоҷирон*** ва ғ.: Фикри ман чунин аст, ки ин яке аз пешниҳодҳо ба *Кумитаи варзиш, ҷавонон ва сайёҳии назди ҳукумат* мебошад, ки дар ҳамкорӣ бо кафедраҳое, ки дар бахши туризм фаъолият мебаранд, таҳлил гузаронида шавад (Авранг, 15.04.2014).

• Муассирии (ифоданокӣ) забон ҳамчун василаи ҷалб кардани таваҷҷуҳи хонанда, ифодаи муносибат ба иттилооти интиқолшаванда, изҳор намудани баҳои мусбат ё манфӣ; мавҷудияти тавсифҳои баҳодиҳанда; муроҷиати бевосита ба хонанда ва ё шунаванда (ин хусусият ба маводҳои муаллифӣ ва обунавӣ хос аст). Чунончи, ***ҷавоби оташин; хушбахтона / мутаассифона; ояндаи дурахшон; аз он замон хеле вақт сипарӣ шуд; бо афсӯс қайд мекунам, ки; шояд шумо пай бурдед, ки ҳоло сухан дар бораи чӣ меравад ва г.:***

Хушбахтона, имрӯз мутахассисоне низ пайдо гардиданд, ки китобҳоро дар бораи асосҳои илмҳои дақиқ, компютер, техникаву технология бо забони тоҷикӣ пешниҳоди хонанда созанд (Меъроҷи андеша, 13.09.2013). *Мутаассифона,* ҷомеаи мо аз нафарони бадрафтору бадкирдор орӣ нест ва чунин ашхос метавонанд, ҷавонону наврасонро,

ки дар арафа, дар авҷи камолот ҳастанд ва роҳи баду некро шояд ин қадар фарқ накунанд, ба роҳи баде водор созанд (Маърифат, 23.02.2021).

• Мавҷудияти калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои миллӣ – реалияҳои гуногун (ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ), суханони киноявӣ (аллюзияҳо) (ба адабиёт, таърих, синамо ва ғ.) ва иқтибосот (реалияҳо ба маводҳои беимзо, аз ҷумла ба ахбор, маводҳои муаллифӣ, киноякҳо ва хусусан иқтибосҳо ба журналистикаи муаллифӣ хосанд). Чунончи, ***барӯйхатгирии аҳолӣ, панҷошёнаҳои хрушёвӣ; иттифоқи нависандагон; манзили коммуналӣ*** ва ғ.

• Истифодаи лексикаи гуфтугӯйӣ ва калимаҳои ба «матбуоти хиёбонӣ» хос (бо мақсади ифода кардани муносибатҳои муайян, масалан ҳазломез, офаридани образи мушаххас, муассирии услубӣ (ҳаҷв) ва ҷалби аудитория ё ин ки категорияи муайяни хонандагон). Чунончи: «Хусурам «крахабор» аст»; «Ба ман шавҳари «лох» лозим нест» ва ғ. Ин ҳолат дар матни барномаҳо мушоҳида нашуд.

• Истифодаи васеи фразеологизмҳои образнок ва лексикаи идиоматикӣ (калимаҳои адабӣ, гуфтугӯйӣ), аз ҷумла идиомаҳо, суханбозӣ, таҷнис, зарбулмасалу мақолҳо. Чунончи, «Аз мост, ки бар мост», «Гандападар бошу гандамодар не», «Модар чӣ гуна – духтар намуна», «Алами Исоро аз Мӯсо гирифтан», гули сари сабад, масъалаҳои муҳим, хизмати хирсона, алоқаи фаврӣ ва ғ.

• Ба таври фаровон истифода бурдани воситаҳои услубӣ, санъатҳои бадеӣ – муболиға, ташбеҳоти образнок, метафора, метонимия, паронимҳо (хусусан, дар матни рекламаҳо), киноя, эвфемизмҳо ва ғ. (бештар ба маводҳои муаллифӣ, ташреҳ, мақолаҳо ва мактубҳо дар мавзуъҳои гуногун ва ғ.). Чунончи:

Гулрухсор шоирест, ки тамоми дарду армон ва шодиву нишоти умр дар қолаби шеърҳояш ғунҷидаанд. Ӯ тавониста, ки ***ишқро ошиқ кунад, дардро ширин кунад***. Ҳар сатри ӯ ***бӯи дили Зуҳра*** дорад, ***бӯи вафову меҳр*** дорад, ***бӯи ватану зодгоҳ*** дорад. Ҳамин аст, ки ***шеърҳои ӯ пару бол мекушоянд, ба дуриҳои дур мераванд*** (Зуҳраи навогар, 22.07.2015).

• Як хусусияти муҳимми матнҳои хаттии ВАО сарлавҳаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо мебошад, ки дар заминаи суханбозӣ, иқтибосот, ифодаҳои киноявӣ ва идиомаҳо ташаккул ёфтаанд. Чунончи, «***Ҳар чи корӣ, ҳамон медаравӣ», «Худкардаро даво нест», «Бе пул суханат асар надорад»*** ва ғ.

ВАО, аз ҷумла радио ва телевизион, вазифадоранд, ки намунаи нутқи шифоҳиро таҳия намуда, нигаҳдорандаи фарҳанги он бошад. Махсусан, телевизион тамошогаҳи мардум буда, воситаи ниҳоят таъсирбахш ба ҳисоб меравад. Ҳатто яке аз тавонотарин воситаи тарбияи забонӣ ва эстетикии аудиторияи калони тамошобинон мебошад. Меъёри талаффузи адабии умумихалқӣ дар он ба ҳар ду пой мелангад. Мушкилоти асосӣ дар нутқи гуфтугӯйие зоҳир мегардад, ки зери таъсири шеваҳои маҳаллӣ, лаҳҷаҳо ва забонҳои халқҳои дигар мондааст. Дур афтодан аз меъёри забони адабӣ на танҳо дар талаффузи калимаҳо, балки нодуруст гузоштани ҷойи зада дар онҳо ба мушоҳида мерасад. Таҳияи қоидаҳо ва меъёри забони адабӣ дар талаффузи калимаҳо натиҷаи мушоҳидаҳои дурудароз ва омӯзиши илмӣ мебошад. Он чизе, ки устувориашро собит менамояд, бояд нигоҳ дошта шавад. Аммо чизҳое, ки хилофи меъёри забони адабиянд ва забонро олуда мекунанд, бояд решакан карда шаванд.

Дар мавриди кормандони эҷодии радио ва телевизион ҳаминро гуфтан лозим аст, ки услуби нутқи онҳо дониш, маҳорат, малака, завқи иҷтимоӣ ва фарҳангашонро нишон медиҳад. Ҳатто як ғалати содиркардаи онҳо нобоварии тамошобинро нисбат ба забони радиову телевизион ба вуҷуд меорад. Ҳар як ғалате, ки дар меъёри талаффуз ба миён меояд, аз паст будани дараҷаи саводнокии нотиқ (надонистани орфоэпия – қоидаҳои дуруст талаффуз кардани калимаҳо) ва ё касбияти ӯ дарак медиҳад.

Меъёри забони адабии муосир дар феҳрастҳои забоншиносӣ ва фарҳангҳо, луғатҳое, ки қоидаҳо ва қонунияти орфоэпияро дар бар мегиранд, инъикос гардидааст. Дар кулли мамлакатҳои мутараққӣ барои

дикторони радио ва телевизион луғатҳои махсус тартиб дода шудаанд, ки қабл аз пахши барнома ба онҳо муроҷиат кардан лозим аст. Агар баъзе ровиёни шабакаҳои радиоиву телевизионии мо пешакӣ омодагии ҳамаҷониба бинанд, ба ғалатҳо роҳ намедиҳанд. Ба мисолҳои зерин таваҷҷуҳ намоед:

1. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ *аксари кулли* осори бебаҳои хешро маҳз зери садои мусиқӣ ва зарби рақс офаридааст (Ҳамзамон, 10.10.2013). 2. Парасту, шумо ки зодаи деҳот ҳастед ва Душанберо хаёлан қаблан надида будед, *вақти ҳангоми* донишҷӯйӣ нахустин қадам ба Душанбешаҳр мондед ва Душанберо чӣ гуна дарёфтед ва шояд як шеърпора ба васфи Душанбе суруда бошед? (“Авранг” 06.07. 2014). 3. Дар ҳақиқат, устод, хуб гуфтед. Мехостам донам, ки ана ҳамин нақши зодгоҳ, яъне зодгоҳ барои ҳунарманд, барои шуҳратманд шуданаш, барои пешрафти ҳунараш чӣ нақше мебозида бошад? (Орази наво, 26.04.2013)

Дар ҷумлаи аввал барои ифодаи маънои ҷомеият пайиҳам ду вожа – *аксари кулли* истифода шудааст, ки ба назари мо, бемаврид аст. Шояд ба ҷойи он таркиби *як қисмати* кор фармуда мешуд, беҳтар мебуд. Чунин ҳолат дар мисоли дуюм низ мушоҳида мегардад. Дар ин ҷо калимаҳои *хаёлан* бемаврид, *вақти* барзиёд аст, зеро тобиши маънои замонро калимаи адабӣ-гуфтугӯйии *ҳангоми* хуб ва бамаврид ифода кардааст.

Ҳанӯз А.П. Чехов дар бобати забони ғайриадабӣ гуфта буд, «*Забони ғайриадабӣ ҳусни мазмунро батамом мекоҳонад... Дурустии тарзи ифода ва матлуб будани сухани гуфташуда бояд дар ҳама муносибатҳо риоя гардад – аз забони сода ва дуруст шуруъ карда...*» [Чехов, 1979: 60]. Ин суханони А.П. Чехов ба воҳидҳои луғавӣ, ки дар ҳама соҳаҳои фарҳанг корбаст мешаванд, мансуб аст.

Ҳамин тариқ, забон аслиҳаи тавоноест, ки журналистро ба қуллаи мурод мебарад, агар ӯ меъёри забони адабиро хуб донад. Журналист вазифадор аст, ки тамоми воҳидҳои забонро беғалат истифода барад, зеро дар марҳилаи муосир барандаи асосии забони адабӣ забони ВАО

мебошад. Нақши он дар тарғиби нутқи солим ва меъёри забони адабӣ назаррас аст, зеро як ғалати ВАО зуд дар байни мардум паҳн шуда, ба нуқсони оммавӣ табдил меёбад.

Ғамхории пайваста дар ҳаққи забони миллӣ ба инкишоф ва такомули маданияти баланди нутқ ва фаҳмиши беғалати фикру андеша, иттилоот, дарки дурусти матни пурмаъниву пуртароват ҳангоми гуфтор ва навишт, бахусус дар ВАО, мусоидат мекунад. Забони ВАО мақсади асосии омӯзишу таҳқиқи ҳодиса ва равандҳои наве мебошад, ки дар нутқи шифоҳиву хаттии забони имрӯза ва дар маърифати забондонии мардум мушоҳида мешавад. ВАО ҳамаи ин ҷиҳатҳоро дар саҳифаҳои маводҳояш ва барномаҳои радиоиву телевизиониаш инъикос менамояд. Дар ВАО, хусусан матбуот, тамоми тағйироти дар забон бамиёномада инъикос мегардад ва мардум инро аз худ намуда, тибқи он амал мекунанд.

Бояд гуфт, ки матбуот ва дигар навъҳои ВАО дар мавриди ташаккули забони адабӣ нақши арзанда доранд. Мардум аз нигоштаҳои аҳли матбуот, барномаҳои ҷолибу дилчаспи радиову телевизион ғизои маънавӣ мегиранд ва дар баробари ин аз захираи бою рангини забони модарӣ баҳра мебардоранд. Забони ВАО дар ташаккул ва такомули маънавии мардум саҳми босазо дошта, барои маърифати бештар ва дар ин замина пешрафти забони миллӣ, ки яке аз рукнҳои аслии фарҳанг ва эҳёи ифтихори миллист, мусоидат мекунад ва боиси таҳкими заминаҳои иҷтимоии пешрафт ва фаъол гаштани шаҳрвандони кишвар ва саҳми бештари онҳо дар ҳалли мушкилоти рӯз ва ободонии кишвар мегардад.

Чи тавре ки маълум аст, барои он ки як забони миллӣ намирад, ташаккул ёбад ва доираи фаъолияташ васеъ гардад, лозим аст, ки зиёдтар аз сад ҳазор гӯянда дошта бошад. Мардуми тоҷик зиёда аз нуҳ миллионро ташкил медиҳанд ва ин хатари аз байн рафтани забони миллии моро бартараф мекунад. Ин маънои онро надорад, ки бо забон ҳар гунае ки метавонем, муносибат кардан мумкин аст. Муносибат ва бархӯрди мо ба забон бояд ҳаргиз саҳлангорона набошад. Муносибати

мо ба забон бояд дар доираи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ ҷиддӣ, босаводона, оқилона ва ғамхорона бошад. Ба хотири ниёзҳо ва манфиатҳои андаке забонро хору зор накунем, набояд костагиҳои дониш ва таҷрибаи мо дар мавриди қонунҳои забон, рисолати таърихӣ ва мақоми он дар ҷамъият боиси костагиҳои асолати забон, ҳамчунин боиси ҳолатҳои номатлуби худи забони модариамон гардад.

Аслан, ҳама гуна ғалатҳо аз надонистан сар мезанад. Вазъу ҳолати имрӯзаи забони матбуот ва гуфтору намоишҳои радиову телевизиони кишвар гувоҳи он аст, ки мо ба ин мавзуъ бояд аҳаммияти ҷиддӣ диҳем, зеро забони тоҷикӣ баёнгари ҳодисаҳои рӯз ва падидаҳои равшани замон аст. Он қудрати ифода ва ғунҷоиши тамоми мафҳумҳоро дорад ва метавонад, ки рисолати таърихии худро сарбаландона иҷро намояд. Татбиқи амалии ин гуфтаҳоро дар ҷараёни таҳқиқи хусусиятҳои луғавию фразеологии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» пайгирӣ хоҳем кард.

2.2.Таркиби луғавии матни барномаҳо

Барномаи радиоӣ – таҳияи мураккаби сохтории гурӯҳҳои гуфторӣ ва мусиқие мебошад, ки аз маҷмуи овозии муайян, ки ба махсусияти шабакаи радиоӣ, вазифаҳои шунавонӣ ва усулҳои муошират бо аудитория асос меёбад, иборат аст. Пас, интихоб ва истифодаи воҳидҳои забон низ ба ҷанбаҳои мазкур вобастагӣ дорад. Дар ин қисмат хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ, ки дар матни барномаҳо истифода шудаанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Таркиби луғавии забон тамоми калимаҳои забонро дар бар мегирад. Миқдори калимаҳои забонро муайян кардан душвор аст, аммо муҳаққиқон тахмин кардаанд, ки миқдори калимаҳои забони рушдкарда тақрибан ҳудуди 200000 аст [Маҷидов, 2007: 88]. Таркиби луғавии забон қисми ҳассостарин ва тағйирёбандатарини он аст. Тағйирот дар таркиби он бо роҳи ба вуҷуд омадани калимаҳои нав, аз истеъмол баромадани калимаҳо ва тағйири маънои калимаҳо, пайдо шудани мафҳумҳои нав ба амал меояд. Он пайваста аз ҳисоби сохта шудани калимаҳои нав аз

калимаҳои мавҷудаи забон ва иқтибос шудани калимаҳо аз забонҳои дигар бой мегардад.

Дар ҳақиқат, дар шароити кунунӣ, ки бо рушди босуръати илму техника робитаи зич дорад, ҳамарӯза тағйироту дигаргуниҳо ба амал омада истодаанд. Ин тағйирот ба ҳама соҳаҳо, аз ҷумла забони миллӣ низ таъсир мерасонад. Ба таркиби луғавии забон калимае ворид ва ё аз он хориҷ мешавад, воҳидҳои фразеологии нав тавассути тарҷума ба истифода медарояд, наввожаҳо ва истилоҳоти нав пайдо мешаванд. Ҳамаи ин дигаргуниҳо дар забони ВАО инъикос меёбад, яъне барандаи забон дар марҳилаи имрӯзаи рушди он маҳз забони ВАО маҳсуб меёбад.

ВАО-и муосир дар аксар мавридҳо вазъи забонӣ, иҷтимоию равонӣ ва фарҳангии ҷамъиятро муайян менамояд. ВАО инсониятро аз хабарҳои тозатарини ҷаҳон огоҳ намуда, ба афкори ҷамъият, усули дарки ҷаҳон, навъи фарҳанги ҷаҳонӣ таъсир мерасонад. Забони ВАО яке аз воситаҳои муосири паҳн намудани иттилоот буда, дар ҷамъияти иттилоотӣ як навъ роли муаррифгари забони миллиро бозида истодааст. Дар аксар ҳолатҳо он меъёри забони адабиро ба шакл медарорад.

Аз як тараф, забони ВАО ба таври худ забони адабиро аз ҳисоби ибораҳои пуробуранг бой гардонад, аз тарафи дигар, бо ворид кардани калимаҳои хусусияти жаргондошта ва иқтибосоти душворфаҳми арабӣ ва байналмилалӣ сифати забони маводи худро коҳонда, хонандагонро аз хондани он дур мекунанд. Дар шароити коҳиш ёфтани фарҳанги иттилоотиву забонӣ ва нутқ забони ВАО таваҷҷуҳи бештареро тақозо менамояд.

Ба аломатҳои умумии ба забони ВАО хос инҳоро дохил кардан мумкин аст:

1) хусусиятҳои миқдориву сифатии соҳаҳои мушаххаси иртиботи нутқӣ (нутқи шифоҳӣ, услуби журналистиву публитсистӣ, махсусиятҳои забони радио ва телевизион, Интернет);

2) меъёри муошираты гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ;

3) озодии услуби публитсистӣ ва тавсеаи ҳудуди меъёрии забони

ВАО;

4) пайгирии нутқи дар байни журналистон роиҷгардида;

5) дуршавии бошуурона аз меъёри забони адабӣ [Добросклонская, 2008: 12].

Ҷараёни фаъоли ба амал омадани тағйирот дар доираи меъёри забони тоҷикӣ маҳз дар ВАО ба назар мерасад. Алоқамандона бо ин масъалаи ташаккули фарҳанги иттилоотиву забонӣ дар ҷамъият ва ҳифзи анъанаҳои миллии забонӣ ва ҳусни баён ба миён меояд.

Дар баробари забони матбуот дар чаҳорчӯбаи матнҳои ВАО забони аудиовизуалии кино, забони радио ва телевизион, забони реклама ва забони Интернет дар рушди забон нақши созгор мебозанд. *«Забони ВАО «аломатҳои барҷастаи иҷтимоиро доро буда, ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии ҳаёт таъсир мерасонад, ҳамчунин дар ташаккули тафаккури забонии мардум аҳаммияти бештаре касб мекунад»* [Добросклонская, 2008: 432]. Аз ин рӯ омӯзиши забони ВАО ҳамон вақт сермаҳсул хоҳад буд, агар методҳои мухталифи соҳаҳои филология, журналистика, равоншиносӣ, фаласафа, сотсиология, сиёсатшиносӣ, кинематография дар якҷоягӣ кор фармуда шаванд.

Тибқи андешаи олимон, дар давраи пасошуравӣ публитсистика дар ташаккули нутқи муосирони мо, коркард ва таҳияи меъёри забони адабӣ дар истеъмоли калима роли асосиро мебозад. Дар ин марҳила адабиёти бадеӣ нақши аввалиндараҷаи худро, ки дар даврони шуравӣ ишғол мекард, аз даст дода, ба мавқеи дуюм фуромад. *«Насри бадеӣ ва назм тадриҷан аҳаммияти аввалиндараҷаи худро аз даст дода истодаанд, зеро шавқи хонандаи муосир, ки ба телевизион ва «адабиёти овозӣ» (кричащая литература) таваҷҷуҳи бештар дорад, ба он коҳиш ёфтааст»* [Добросклонская, 2008: 22].

ВАО дар баробари иттилорасонӣ ва таъсиргузорӣ талаботи муоширатро таъмин менамояд, ки он тавассути забон сурат мегирад. Вазъи кунунии забони адабӣ тавассути ВАО инъикос мегардад. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки *«ВАО талаботи забонии ҷомеаро*

ташаккул медиҳад. Онҳо, пеш аз ҳама, ба тағйироти забон таваҷҷуҳ намуда, онро инъикос мекунанд» [Добросклонская, 2008: 13].

Чи тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд, дар ҳар як забон тамоюлҳои мухталифи инкишофи забонро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ҳар давру замон дар доираҳои гуногуни муошират ва муҳитҳои гуногун яке аз ин тамоюлҳо афзалият пайдо мекунад. Ба инкишофи забон чунин омилҳои иҷтимоии ғайризабонӣ, ба мисли робитаҳои байнизабонӣ, сиёсати забон, рушди иқтисодиёт, илм, фарҳанг таъсир мерасонад. Тағйироти асосӣ дар соҳаи ВЭА бо як қатор омилҳо иртибот дорад, тағйирот дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии ҷомеа, вокуниш ва баҳои мардум ба он. Аҳли ҷомеа дар ҷараёни муошират мутобиқи мақсаду маром ва манфиатҳо амал мекунанд.

“Ба ибораи дигар, васоити ахбори умум на танҳо муҳимтарин дастгоҳи таргиботи афкор ва идеология, балки таргибгари забону фарҳанги миллӣ низ мебошанд. Ҳар хатои забоние, ки дар васоити ахбори умумӣ сар мезанад, ба зудӣ оммавӣ хоҳад шуд, зеро барномаҳои радио ва телевизионро қариб тамоми мардум мешунаванд ё тамошо мекунанд, рӯзномаву маҷаллаҳоро қишрҳои мухталифи ҷомеа мутолиа менамояд” [Ҷумъаев, 2016: 70]. Аз ин андешаҳо бармеояд, ки омма пайрави ВАО мебошад ва ба он эътимод дорад. ВАО як василаи асосии забономӯзист.

Бояд гуфт, ки ҷараёни муоширати мардум тавассути воҳидҳои забон сурат мегирад. То чӣ андоза сухани журналист муассир аст, вобаста ба дониш, маҳорат, малакаи забондонӣ ва эҷодкории ӯст. Забони маводи рӯзномаву маҷаллаҳоро тадқиқ намудан, назорат кардан ва баҳо додан имконпазир аст, зеро он дар шакли хаттӣ инъикос мешавад, аммо маводи радиову телевизион умри кӯтоҳ доранд. Баъд аз шунавонидани онҳо имкони таҳрир ва ислоҳи баъзе камбудиҳои он номумкин мегардад. Бинобар ин масъулияти кормандони воситаҳои электронии ахбор дар ин маврид бештар аст.

2.2.1. Мавқеи калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар матни барномаҳо

а) Калимаҳои аслӣ. “*Таркиби лугавии забони тоҷикиро аз нигоҳи баромад ба калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ ҷудо мекунанд. Калимаҳои ҳаётан муҳимми забон, ки ба он вожаҳои решагӣ ва иқтибосии ниҳоят ҳазмшуда дохил мешаванд, ба фонди асосии лугавии забон мансубанд, ки онҳо бо фаҳмо буданашон ба соҳибзабонон ва суст тағйир ёфтанашон аз таркиби лугавӣ тафовут доранд”* [Маҷидов, 2007: 89]. Дар миёни калимаҳои таркиби луғавӣ, ки миқдоран зиёданд, калимаҳои аслӣ миқдори хеле ночизро ташкил медиҳанд. Калимаҳои аслии решагӣ дар забонҳои хатдори қадимӣ, ки забони тоҷикӣ дар ин қатор аст, тақрибан дуюним-се ҳазорро дар бар мегиранд. «*Калимаҳои аслии тоҷикӣ, ки аз замонҳои хеле қадим дар забонамон вуҷуд доранд, бунёди забонамон – пойдевори ҳастии онро ташкил медиҳанд» ва «... аз гурӯҳҳои дигари вожаҳои таркиби лугавӣ бо қабатҳои таърихии худ, хосиятҳои фарқкунандаи лингвистӣ ва мансубияти лексикиву грамматикиашон ба куллӣ фарқ карда, гурӯҳи махсуси калимаҳои забонро ташкил медиҳанд»* [Маҷидов, 2007: 88-89].

Дар забоншиносии тоҷик доир ба калимаҳои аслӣ муҳаққиқони зиёде дар таълифоти гуногуни худ маълумоти ҷолиб додаанд. Дар ин қатор олимону забоншиносони варзидаи тоҷику форс Н. Маъсумӣ [1980; 2005], Д. Т. Тоҷиев [1952], Қ. Тоҳирова [1967], А. Мӯъминов [1972], Х. Ҳусейнов [1973], Т. Зеҳнӣ [1987], Муҳаммад Тақӣ Баҳор [1349], С. Ҳалимов [1979], Ҳ. Маҷидов [2007], Қ. Мухторӣ [2008], М. Ҷумъаев [2010] ва дигаронро ном бурдан мумкин аст.

Забоншинос Қ. Тоҳирова махсусияти калимаҳои аслиро чунин зикр намудааст: “*Ин калимаҳо хусусияти хоси забони тоҷикӣ, хислати тамоми миллии онро муайян мекунанд. Калимаҳои тоҷикӣ хусусияти фонетикӣ ва морфологии хосе доранд, ки бо инҳо аз калимаҳои иқтибосӣ фарқ мекунанд. Масалан, овози “ж” (аждар, мужда), -анд, мон-, бар барин ҳиссаҳои калима низ, асосан, ба забони тоҷикӣ хос мебошанд (фарзанд, монанд, дилбанд, дастбанд, армон, дармон, бесомон, барпо, барно, ... ва монанди инҳо)”* [Тоҳирова, 1967: 25].

Калимаҳои аслӣ захираи аслии таркиби луғавии забони адабии тоҷикро ташкил мекунад ва манбаи асосии калимасозӣ маҳсуб меёбад. Онҳо калимаҳое мебошанд, ки мо дар нутқи ҳаррӯзаамон зиёдтар истифода мебарем.

Ҳар як услуби забон аз нигоҳи хусусиятҳои луғавию фразеологӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад. Сабки нигориши барномаҳои фарҳангиву фароғатии радио истифодаи воҳидҳои луғавӣ, воситаҳои муассири забон, ифодаҳои маҷозӣ, воҳидҳои фразеологиро таҷозо менамояд. Азбаски барномаҳои радиоӣ бо забони зинда таҳия мегарданд, истифодаи калимаҳои аслӣ ва иқтибосии оммафаҳм низ дар онҳо хеле зиёд ба назар мерасад. Калимаҳои аслӣ сарчашмаи инкишофи забони адабӣ маҳсуб меёбанд, зеро онҳо дар калимасозӣ фаъолона иштирок мекунанд. Масалан, калимаҳои ***сар, дил, об, чашм, даст, роҳ, падар, модар, гӯш, лаб*** ва амсоли ин.

Яке аз чунин калимаҳо ***дил*** мебошад. Забоншинос В. И. Абаев менависад: *«Марказ ва сарчашмаи ҳамаи қобилиятҳо ва падидаҳои ҳиссиву маънавии руҳи инсон дил ба ҳисоб меравад. На танҳо хайрхоҳӣ ва бадбинӣ, шодӣ ва гам, умеду ноумедӣ, балки шуур ва хотира, диловариву мардонагӣ – ҳамаи ин дар дил гунҷоиш меёбад»* [Абаев, 1964: 103].

Вожаи ***дил*** ҳам ба маънои аслӣ ва маҷозӣ истифода мегардад. Дар барномаҳои фарҳангии радио низ ин хусусияти худро аз даст надодааст. Дар ҳақиқат, ҷузъи *дил* яке аз калимаҳои аслии маъмул ва серистеъмоли забонамон мебошад, ки аз давраҳои қадим дар забонамон вуҷуд дорад ва ба фонди асосии луғавӣ дохил мешавад. Ин вожа ҳамчун ҷузъи асосӣ ва ивазнашавандаи фразеологизмҳои тоҷикӣ истифода шудааст. Дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ»-и М. Фозилов бо ин вожа 212 воҳиди фразеологӣ қайд гардидааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» танҳо дар қисмати ҳарфи «д» бо ҷузъи *дил* 95 калима [ФЗТ 1969: 374-378], дар ҳамин қисми «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» 174 вожа [ФТЗТ 1, 2008: 447- 453] оварда шудааст.

Дар барномаҳои фарҳангии радиои «Тоҷикистон» вожаи **дил** ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам маҷозӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, калимаҳои мураккаб ба кор бурда шудааст. Чунончи, дар мисолҳои зерин маънои аслӣ омадааст: *Дилам* гуфт, ки чун рӯд ҳамеша хурӯшону ғазалсаро бош; Чи хуш, ки шеъри маро аз худ кардӣ, вале рӯди маро нашинохтӣ, он *дили* ман аст. Муҳаббате, ки ба *дил* ошёна мемонад, ба мисли номи накӯ ҷовидона мемонад («Бо моҳу парвин», 17.01. 2017).

Дар таркиби ВФ. Калимаҳои аслӣ дар сохтани ибораҳои фразеологӣ мавқеи муҳим доранд. Дар матни зерин вожаи **дил** ҳамчун ҷузъи воҳидҳои фразеологӣ ба кор бурда шуда, ба сухан муассирӣ, ҷаззобӣ бахшидааст: *дил об намудан*, *дили об, дар дил ҷой додан, муроди дил, аз сидқи дил* ва ғайра:

Рӯд бо ӯ нола карду суруди ғамро хонд, таронаи дардро суруд. *Дил* ***об намо***, то ***дили обат*** **гиряд**…; Рӯзи дигар он наврас ***бо дили обу*** бо ашки шаш қатор омад; Рӯд болид, рӯд нолид, рӯд ***дил об намуду*** гирист аз шодӣ ва гуфт; Ашкҳои бекасию пурдарди маро ***дар дили худ ҷой додааст***; – Дӯстам, аз ин шеър ту *муроди дили* маро наёфтӣ.

Дил ба рӯят ман кушудам, ту ҳамон астӣ, ҳамон,
Гӯш нокарда сурудам, ту равон астӣ, равон.

Шоир ҳам бо сари ду по истода, гӯё таъзим сохта, ***аз сидқи дил*** суруд мехонд («Бо моҳу парвин», 17.01. 2017).

Дар таркиби ифодаҳои маҷозӣ. Нигоранда барои муассирии матлаб ифодаҳои маҷозии ***дили рӯд, рӯди дили ман, мавҷҳои дили ман, шеъри дили ман***ро истифода намудааст. *Ифодаҳои маҷозӣ аз ҷиҳати пайдоиши худ ба воситаҳои тасвир, санъатҳои сухан алоқаи мустаҳкам доранд. Аксарияти ифодаҳои маҷозӣ дар асоси монандии амалу ҳолат ва аломатҳои як предмет ба ашёҳои дигар ба воситаи санъатҳои ташбеҳ, истиора ба вуҷуд меоянд* [Камолиддинов, 1989: 105]. Дар ин ифодаҳои маҷозӣ ташбеҳ нақши муҳим дорад, ки мисолҳои зерин далели ин гуфтаҳоянд: – Рӯди ман, модари ман ва ***ба дили рӯд чашмони хандонаш гарқ шуд***; Он рӯди

дигар, он ***рӯди дили* ман,** он худи ман, шоире, ки ҳамеша чун ин рӯди ман дар ҷӯшу хуруш бошад; Он лаҳзаро **дар *мавҷҳои дилаш* акс намуду** ба хотир нақш сохт. Аз ***дили рӯд*** садои шоир ба гӯшу ҳуши мо панҷа мезанад (Бо моҳу парвин, 17.01.2017). Зеро шеъри дили Гулрухсор **шеъри дил** аст, шеъри ҳолат аст, ҳолати сӯхтан, сохтан, хурӯшидан, ҷӯшидану аз худ бурун рафтан аст (Зуҳраи навогар, 22.07.2017).

Дили саршор аз садоқат ба маънои «бо меҳру муҳаббат» омадааст: Бо умеди тансиҳатӣ ва хонаободии шумо барномаи хешро чун армуғоне аз *дили саршор аз садоқат* тақдими шумо медорем (Меъроҷи андеша. 15.02. 14).

Муаллифи барномаи «Бо моҳу парвин» Шаҳобиддини Ҳақназар журналист ва шоири маъруф аст. Бинобар ин матнҳои боло бо бадеияти хос аз матнҳои одӣ фарқ мекунанд. Ифодаҳои маҷозӣ ва ВФ-и бо ҷузъи ***дил*** сохташуда бо образнокӣ ва муассирии худ диққати шунавандаро ҷалб мекунанд ва ба ӯ таъсири аҷиб мебахшанд.

«*Калимаҳои аслии забон дар бобати калимасозӣ низ мавқеи бузург доранд. Дар заминаи ҳар як решаи калима бо усулҳои мухталифи калимасозӣ садҳо калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ ба вуҷуд оварда мешаванд* [Маҷидов, 2007: 90]. Калимаи ***дил*** дар калимасозӣ, хоса сохтани калимаҳои мураккаби фразеологӣ низ, сермаҳсул аст. Ин гурӯҳи калимаҳо дар заминаи фразеологизмҳои мавҷудаи забон ба вуҷуд омадаанд. Вожаи *дарёдил* 1. *киноя аз* ҳимматбаланд, ҷавонмард, олиҳиммат будан. 2. *маҷ.* он ки ҳар гуна ғаму андӯҳро ба дили худ роҳ намедиҳад; он ки аз чизҳои майдаю камарзиш ғамгин намешавад [ФТЗТ 1, 2008: 431]. Ин вожа ҳам дар услубӣ китобӣ ва ҳам гуфтугӯйӣ серистеъмол аст. Дар мисоли зерин ба маънои олиҳиммати, ҷавонмардӣ истифода шудааст: Шоире, ки ҳамеша чун ин рӯди ман дар ҷӯшу хуруш бошад, оромиро напазирад, андар ҷустуҷӯйи худ бошад, омӯзад, ангезад, ***дарёдилу*** оташниҳон шавад (Бо моҳу парвин, 17.01.2017).

Вожаи ***бедордил*** ба маъноҳои *дилогоҳ, зиндадил, равшанзамир, бомаърифат,* калимаи ***дилдода*** ба маънои ошиқ, маҳбуба корбаст

мегарданд, ки дар заминаи ВФ-и ***дили бедор*** ва ***дил додан ба касе*** ба вуҷуд омадаанд ва дар услуби бадеӣ маъмуланд: Мутмаинем, ки огоҳӣ аз дунёи асрори ин шоири ***бедордил*** хушатон меояд; Ғазалҳои ӯ зодаи дарданд, зодаи оҳу афғони як зани ошиқу *дилдода*, як зани саропо оташу исён, як зани оғуштаи дардҳои зиндагист (Зуҳраи навогар, 22.07.2017).

Калимаҳои аслан тоҷикӣ мафҳумҳои хешутаборӣ, номи узвҳои бадан, дарахтҳо, зироатҳо, амалу ҳаракат, номи ададҳо ва амсоли инҳоро ифода мекунанд. Калимаҳои ифодакунандаи муносибатҳои хешу таборӣ, аз қабили ***падар, модар, фарзанд, зан*** дар матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ бештар дар ҷараёни баррасии мавзуъҳои ҷанбаи тарбиявидошта мушоҳида мешавад: Амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти ***падару модар*** дар таълиму тарбияи ***фарзанд***» (Маърифат, 10.12.2013); Қарзи ***фарзандон*** дар назди волидайн. Ҳурмати ***падару модар*** **(**Маърифат, 11.03.2014).

Дар гуфторҳои адабӣ низ вожаҳои мазкур корбаст гардидаанд:

– Эй рӯд, ***модарам*** *бемор,* ***модарам*** *сахт ранҷур, ман танҳоям!*

Он рӯз ***модари*** он наврас аз олам чашм пӯшид. ***Падараш*** омад, ӯро бо худ хост, барад, ӯ боз ба назди рӯд омад. Ба ёди **модар** омаду соҳили рӯд нишасту **даст** ба **оби** равону ғазалхон заду гуфт (Бо моҳу парвин, 17.01.2017).

Дар матни боло ВФ-и ***даст задан*** кор фармуда шудааст. Дар мавриди истеъмоли он муҳаққиқ М.М.Мирзоева дар мақолааш «Забони ВАО бояд асил бошад» менависад: «*Устодони сухан, забоншиносони мумтоз борҳо дар мавриди мавқеи истифодаи воҳидҳои фразеологӣ нуқтаи назари худро баён намуданд. Чунончи, ВФ-и* ***даст задан*** *обуранги ҳиссии манфӣ (ин маънӣ аз феъли задан бармеояд, он амали номатлуб аст) дорад, аммо соҳибзабонони мо, хоса аҳли қалам, онро нисбат ба кори хайр, амали матлуб низ кор мефармоянд*» [Мирзоева, 2019: 7]. Дар матни боло ин ВФ бамаврид кор фармуда шудааст, чунки дар ин мисол ВФ-и дигарро истифода кардан бемаврид мебуд.

Дар матни зерин калимаҳои аслии ***рӯй, раҳ, дароз, шумо, деҳа, дил*** истифода гардидаанд, ки ниҳоят серистеъмоланд ва ба маъниҳои асливу маҷозӣ низ корбаст мегарданд: Парасту, шумо низ зодаи ***деҳот*** ҳастед ва аслан, мардуми шоиртабиат дар ***деҳот*** парвариш меёбанд ва ба воя мерасанд. Кадом меҳр тифли шуморо ба шеър навиштан водор мекард ва дар ***дили*** кӯчакатон ***орзуи*** донишҷӯ шуданро доштед? (Авранг, 06.07. 2014)

Калимаҳои аслӣ дар таркиби ифодаҳои маҷозӣ омада, таркиби луғавии забонро ғанӣ мегардонанд. Ибораҳои маҷозии бо калимаҳои ***рӯй, сина, раҳ, дароз*** дар матни зерин ба мушоҳида расиданд, ки маъниҳои мухталифро ифода мекунанд: ***ба ёди рӯят*** **–** ба хотири ту; ***дари сина боз кардан*** – бо хушнудӣ истиқбол намудан, пешвоз гирфтан; ***ба фазои нақши рӯят*** **–** ба умеди дидани ту; ***раҳи худ дароз кардан*** **–** сафар намудан ва ғ. Ин ифодаҳо суханро образноку муассир ифода намудаанд:

Саҳарӣ ***ба ёди рӯят*** нияти намоз кардам,

Ба умеди лутф сӯят ***дари сина боз кардам***.

Ба самои пурситора назарам чу бод бархӯрд,

Ба фазои нақши рӯят раҳи худ дароз кардам (Авранг, 06.07. 2014)**.**

Калимаи аслии ***сар*** ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам маҷозӣ фаровон истеъмол мегардад. Бо ин калима вожаҳои зиёди мураккаб сохта шудааст: **сармоя**, **сарзамин, сарнавишт, саргузашт, сардор, сарватманд** ва амсоли инҳо, ки имрӯз зиёд ба кор мераванд: Мавриди зикр аст, ки чор омили асосии саноати сайёҳӣ: **сармоя**, технология, кадрҳо ва захираҳои туристӣ мебошад. ...танҳо тозагию латофат, донистани фарҳанги меҳмоннавозии бобоии мо кифоя аст, ки сайёҳон аз мулки мо хушнуд ба ватани худ баргарданд ва боз орзуи дубора ба ин **сарзамин** омаданро кунанд (Авранг, 15.04. 17).

Калимаҳои **чашм** ва **сар** низ доираи истеъмоли васеъ доранд. Як хусусияти калимаҳои аслии забони тоҷикӣ дар он аст, ки онҳо дар таркиби ВФ серистеъмоланд ва мавқеашон устувор аст. Чунончи, бо

ҷузъи *чашм* дар таркиби ибораи фразеологии **ба чашм расидан** ба маънои мушоҳида гардидан омадааст: Яке аз мушкилоти асосӣ ин норасоии мутахассисон мегӯем, норасоии кадрҳо мегӯем, ки дар соҳаи туризм **ба чашм мерасад.** Захираҳои туристӣ ин маҷмуи захираҳои табиӣ, объектҳое, ки маҳсули **офаридаи дасти** инсонҳо мебошад (Авранг, 15.04. 17).

Вожаи ***роҳ*** низ аслист ва ҳамаи хосиятҳои ин гурӯҳи калимаҳоро дар бар мегирад. Имрӯз дар ВАО бо ин вожа ибораи *ба роҳ мондан* серистеъмол буда, маънои иҷрои амалеро ташкил кардан, ҷорӣ намуданро ифода мекунад: – Шумо, ки тӯли се сол аст, дар ин ҷода таҳсил мекунед, ин лаҳза ба насли ҷавон, шунавандаи радиои Тоҷикистон иброз медоштед, ки ҳамчун як ҷавони таҳсилкардаи ин самт чӣ гуна таблиғотро метавонед, дар ин ҷода ***ба роҳ монед***? ... (Авранг, 15.04. 17).

Ба маънои аслӣ: ***Обҳои мусаффо*,** дарахтони сабзу боғҳои мевазор ва кӯҳсорони нотакрори кишвари моро ҳамсонаш ба олам нест... (Авранг, 15.04.17); – Боз ҳар як ***ҷавоне***, ки дар ин самт кору фаъолият мекунад, чи гунае ки ҶТ табиати ***зебо*** дорад, ин ***ҷойҳои*** табиӣ ва зебоманзари ҶТ-ро муаррифӣ карда тавонад ба турист (Тариқаи филмҳое, ки рӯйбардор мешаванд, дар асл бо аксҳои зебо диққати ҳар як туристро ба худ ҷалб кунад). Ҳар як навору сабте, ки карда мешавад, бояд ***хуб ба роҳ монда*** шуда бошад, ки ҳамон диққати турист ба ҳамон ***ҷойҳо*** ҷалб ***шавад***, то ки ба ин ҷойҳо ташриф ***биёрад*** (Авранг, 15.04.14).

Чи тавре ки мушоҳида кардем, ҷойи баъзе аъзоҳои ҷумла тағйир дода шудааст (ҳамсонаш, ба турист), ҳамчунин такрори баъзе ҷузъҳо барзиёданд (ҳамон (диққати турист); ҷойҳо). Маълум мешавад, ки на ҳама қаламбадастони мо имконоти муродифоти забони тоҷикиро хуб медонанд. Ғайр аз ин вожаҳои *турист, туризм* муродифи тоҷикӣ доранд: *сайёҳ, сайёҳӣ*. Бинобар ин хуб мешуд, ки имконоти луғавии худӣ бештар мавриди истифода қарор мегирифт.

Калимаҳои аслии забон бунёди таркиби луғавии он буда, ҳарчанд аз нигоҳи миқдор кам бошанд ҳам, дар гуфтору навиштори мо фаровон истеъмол мешаванд.

б) Калимаҳои иқтибосӣ дар матни барномаҳо

Калимаҳои иқтибосӣ ҳиссаи бобаракати таркиби луғавии забонҳоро, аз ҷумла забони тоҷикиро, ташкил медиҳанд. Ҳеҷ як забонро бидуни калимаҳои иқтибосӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Робитаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангию дипломатӣ ва сабабҳои дигар шароит фароҳам меорад, ки забонҳои мухталиф ба ҳам таъсири бевосита гузоранд ва дар натиҷаи таъсири мутақобилаи онҳо вожаву ифодаҳои бисёре яз як забон ба забони дигар мегузарад. Ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ, арабҳо ва муғулҳо боиси иқтибоси калимаҳои зиёд гаштаанд. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ имрӯз калимаҳои иқтибосии юнонӣ, ҳиндӣ, чинӣ, арабӣ, русӣ-аврупоӣ, туркӣ-ӯзбекӣ ва ғайраҳо мавҷуданд. Қариб 40-50%-и таркиби луғавии забони моро калимаҳои арабӣ [Маҷидов, 2007: 101], 15-20% фоизашро калимаҳои русӣ-аврупоӣ [Каримов, 1955: 82], миқдори ночизашро иқтибосоти забонҳои дигар ва боқимондаро калимаҳои аслӣ ташкил медиҳанд.

Албатта, роҳу воситаҳои иқтибосшавии вожаҳо мухталиф аст. Он на ҳамеша ба манфиати забон буда, метавонад, боиси харобии забон низ гардад. Дар ин маврид Маликушшуаро Муҳаммадтақии Баҳор меафзояд: “*Як роҳи ғайритабиӣ низ барои хароб шудани забон ва ворид шудани луғоти аҷнабӣ дар он забон аст ва он роҳ фазлфурӯшист. Ин роҳ ба куллӣ ғайритабиӣ ва танҳо баста ба тафаннун ва ҳавасрониии мардум махсус аст ва агар боз шавад ва бозори роиҷ пайдо кунад, аз тамоми туруқи табиии мазкур шадидуттаъсиртару фаъолтар аст ва зудтар ба феълу инфиъоли луғавӣ комёб мешавад”* [Баҳор, 2012: 119].

Воридшавии иқтибосот, аз ҷумла, калимаҳои иқтибосии арабӣ, русӣ, юнонӣ, олмонӣ, англисӣ, ӯзбекӣ ва амсоли ин ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ вобаста ба муносибатҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа якранг

сурат нагирифтааст. Дар замони муайян нуфузи забони арабӣ баланд бошад, дар мавриди дигар мавқеи забони русӣ боло рафтааст. Ин раванд то ҳол давом дорад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон робитаҳои дипломативу фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодӣ бо мамлакатҳои мухталифи ҷаҳон барқарор шуд, ки сабаби пайдо шудани вожаҳои нави иқтибосӣ дар таркиби луғавии забон гардиданд. Сабаби дигар пешрафти илму техника, муносибатҳои тиҷоратӣ, ҳамсоягӣ мебошад. Бояд зикр намуд, ки ВАО, хусусан радио, ҳамчун тарғибгари сиёсати давлат ба масъалаҳои фарҳангӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлат аст, эътибори ҷиддӣ медиҳад ва вобаста ба ин самт барномаҳои ҷолибро ба самъи шунавандагони хеш мерасонад. Дар барномаҳои радио низ калимаҳои иқтибосӣ алоқамандона ба мазмун ва муҳтавои барномаҳо зиёд корбаст мегарданд. Вожаҳои иқтибосии дар барномаҳои фарҳангии радиои “Тоҷикистон” истифодашударо ба таври зайл тасниф намудан мумкин аст:

А) **Иқтибосоти арабӣ**. Ворид гардидани калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ сабабҳои таърихӣ дорад. Аз истилои араб қарнҳои зиёд сипарӣ гардида бошад ҳам, вожаҳои иқтибосии арабӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавқеи устувор доранд. Забоншинос Л.С. Пейсиков дар мавриди иқтибосшавии калимаҳои арабӣ ба забони дарӣ чунин менависад: *«Воридшавии қисмати асосии иқтибосоти арабӣ ба даврони ташаккулёбии забони адабии форсии дарӣ ва гулгулшукуфии адабиёти форсу тоҷик рост омад. Қайд кардан зарур аст, ки лексикаи арабӣ ба забони адабӣ тақрибан баъд аз ду асри истилои арабҳо ворид гардид»* [Пейсиков, 1975: 36]. Агар дақиқтар нигарем, нуфузи забони арабӣ дар асрҳои IX-X дар насру назми адабиёти форсу тоҷик камтар буд. Баъдан дар асрҳои минбаъда афзуд, ки мероси адабии ин давраҳо гувоҳи ин андешаҳоянд. Тибқи иттилои муҳаққиқон, дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳамагӣ 0,2% калимаҳои арабӣ дучор гардиданд [Пейсиков, 1975: 32]. Охирҳои асри XI миқдори онҳо 10-15%, асри XII – 22% [Баҳор,

1337: 267], асрҳои XIII-XVI – 70-80%, ибтидои асри XX – 60-70% [Маъсумӣ, 1959: 21] афзудаанд.

Муҳаққиқ Т. Бердиева бар он назар аст, ки як меъёри иқтибосот дар забони воридшуда ин сохтани калимаҳои нав мебошад [Бердиева, 1991: 7]. Дар забони адабии тоҷикӣ тавассути вожаҳои иқтибосии арабӣ калимаву таркибҳои нав сохта шуда, таркиби луғавии забон бой гардидааст. Ҳатто як миқдори ин вожаҳо дар забони тоҷикӣ чунон ҳазм шудаанд, ки аз онҳо бӯйи бегонагӣ намеояд. Вожаҳои ***ишқ, ошиқ, маъшуқ, илм, муаллим, таълим, мактаб, китоб, тараф*** ва амсоли инҳо аз ҳамин қабиланд. Ба ин нукта забоншинос Б. Камолиддинов низ ишора кардааст: "*Яке аз нишонаҳои ҳазм гардидани калимаҳои иқтибосӣ дар таркиби лугавии забони тоҷикӣ бо пасванду пешванд ё решаи калимаҳои тоҷикӣ васл гардида калимаҳои нав сохтани онҳост"* [Камолиддинов, 2005: 49]. Ин ҳолат дар забони ВАО ҳам мушоҳида мегардад. Дар матни зерин як ҷузъи калимаҳои мураккаби **ташаккул+ёб+ӣ, баланд+ихтисос, мустаҳкам+кун+ӣ, вазифа+дор** арабӣ, ҷузъи дигарашон тоҷикианд, яъне: арабӣ+аслӣ. Дар ин матн ҳамчунин феълҳои таркибии номии ***талаб кардан, тайёр намудан, маҳсуб ёфтан*** истифода гардидааст, ки ба вазифаи ҷузъи номӣ вожаҳои арабӣ истифода шудаанд, ки ин масъалаи дигар (калимасозию таркиббандӣ) аст:

Сарвари давлат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон рушди туризм, раванди **ташаккулёбӣ**, баррасии масоили ин самтро аз мутахассисони ин соҳа **талаб кард**. Набояд, фаромӯш кард, ки туризм ҳамчун ... воситаи баландбардории сатҳи зиндагии мардум, омили **мустаҳкамкунии** сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар рӯйи замин **маҳсуб меёбад** (Авранг, 15. 04. 2014).

Иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ серистеъмоланд. Дар ҷумлаи зерин аз 24 калимаи мустақилу ёридиҳанда 12-тои он лексикаи арабист:

Ҳамчунин бо **тақозои** ҷаҳони **муосир** ва **талаботи сайёҳон** аз **мамолики хориҷи** кишвар **тайёр** намудани кадрҳои баланд**ихтисос**ро аз

рӯйи **мактабҳои олие**, ки **таълим** дар ин **самт** ба роҳ монда шудааст, **вазифадор** кард (Авранг, 15. 04. 2014).

Имрӯз низ журналистони ВАО, чи дар матбуот, чи дар радиою телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ аз иқтибосоти арабӣ зиёд истифода мекунанд. Мутаассифона, дар баъзе нигоштаҳо калимаҳои душворфаҳми арабӣ фаровон истифода мегарданд, ки ҳоҷат ба баён нест. Чунин муосибати қаламкашон боиси костагии забон, нофаҳмии матлаб мегардад. Бо вуҷуди он ки калимаҳои иқтибосӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ зиёданд, на ҳамаи онҳо дар истеъмол ва мувофиқаташон ба меъёри забони тоҷикӣ бо ҳам баробаранд. Қисме аз онҳо дар истеъмол фаъол ва қисми дигар маҳдуданд. Калимаҳои иқтибосии арабиро аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: **умумиистеъмол ва камистеъмол ё душворталаффуз**.

Калимаҳои умумиистеъмоли лексикаи арабӣ. Калимаҳои арабӣ дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик мавқеи назаррас доранд. Дар матни зерин калимаҳои арабии ***азиз, фикр, муаррифӣ, санъат, мухлис, ораз, атроф, эҷод*** истифода шудаанд, ки барои хонандаи тоҷик бегона нестанд. Бештари хонандагон танҳо калимаҳои ***мухлис*** ва ***муаррифи***ро арабӣ меҳисобанд, зеро боқимонда вожаҳои ҳазмшудаанд:

Дуруд ба шумо, шунавандаҳои **азиз.** Имрӯз меҳмони барномаи мо ҳастанд Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Сабоҳат Начмиддинова ва ***фикр*** мекунам, ки ба ***муаррифӣ*** ниёз надоранд, зеро чанд соле, ки рӯйи саҳна ҳастанд, бо тамоми ***санъату*** ҳунарварӣ ба дилу дидаи ***мухлисони*** худ роҳ ёфтаанд, ***мавқеи*** худро пайдо кардаанд ва **мухлисони** худро низ дар ин роҳ яъне ба даст овардаанд. Ва имрӯз суҳбате дорем бо Сабоҳатбону. Хуш омадед. Барномае дорем бо номи “**Орази** наво”, ки тайи ним соат Шумо бо мо ***суҳбат*** мекунед. Танҳо аз **суҳбати** хосаи шумо иборат аст, ки дар он сурудҳои шумо низ садо медиҳад. Имрӯз бо хоҳишу дархости шунавандаҳои сершумори Шумо хостем, як суҳбате

дошта бошем атрофи ***ҳунар, эҷод***, рӯзгору зиндагии шумо (Орази наво, 22.02.13).

Ин қабил калимаҳои арабӣ дар натиҷаи серистеъмол гардиданашон дар тӯли асрҳо маънои ҳақиқии хешро нигоҳ дошта, захираи луғавии забон маҳсуб меёбанд. Азбаски барномаҳои радио шифоҳӣ садо медиҳад, гӯяндагон ба пургӯйии зиёд роҳ медиҳанд. Дар мусоҳибаи боло низ ин ҳолат мушоҳида мешавад. Таваҷҷуҳ намоед: *…суҳбате дорем бо Сабоҳатбону, …бо мо суҳбат мекунед, …як суҳбате дошта бошем*. Ҳар се ифода ба як маъно далолат мекунанд.

Қисми бештари иқтибосоти арабиро истилоҳоти соҳаҳои мухталиф ташкил медиҳанд. Дар матни зерин, ки аз барномаи “Маърифат” интихоб шудааст, калимаҳои иқтибосии арабии ***таълим, тарбия, муассиса, мураббӣ, ташаккул, ахлоқ, насл, хислат, муваффақ, робита, волидайн, шуруъ, сайқал*** ва ғ. истифода гардидааст, ки қисми онҳоро истилоҳоти соҳаи маориф ташкил медиҳанд, ба мисли: ***таълим, тарбия, муассиса, мураббӣ, ахлоқ*:**

Зикр намудан бамаврид аст, ки **тарбия** ва **ташаккули хислатҳои** ҳамидаи инсонӣ дар кӯдакон, насли наврас маҳз ба **мураббиён**, устодон вобаста аст ва **муассисаи** таълимӣ, аз ҷумла, зинаи аввали **тарбия – муассисаҳои** томактабӣ (боғчаву кӯдакистон) дар сурате ба ташаккули ахлоқу рафтор ва донишандӯзии кӯдакон бештар муваффақ мегардад, ки агар падару модар бо он робитаи доимӣ дошта, ба **таълиму тарбияи** фарзандон ҷиддӣ машғул бошанд. **Таълиму** тарбия аз оила шуруъ мегардад ва дар натиҷаи ҳамкории **мураббиёну** волидон сайқал меёбад (Меъроҷи андеша, 13. 02. 2017).

Рисолаи муҳаққиқ М. Ғозиев ба мавқеи корбасти иқтибосоти арабӣ дар забони ВАО, хоса матбуот, бахшида шудааст. Мавсуф истилоҳоти арабиро, ки дар матбуоти тоҷик мушоҳида шуданд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ӯ дар мавриди ин вожаҳо чунин навиштааст: “*Аз ин рӯ дар байни калимаҳои умумиистеъмол мавҷуд будани вожаҳои иқтибосии арабӣ*

амри воқеист. Бар замми ин аз он ки дар байни вожаҳои иқтибосӣ фисади аз ҳама баландро дар таркиби лугавии забони тоҷикӣ калимаҳои арабӣ ташкил медиҳанд, ҷойи баҳс ҳам надорад, биноан дар тамоми риштаҳо ва ҷанбаҳои ҳаёти мардуми тоҷик фаровон ин калимот дида мешаванд ва мавриди корбаст қарор гирифтаанд” [Ғозиев, 2012: 29].

Дар матни зерин калимаҳои ***муовин, раёсат, маориф, муассиса, давлат, таҳсилот*** вожаҳои арабии серистеъмол мебошанд:

Хотиррасон мекунем, ки имрӯз меҳмони студияи мо буданд ***муовини*** сардори ***Раёсати маорифи*** шаҳри Душанбе Соҳибназар Сафаров; Амалӣ гардидани «Барномаи ***давлатии*** компютеркунонии ***муассисаҳои таҳсилоти*** *умумӣ барои соли 2011-2015;* ***Раёсати маорифи*** шаҳр оид ба бартараф намудани норасоиҳои кадрӣ кадом чораҳоро андешида истодааст? (Таъминот бо кадрҳо) (Маърифат, 10.12.2013).

Мактаб истилоҳи соҳаи маориф буда, аз решаи арабии ***катаба*** гирифта шудааст. Дар забони тоҷикӣ ба маънои исми макон, яъне таълимгоҳ истифода мешавад. Дар забони арабӣ бошад, ба маънои китобхона далолат мекунад. Ҳамчунин дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин омадааст: ***Мактаб*** 1) муассисаи маориф, ки дар он омӯзгор насли наврасро таълим медиҳад ва тарбия мекунад; 2) дабистон ва дабиристон, мактаби ибтидоӣ, мактаби миёна, мактаби олӣ [ФЗТ, 1969: 626]:

Нахуст **суҳбате** оростем бо омӯзгори ҷавон аз **фанни** математика дар **мактаби** № 59 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки худ **муҳассили** факултаи механикаю риёзиёти ДМТ аст (Меъроҷи андеша, 8.01. 2014)

Калимаҳои душворталаффуз. Калимаҳои арабӣ дар барномаҳои радио дар баробари вожаҳои аслӣ серистеъмоланд. Дар баробари калимаҳои арабии умумиистеъмол калимаҳои арабиеро дар ВАО дучор омадан мумкин аст, ки душворфаҳм буда, барои дарки маъно ба хонанда мушкилӣ пеш меоранд. Бояд зикр намуд, ки тоза ва покиза нигоҳ доштани забон ҳамеша дар мадди назари саромадони он ва сиёсатмадорони давр қарор дошт ва дорад. Беҳуда нест, ки Президенти

мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни як баромадашон дар Рӯзи забон [22.07.2008] мушкилоти асосии забонро истифодаи зиёди бемавриди калимаҳо, таркибҳо ва ҳатто унсурҳои грамматикии бегона дар забони тоҷикӣ арзёбӣ карда, нуфузи забонҳои арабӣ ва русиро ба забони тоҷикӣ махсус зикр карда буданд.

Президенти кишвар истифодаи иқтибосҳоро дар ҳама забон амри воқеӣ хонда, истифодаи бемавриди онро хатар барои забон арзёбӣ карданд: "*...вақте ба забон анбӯҳи калимаҳо ва ҳатто таркибҳои фаровоне аз забонҳои дигар бидуни зарурат ворид мешаванд, он гоҳ мавҷудияти ин забон ҳамчун як забони мустақил зери хатар қарор мегирад. Аз ин лиҳоз мехоҳам хотирнишон созам, ки бо дарназардошти ин омил ва ба хотири ҳифзи асолати забон ба масъалаи иқтибос ва иқтибоспазирӣ бояд муносибати масъулона ва таваҷҷуҳи доимӣ дошта бошем"* [Иди забон, 22.07.2008].

Аслан, ягон забон бе иқтибосот вуҷуд дошта наметавонад. Забоншиносон қайд кардаанд, ки ҳама гуна иқтибосот дар ҳама забонҳо раванди мутобиқшавиро дар забони воридшуда аз сар мегузаронанд, яъне ба қонуну қойидаҳои ҳамон забон аз ҷиҳати фонетикӣ, калимасозӣ, сарфӣ, наҳвӣ мутобиқ гардида, аз рӯйи хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ ва услубӣ дар сатҳҳои гуногуни забон аз рӯйи меъёри муайян мавриди истифода қарор мегиранд. Ҳангоми истифодаи иқтибосот, махсусан, кормандони радио бояд аҳамияти ҷиддӣ диҳанд ва ҳар гуна вомвожаро бе зарурат истифода набаранд, зеро шунавандаи одӣ бо як маротиба шунидан қобилияти дарки ҳамаи он калимаҳои душворро надорад. Дар ин хусус муҳаққиқи медиалингвистика Б. Камолиддинов чунин қайд намудааст: "*Аксари хонандагони рӯзнома маънои калимаҳои* ***муваҳҳид, аҳдоф, ақшор, тадовул, мазоҳиб, ироа намудан*** *ва амсоли инҳоро ба осонӣ намефаҳманд. Бинобар ин нигоранда бояд ҳангоми интихоби калима ва мавқеи кор фармудани он ҳамеша талаботи услуби забони публитсистика ва эҳтиёҷоти хонандагони сершумори гуногунсинну гуногунсавияро дар*

назар дошта ба шитобкорию саҳлангорӣ роҳ надиҳад” [Камолиддинов, 2001: 23].

Баҳсҳо оид ба истифодаи вомвожаҳо ҳанӯз дар солҳои бистуми қарни гузашта пайдо шудааст. Ҳатто гурӯҳе даст кашидан аз истифодаи иқтибосҳоро талқин мекарданд ва ин тоифаро пуристон меномиданд. Ба ин масъала устод С. Айнӣ низ хеле саривақтӣ таваҷҷуҳ карда буданд, ки дар ин бора муҳаққиқ Т. Бердиева дар китоби худ “Назарияи иқтибос” навиштааст: “Ба баҳс ва майлҳои пуристӣ С.Айнӣ дар мақолааш “Ҷавоби ман”(газетаи “Овози тоҷик” 1928) зарбаи сахт дод. Ӯ ҳуқуқи истеъмол доштани калимаҳои иқтибосии арабиро тасдиқ карда, аз истифодаи калимаҳои душворфаҳми арабӣ худдорӣ карданро маслиҳат дод [Бердиева, 2001: 42].

Чи тавре ки таъкид гардид, дар баробари лексикаи умумиистеъмол дар медиаматнҳо вожаҳои душворталаффузи арабӣ низ дучор меояд. Устод Айнӣ низ ҷонибдори истифодаи иқтибос дар забон мебошад, аммо чи тавре ки дар боло зикр гардид, ӯ аз истифодаи калимаҳои душворфаҳми арабӣ худдорӣ карданро махсусан қайд кардааст.

Аммо имрӯзҳо дар ВАО-и мо истифодаи калимаҳои душворфаҳми арабӣ ё форсии муосир як навъ мӯд шудааст. Дар мисолҳои зерин калимаҳои душвораҳми арабии **мувоҷеҳ, роғибон** корбаст гардида, ки дар забони адабии тоҷикӣ муродифи луғавии хешро доранд. Калимаи **мувоҷеҳ** дар ФТЗТ[13] чунин шарҳ ёфтааст: **Мувоҷеҳ** – рӯ ба рӯйи ҳам истода; **мувоҷеҳ шудан** рӯ ба рӯ шудан, дучор шудан [ФТЗТ 1, 2008: 840]. Чаро журналистон аз калимаҳои аслии фаҳмову шево худдорӣ намуда, калимаҳои душворфаҳмро истифода мебаранду фаҳмидани маънои суханро мушкил мегардонанд. Муродифи тоҷикии **мувоҷеҳ** “дучор” аст, ки ҳам серистеъмол ва ҳам фаҳмост:

[13] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008.

Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии савдо истеҳсолкунандаи миллиро *мувоҷеҳи* вазъияти мураккаб месозад (Маҷро, 16.01.2014).

Калимаи *рағиб* дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст: *моил, хоҳон, толиб, рағбатдор (ба ягон чиз)* [ФЗТ 2, 1969: 146]. Рӯзноманигор ба ҷойи калимаи душворфаҳми арабии **рағиб** вожаи шевои тоҷикии **ҳаводоронро** истифода менамуд, матлаб фаҳмо ифода мегардид. Дар мавриди истифодаи калимаи **рағиб** дар барномаҳои радиоӣ Ӯктами Холиқназар чунин мегӯяд: “*Чанд сол аст, ки дар баъзе барномаҳои “Садои Тоҷикистон” рағибонро ба ҷойи ҳаводор, дӯстдор, мухлис кор мебаранд, “Рағибони адаб ва ҳунар”, “Рағибони шеъру суруд” ва гайра, ҳол он ки ҳамин матлабро беш ба тарзи зайл мегуфтанд: “Ҳаводорон / дӯстдорон / мухлисон /-и адаб ва ҳунар. “Мухлисон / дӯстдорон, ҳаводорон /-и шеъру суруд”. Валлоҳ, агар ҳампурсӣ доир мекарданд, “рағиб” ба андозаи бас ночиз овозро соҳиб мешуд, зеро калимаи **рағиб** на ба ҳамаи тоҷикон фаҳмост ва зимнан бояд гуфт, ки матлаберо, ки рағибони радио мехоҳанд, ба пуррагӣ ифода намекунад* [Холиқназар, 2006: 129]. Чунончи:

Ассалому алайкум шунавандагони арҷманд, **рағибони** барномаҳои таҳлилӣ (Муқовимат, 20. 02. 2014). Ин ҷумларо чунин таҳрир кардан мумкин аст: Ассалому алайкум шунавандагони арҷманд, **ҳаводорони** барномаҳои таҳлилӣ.

Солҳои охир ба ҷойи калимаи аслии **шунавандагон** калимаи иқтибосии **сомеъ**ро зиёд ба кор мебаранд. Чаро аз калимаҳои шевою форам ва умумиистеъмол канорагирӣ мекунем. Доир ба истифодаи калимаи **сомеъ** дар забони ВАО Ӯктами Холиқназар чунин навиштааст: *“Чанд сол аст, ки “Садои Тоҷикистон” ба ҷойи вожаи басо фораму шево ва ба ҳамагон ошнои форсии “шунаванда” калимаи на ба ҳар як тоҷик фаҳмои арабӣ* ***сомиъ****ро ба кор мебаранд. Лозим ба тазаккур аст, ки* ***сомиъ*** *исми фоъили навъи аввали феъли самиъа “гӯш кардан”, “шунидан” / аст ва худи арабҳо нисбат ба шунавандаи садо исми фоъили навъи 8-ум феъли*

истамиъа /гӯш фаро додан/ – мустамиъро ба кор мебаранд ва масдари он истимоъ аст. Чунончи, арабҳо ҳамон шунавандагони арҷмандро гӯянд: Ал-мустаъмиъина-л-аъиззо! Пас, агар мо бартарӣ ба вожаи бегона дорем, гунаи дурусташро бояд бипазирем [Холиқназар, 2000: 136]: *Ассалому алайкум,* ***сомеъони*** *гиромӣ, алоқамандони (?) барномаҳои иқтисодӣ!* (Маҷро, 16.01.2014).

Вожаи **укда** ба маъниҳои 1. гиреҳ, банд. 2. *маҷ.* душворӣ, мушкилот; **укда кушодан** а) гиреҳ кушодан, банд кушодан; б) *маҷ.* монеаҳоро дур кардан, мушкилиро бартараф карда, корҳои душворро осон кардан [ФТЗТ 2, 2008: 384]. Ин вожа дар барномаҳои фарҳангӣ-фароғатии радио, забони матбуот, шабакаҳои иттилоотии сомонаҳои интернетӣ солҳои охир серистеъмол гардида истодааст. Вожаи мазкур муродифҳои тоҷикии шинаму фаҳмо дорад, бояд онҳоро истифода намуд, то хонандаю шунаванда дар дарки маъно гумроҳ нагардад: Зиндагӣ саҳнаест, ки бомаҳораттарин инсон низ дар кушодани баъзе **укдаҳои** он нотавонии хешро эҳсос мекунад (Ҷилои ҳунар, 22.01.2014). Таҳрир: Зиндагӣ саҳнаест, ки бомаҳораттарин инсон низ дар кушодани баъзе **гиреҳҳои** он нотавонии хешро эҳсос мекунад.

Тоза ва покиза нигоҳ доштани забони адабӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як шахси миллатдӯст, соҳибзабон ва бохирад аст. Устод Айнӣ, Т. Зеҳнӣ, Исматӣ, Р. Ҳошим, М. Шакурӣ, Б. Камолиддинов ва дигарон дар мавриди забони ВАО андеша ронда, истифодаи калимаҳои душворфаҳми арабиро ҷоиз намедонанд ва ба ҷойи чунин вожаҳо калимаҳои оммафаҳму аслиро меписанданд. Истифодаи калимаҳои арабӣ ҳамчун ҷузъи феълҳои таркибии номӣ серистеъмол ва маъмуланд. Аммо ин маънои онро надорад, ки он чи мо мехоҳем, дар забон ба кор барем. Дар ҷумлаи зерин ҳамчун ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ вожаи душворфаҳми **илҷо** истифода гардидааст. Калимаи **илҷо** хоси асарҳои бадеӣ аст. Забони ВАО аз забони адабиёти бадеӣ фарқ мекунад, аудиторияи он васеъ буда, савияи дониши онҳо мухталиф аст.

Маънии вожаи ***илқо кардан*** дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст: *ҷо кунондани чизе дар фикри касе, талқини фикре ба касе; илқо кардан талқин намудан; фаҳмонидан, расонидан* [ФЗТ 1, 1969: 476]:

Боз ана ҳамон ишқе, ки вуҷуди моро гарм мекунад, моро ба сӯйи зебоиҳо мебарад ва моро ба чизи нав гуфтан **илқо** мекунад ... (Орази наво, 09.03.2013).	Таҳрир: Боз ҳамон ишқе, ки моро ба сӯйи зебоиҳо мебараду вуҷуди моро гарм мекунад, **водор** менамояд, то ки сухани нав гӯем.

Забоншинос Б. Камолиддинов оид ба калимаҳои иқтибосии арабӣ чунин ибрози назар кардааст: «*Аксарияти воҳидҳои лугавие, ки аз забонҳои дигар ба забони мо дохил шудаанд, системаи истилоҳотро фаро мегиранд. Баъзе аз калимаҳои дигари иқтибосӣ дар тоҷикӣ муродиф дошта бошанд ҳам, бо ягон хусусияти услубӣ, ба шохаҳои алоҳидаи услуби забонӣ мансуб буда, аз бобати тобиши маънӣ аз онҳо фарқ мекунанд. Калимаҳои бегонае, ки аз ин аломатҳо фориганд, дар забони мо мавқеи устувор пайдо накардаанд ва нахоҳанд кард*» [Камолиддинов, 2001: 37].

Чунончи, дар матни зерин ифодаи ***лаҳву лаъб*** (шӯхию бозӣ) истифода шудааст, ки шунаванда бо як шунидан ба маънои он сарфаҳм намеравад:

Сароидани суруду таронаҳои мардумиву классикӣ кори саҳлу сода набуда, бардошти маънӣ ҳам шунавандаи боҳушу закӣ мехоҳад, зеро мусиқӣ ва сурудҳои суннатӣ баҳри ***лаҳву лаъб*** не, балки баҳри обод намудани ҷаҳони ботинии инсон равона гардидааст [Ҳамзамон, 10.10.2013].

Категорияи шумора аломати барҷастаи грамматикиест, ки хоси исм аст ва онро аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунонад. Шаклҳои танҳову ҷамъи исм ифодаи грамматикии ин категория мебошанд. Шакли танҳои исм на фақат предмети ягона, як предмет, балки предметҳои зиёди номуайянро ҳам ифода мекунад. Шакли танҳои исм мафҳуми ҷинсӣ дорад, вай ҳамчун намояндаи гурӯҳи ҳамҷинсон воқеъ мегардад. Ин маънӣ тақозо мекунад, ки бисёрӣ ва ҷудошавандагии исм бо роҳҳои гуногун қайд карда шавад [ЗАҲТ, 1985: 121].

Зикр кардан бамаврид аст, ки аломати грамматикии шумораи ҷамъи исм пасвандҳои ҷамъбандии тоҷикӣ **-ҳо, -он (-гон, -вон, -ён)** ба шумор меравад, аммо тарзҳои ҷамъбандии арабиро, ки ба воситаи пасвандҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ дохил шуда, моҳияти грамматикии худро нигоҳ доштаанд, аз эътибор соқит кардан мумкин нест. Шаклҳо ва маънои онҳо таҳозо мекунад, ки мавқеи онҳо дар забони тоҷикӣ муайян карда шавад. Ин қоида дар забони ВАО риоя карда намешавад.

Яке аз масъалаҳои баҳсталабе, ки боиси сару садоҳои зиёд гардидааст, ин корбурди воситаҳои ҷамъбандии арабӣ дар забони ВАО аст. Ҷамъбандии арабӣ бо ду роҳ ифода меёбад: шакли ҷамъбандии солим ва шикаста.

А) Шакли ҷамъбандии солими арабӣ. Шакли солими ҷамъи арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил шудааст, ба воситаи пасвандҳои -от, -ин ва шакли ҷамъи шикаста бо ёрии флексияи дохилӣ ба амал меояд. Шаклҳои ҷамъи арабӣ дар бисёр мавридҳо лексиконида шудаанд. Дар барномаҳои радиои “Тоҷикистон” дар баробари унсурҳои ҷамъбандии забони тоҷикӣ унсурҳои ҷамъбандии солими арабӣ ба воситаи пасвандҳои ҷамъсози -от, -ин хеле зиёд истифода мегардад. Чунончи:

Шунавандаҳои азиз, Сабоҳат як садои нотакрор, як садое, ки бо сар додани овоз аллакай касро ба андеша мебарад, касро ба дунёи **хаёлот** мебарад (Орази наво, 22.02.2013). Мо низ баҳри мукаммал гардонидани дониши худ дар ин самт бо мутахассисони ин соҳа, омӯзгорон аз Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доир ба **мушаххасоти** соҳаи туризм суҳбат оростем (Авранг, 15.04.14).

Б) Ҷамъбандии шикаста. Ин тарзи ҷамъбандӣ дар забони ВАО серистеъмол буда, ба сабку нигориши журналистон сахт алоқаманд аст. Нигорандагони барномаҳо ин тарзи ҷамъбандиро хеле зиёд ба кор бурдаанд. Вақтҳои охир инчунин дар забони ахбори омма пешоянди **мин**-и арабӣ ба ҷойи пешоянди тоҷикии ***аз***, инчунин ба ҷойи пасванди ҷамъсози “-ҳо”-и забони тоҷикӣ шакли ҷамъи шикастаи арабӣ истифода

мешаванд. Пасванди “-ҳо” барои ҷамъбандии исмҳои иқтибосии арабӣ низ фаъол аст, бинобар ин зарурат ба шаклҳои ҷамъбандии бегона нест. Масалан, ***минҷумла, амсол, соҳот, шуҳадо, манотиқ, марқад, талабот, мамолик*** ва ғайра:

Ҳамчунин бо тақозои ҷаҳони муосир ва **талаботи** сайёҳон аз **мамолики** хориҷи кишвар тайёр намудани кадрҳои баландихтисосро аз рӯйи мактабҳои олие, ки таълим дар ин самт ба роҳ монда шудааст, вазифадор кард (Маҷро, 28.01.2014); Ҳаминро ҳам мебояд қайд намуд, ки бо мақсади фарогирии ҳар чи бештари шаҳрвандон, **минҷумла** занону ҷавонони деҳот... (Маҷро, 28.01.2014). Зеро даргоҳу саҳнаи театр **амсоли** мактабу дабистон аз одамияту маърифату муҳаббат мегӯяду меомӯзад (Ҳамзамон, 07.11.2013). Тоҷикистон дар соли 2013 дар пайдо кардани сармоягузорони хориҷӣ ва рушди корхонаву **муассисоти** ҷумҳурӣ ... саҳми назаррас гузошта тавонист (Маҷро, 16.01.2014).

Дар матни зерин калимаҳои арабии **соҳот** ва **мухталиф** истифода шудааст. Гӯянда метавонист, **соҳаҳо** бигӯяд, аммо шакли номаъмули ***соҳот***ро кор фармудааст:

Ҳамзамон зани тоҷик дар баробари кори худ (кори саҳро ё *соҳоти мухталиф*) дар хона пухтупазу рӯбучин ва нигоҳубини фарзандонро бар дӯш дорад (Ҳамзамон, 28.01.2014).

Аммо калимаи ***мухталиф***, ки асли он хилоф аст, имрӯз дар ахбори омма, мутаассифона, ба маънои “гуногун” истифода мешавад, ки хатост: …Агар мо ба таърихи инкишофи жанрҳои **мухталифи** мусиқии классикиамон назар афганем, баръало аён мегардад; Вақте зарурати дар як вақт сурудани якчанд рубоӣ дар вазнҳои **мухталиф** пайдо мешавад, сароянда ҳатман ду-се оҳанги дигар низ интихоб менамояд; Тасвирҳои **мухталиф**ро оид ба он ки гӯё дар фалак (яъне дар само) доимо мусиқӣ садо медиҳад… (Ҳамзамон, 10.10.2013). Ҳар як қаламкашро зарур аст, ки дар интихоби калима нозукбин ва эҳтиёткор бошад: Ба ҳамин тартиб кунҷковиҳо ӯро ба Равзаи Мубораки Сахӣ, ба парки валангоршудаи

Балх, ба ҳаммоме, ки Робияи Балхӣ дар он ҷон бохтааст, ба қалъаи Кудфор, ба Чиҳилсутуну Доруламон, ба гӯристони **Шуҳадои солеҳин** ва марқади Аҳмади Зоҳир, ки воқеан аз **манотиқи** даргир ба шумор мераванд, бурдаанд (Ҳамзамон, 21.01.14).

Дар матнҳои барномаҳои радио ҷамъи дукарата, ки ғалати ҳашв аст, зиёд мушоҳида мегардад. Дар мисоли зерин калимаи *мушкил* дар ду қолаб – ҷамъи дукарата ва яккарата истифода гардидааст: **Мушкилотҳо** дар соҳаи сайёҳии Тоҷикистон зиёд ҳастанд, пеш аз оне ки оиди инфрасохтори туризм гап занем, **мушкилотҳое**, ки дар инфрасохтор вуҷуд доранд, пеш аз он оиди норасоии кадрҳо гап мезанем. Яке аз **мушкилоти** асосӣ ин норасоии мутахассисон мегӯем, норасоии кадрҳо мегӯем, ки дар соҳаи туризм ба чашм мерасад (Ҳамзамон, 26.12. 2013).

Дар матнҳои боло чанд ғалат мушоҳида мешавад. Аввал ин, ки артикли ***-е*** хоси исм аст ва он номуайяниро ифода мекунад. Бинобар ин дар пайвандаки таркибии ***пеш аз он ки*** он номуносиб мебошад. Ғайр аз ин дар забони тоҷикӣ пешоянди *оид ба* мавҷуд аст, на *оиди*. Баъдан фикри гӯянда равон ва беғалат ифода наёфтааст. Қисмати аввали ҷумла бо охираш алоқамандӣ надорад. Дар ҷумлаи дуюм ҳам барзиёд кор фармуда шудани ҷонишини ***ин*** (бо таъсири забони русӣ), такрори хабар мушоҳида мешавад.

Муҳаққиқ С.Фатҳуллоев дар мақолааш аз хусуси забони ВАО сухан ронда навиштааст: "Баъзан дар навиштаҳоямон бидуни зарурат теъдоди зиёди калимаҳои мушкилфаҳмро истифода менамоем, ки ин боиси эроди иддае аз хонандагон гардидааст. Масалан, рӯзномаи "Ҷумҳурият" дар шумораи 28 феврали соли 1998-и худ мақолаеро таҳти унвони "Ирон дар як нигоҳ" ба чоп расонидааст, ки он пурмазмун ва хонданбоб бошад ҳам, дар он як силсила калимаҳо бидуни шарҳ оварда шудаанд, ки мазмуни онҳо на ба ҳамаи хонандагон мафҳум аст. Калимаю вожаҳои **абъод, мутанаввеъ, мудерн, аъёд, машҳун, аъозим, мутаввал, ашоир, мубайин, ғино, мунҳасир, қидмат, убудият, абния, рафеъ, талфиқ, мондагор, мучрия,**

муканнаъа, паёмад, нухбагон, уфул, таъаммул, буъд, ибдоъ, маёдин, маъбад, беҳадду ҳаср, раъс, амокин, билахас, муъаррак, мунаббат, мумтадд, атф, шуруғ, ихтинок, маътуф ва ғайра аз ҳамин қабиланд" [Фатҳуллоев, 1999: 68].

Табиист, ки ҳар унсури бегонаи ба забон воридшаванда дар доираи қонунҳои забони адабӣ ҳадди истифода дорад. Мутаассифона, гоҳо журналистони мо ба корбурди калимаҳои бегонаи мушкилфаҳм роҳ медиҳанд, ки шояд ба маънои луғавии он эътибор надиҳанд. Аз ҳамин сабаб вақти бо мардуми одӣ суҳбат кардан аксар маврид дар хусуси мушкилфаҳм шудани забони ахбори омма шикоят мекунанд. Мавриди зикр аст, ки баъзе рӯзноманигорон, ки бо фаъолияти эҷодӣ сари кор доранд, мехоҳанд, фикрашонро тарзе ифода кунанд, ки касе он тарз баён накарда бошад. Онҳо бо ин мақсад гоҳ ба истифодаи калимаҳои мушкилфаҳми арабӣ ва гоҳо ба навишту гӯйиши форсӣ майл мекунанд, ки ин ҳолат беэътиноӣ ба забони ноби тоҷикист. Онҳо намедонанд, ки домани имконоти услубии забони адабии тоҷикӣ хеле фарох аст. Вале аз он касе истифода карда метавонад, ки ба забони модариаш эҳтиром дошта, аз тамоми нозукиҳои он бархурдор бошад.

Як мушкилии дигар имрӯз дар ВАО истифодаи истилоҳот мебошад, ки дар фаҳмиши маъноҳои онҳо шунаванда баъзан мушкилӣ мекашад. Бо мақсади фаҳмо ифода шудани фикр ҳангоми истифодаи истилоҳ аввал бояд варианти тоҷикии онро ҷустуҷӯй кунанд ва ё маънои он истилоҳро шарҳ диҳанд, то ки шунаванда бо як бор шунидан дарк кунад, ки сухан дар чӣ бобат меравад. Хулоса, дар истифодаи калимаҳои иқтибосӣ бояд нозукбин ва дилсӯз буд. Як ғалати ноҷо метавонад, ҳусни забонро коҳонад. Баъзан дар матни гуфторҳои радио ба ҷойи як калима вожаи дигар истифода мегардад, ки аз маънои онро надониста кор фармудани натток дарак медиҳад. Чунончи, дар матни зерин ба ҷойи калимаи ***таъкид*** вожаи ***таҳким*** истифода шудааст, ки бемавқеъ аст:

Парасту, мо огаҳем, ки имсол Донишгоҳи давлатии омӯзгориро бо дипломи аъло хатм кардед ва чун сарвари давлат пайваста ***таҳким*** *мекунанд, донишҷӯҳое, ки тибқи квота таҳсил мекунанд дар мактабҳои олӣ, бояд ҳатман баргарданд ва як саҳми худро дар рушди ҷомеа дар минтақаҳои кӯҳсор гузоранд. Ва нақшаи шумо ба бозгашт чӣ гуна аст?* (Авранг, 06.07.14)

Ба ҷуз камбудии мазкур дар матни боло феъли ***мекунанд*** такрор шудааст, ҳол он ки якеро бо феъли менамоянд иваз кардан мумкин аст. Ҳамчунин ҷойи аъзои ҷумла бемаврид тағйир дода шудааст: *донишҷӯҳое, ки тибқи квота таҳсил мекунанд дар мактабҳои олӣ*. Шакли саҳеҳи он чунин аст: *донишҷӯҳое, ки тибқи квота дар мактабҳои олӣ таҳсил мекунанд*. Ҷумлаи саволии охир низ солим нест. Он бояд чунин сохта шавад: *Баъд аз бозгашт чӣ нақшаҳо доред? // Нақшаҳои шумо баъд аз бозгашт чӣ гунаанд?*

Чунон ки мебинем, дар забони тоҷикӣ аз ҳама бештар иқтибосоти арабӣ истифода мешаванд. Дар ин бобат забоншиноси тоҷик Т. Бердиева чунин мегӯяд: «Агар сатҳи иқтибосоти арабиро бо роҳи муқоиса ба сатҳи иқтибосоти забонҳои дигар таҳлил кунем, мақоми он, доираи истеъмолаш, таносуби оммафаҳму душворфаҳмиаш муайян мешавад. Масалан, миқдори иқтибосоти арабӣ нисбат ба туркӣ, русӣ-интернатсионалӣ хеле зиёд аст. Аксари иқтибосоти арабӣ сермаъноии худро дар тоҷикӣ нигоҳ доштаанд, аммо сатҳҳои иқтибосии забонҳои дигар, асосан, якмаъноянд, зеро сабабҳои иқтибоси яке аз дигаре фарқ дорад. Аз тарафи дигар, иқтибосҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ дар асрҳои зиёд мавҷудияти худро собит намуда, аз ҷиҳати шаклу маъно ба хусусиятҳои зиёд соҳиб шудаанд» [Бердиева, 1991: 18].

Иқтибосоти русӣ-байналмилалӣ. Даврони соҳибистиқлол, даврони нави ташаккул ва инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик ба ҳисоб меравад. Аз як тараф, пешравии вазъи иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангии кишвар, аз ҷониби дигар, тараққиёти босуръати илму техника ба он мусоидат мекунанд. Иқтибосшавии калимаҳои русӣ-байналмилалӣ ба

забони тоҷикӣ дар нимаи дуюми асри Х1Х шуруъ гардида, имрӯз низ давом дорад. Дар мавриди воридшавии онҳо забоншинос Ҳ. Маҷидов қайд мекунад: «калимаҳои русӣ ва аврупоии ба тавассути забони русӣ иқтибосшуда таърихи чандон тӯлонӣ надоранд. Воридшавии чунин калимаҳо аз нимаҳои дуюми асри Х1Х, баъд аз забт шудани Осиёи Миёна аз ҷониби империяи Русия шуруъ шудааст. Ин гурӯҳи калимаҳои иқтибосӣ низ якбора ба забони адабии хаттӣ қабул нашудаанд. Дар ибтидо онҳо дар муҳовара – забони зиндаи мардум ба кор бурда мешуданд, баъдан тавассути асарҳои адибони ҷудогона ба забони адабии хаттӣ низ ворид шудан мегиранд» [Маҷидов, 2007: 115].

Ворид гардидани иқтибосоти русиву байналмилалиро баъзе муҳаққиқон падидаи мусбат, баъзеи дигар манфӣ арзёбӣ кардаанд. Ба қавли профессор Ҳ. Маҷидов, «калимаҳои русию аврупоӣ мебоист дар қиёфаи овозию имлои русии онҳо ба кор бурда мешуданд. Ҳатто талаб карда мешуд, ки дар мавридҳои зиёде талаффуз ва мавқеи задаи аслии онҳо нигоҳ дошта шавад. Чунин муносибат, албатта, ба системаҳои овозӣ, маъноӣ ва аксентологии калимаҳои худӣ бетаъсир намемонд. Дурусттараш, он ба забони тоҷикӣ таъсири манфӣ гузошта, боиси нотавонию харобии он мегардид. Ҳарчанд чунин таъсири забони русиро ба забонҳои миллӣ, аз ҷумла, ба тоҷикӣ сиёсатмадорони соҳаи забон аз ҳодисаҳои мусбат, нишонаи интернатсионалии он, наздикшавии халқҳову миллатҳои гуногун маънидод кардаанд, он ба ҷуз ботил гардонидани хосиятҳои милливу анъанаҳои қадимии забонамон чизи дигареро ба бор наовард» [Маҷидов, 2007: 116].

Дар барномаҳои фарҳангии радио, ки яке вазифаҳои он иттилоъ расонидан аст, онҳо алоқамандона бо мазмуну муҳтавои барнома зиёд корбаст мешаванд. Тоза ва покиза нигоҳ доштани забон вазифаи ҳар як тоҷики миллатдӯсту бошараф аст. Вазъи кунунии забони ВАО, хусусан радиову телевизион, аз нигоҳи сарвари мамлакат низ дар канор намонд. Президенти кишвар дар баромадаш вобаста ба рӯзи забон, мушкилоти асосии забонро имрӯз истифодаи зиёди бемавриди калимаҳо, таркибҳо

ва ҳатто унсурҳои грамматикии бегона дар забони тоҷикӣ арзёбӣ карда, дар бораи таъсири забонҳои дигар сухан ронда, нуфузи забонҳои арабӣ ва русиро махсус зикр карда буд. Ӯ таклиди зараровари талаффузҳои сунъии калима ва ҷумлаҳоро аз ҷониби баъзе нотиқону ровиёни тасодуфӣ омили тахрибкунандаи забон арзёбӣ карда, саҳми ВАО-ро барои пешгирии он аввалиндараҷа хонд: “Мо бояд ин забонро ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт карда, аз таъсири тахрибкунандаи забонҳои дигар, таклиди зараровари талаффузҳои сунъии калимаҳо ва ҷумлаҳо аз ҷониби баъзе наттоқону ровиёни тасодуфӣ ҳифз кунем. Адибон, олимон, воситаҳои ахбори омма, махсусан кормандони телевизион ва радио дар ин самт масъулияти бузургро бар уҳда доранд” [Рӯзи забон, 2008].

Иқтибосоти русиву байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мушоҳида мешаванд. Муҳаққиқон онҳоро чунин тасниф кардаанд:

1. **Лексикаи иҷтимоӣ-сиёсӣ**: совет, бюро, сотсиализм, депутат, агитатор, партия, коммунизм, пленум, митинг ва ғ.

2. **Лексикаи маъмурӣ**: район, республика, директор, бухгалтер, ректор, анкета, орден, билет, паспорт ва ғ.

3. **Лексикаи соҳаи хоҷагии қишлоқ**: колхоз, ферма, звено, правления, трактор, комбайн, сеялка, агротехника, канал, гидромелиоратсия, гидролог, агроном ва ғ.

4. **Лексикаи соҳаи маориф ва маданият, санъат ва адабиёт**: педагог, парта, институт, техникум, семинар, дотсент, профессор, декан, музей, клуб, сирк, театр, драма, жанр, роман, очерк, повест, образ, фелетон ва ғ.

5. **Лексикаи соҳаи илм ва техника**: формула, теория, гипотеза, оксиген, гидроген, азот, аспирин, пенисиллин, счетчик, кнопка ва ғ.

6. **Номҳои асбобҳои рӯзгор**: диван, термос, буфет, стол, сервант ва ғ.

7. **Лексикаи соҳаи спорт**: волейбол, баскетбол, стадион, теннис, штанг, футбол ва ғ.

8. **Лексикаи соҳаи саноати сабук ва хӯрокворӣ**: галстук, пальто, плащ, костюм, туфли, лимонад, гуляш, котлет ва ғ.

9. **Лексикаи соҳаи нақлиёт, алоқа, молия ва иқтисодиёт**: автобус, автомобиль, такси, самолёт, троллейбус, почта, телефон, телеграф, аванс, бюджет, баланс ва ғ. [ЗАҲТ, 1973: 46-47].

Забоншинос Ҳ. Маҷидов соҳаҳои истеъмоли ин калимаҳоро ба а) саноат, б) кишоварзӣ, в) нақлиёт, г) маориф, ғ) фарҳанг, д) маишат, е) варзиш ҷудо кардааст [Маҷидов, 2007: 119-120]. Дар матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои “Тоҷикистон” асосан калимаҳои русиву байналмилалии ифодакунандаи мафҳумҳои соҳаи фарҳанг, маориф ва аҳёнан техника истифода шудаанд.

Як қатор калимаҳои гурӯҳҳои мазкур имрӯз бо муродифи тоҷикӣ ва ё арабиашон иваз гардида, ба омма хизмат карда истодаанд. Чунончи: *совет – шуро, депутат – намояндаи мардумӣ, партия – ҳизб, митинг – гирдиҳамоӣ, район – ноҳия, республика – ҷумҳурӣ, бухгалтер – муҳосиб, анкета – пурсишнома, паспорт – шиноснома, парта – мизи мактабӣ, институт – донишкада, музей – осорхона, теория – назария, гипотеза – фарзия, счетчик – ҳисобкунак, кнопка – тугма, стол – миз, галстук – гарданбанд, аванс – пешпардохт, бюджет – буҷа, баланс – тавозун* ва ғ.

Баъзе калимаву таркиб, ибораҳои русиву байналмилалӣ дар забонҳои дунё, аз ҷумла забони тоҷикӣ, муродиф надоранд, баъзе дар забони тоҷикӣ имрӯзҳо муродиф пайдо кардаанд. Дар матни зерин вожаҳои иқтибосии **компютер, сексия, тест-саволнома, телефон, студия, аппелятсия, кластер** (аз англисӣ – ҷамъшавӣ, муттаҳид кардани чанд унсур) корбаст шудаанд, ки дар тамоми расонаҳои хабарӣ серистеъмоланд: Дар ҷаҳони имрӯза забондонӣ ва малакаи кор бо техникаи **компютерӣ** (пайваст шудан ба шабакаи Интернет) яке аз меъёрҳои асосии интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ба ҳисоб меравад. Доир ба фаъолияти марказҳову **сексияҳои** гуногуне, ки вақти фориғ аз дарс хонандагон ба он ҷо мераванд (варзишӣ, мусиқӣ, фанҳои дақиқ, гуманитарӣ, дӯзандагӣ ва ғайраҳо) чӣ гуфтаниед? (Маърифат, 11.03.

2014). Агар вобаста ба мавзуи имрӯзаи барнома, яъне фаъолияти муассисаи давлатии Маркази миллии **тестӣ** саволу дархосте доред, метавонед, тавассути **телефонҳои студияи** мо, ки 227-60-10 ва 227-60-20 мебошанд, занг занед. Доир ба фаъолияти **комиссияи апеллятсионӣ** чӣ гуфта метавонед? Ҳар як довталаб, пеш аз ба қайдгирӣ, вобаста ба касби интихобкардааш, бояд **кластер**, ихтисосҳоро муайян намояд? Яъне чӣ? (Маърифат, 14.01.2014).

Калимаҳои иқтибосии **экскурсия, турист, факултет/факулта, курс, менеҷмент, консепсия** аз қабили калимаҳое мебошанд, ки барои муоширати ҳаррӯзаи умум истеъмол мегарданд ва умумиистеъмоланд. Калимаҳои мазкур ба забонҳои англисӣ – *менеҷмент*; лотинӣ – *консепсия, экскурсия, курс*; юнонӣ – *телефон*; французӣ – *факултет* мансубанд, ки тавассути забони миёнрав (миёнчӣ), яъне забони русӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудаанд:

Ҳамин тариқ, аз шаҳри Ливерпур **экскурсия** намуд. Аз соли 1847 ширкати туристие, ки Кук роҳбарӣ мекард, баровардани чиптаҳои махсуси сайёҳиро оғоз намуд, ки он саёҳатро на балки (?) (*на танҳо – ММА*) дар қаламрави Англия, балки ба дигар мамлакатҳои хориҷ низ дар бар мегирифт. Дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар **факултаи** иқтисодиёт ва **менеҷмент** нахуст донишҷӯён таҳсил карда баъди **курси** дуюм ба самти **туризм** ва менеҷменти савдо бо хоҳиши худ тақсим мешаванд. Ҳамин хел **консепсия** дар ҷумҳурии Лаҳистон ҳаст, мегузаред, дар ҳамун кӯчаҳои деҳоташ дар ҳар ҷояш меҳмонхона навиштагӣ аст, вақт аз оне ки меравед, меҳмон мешавед, худашон хоҷагии **агротуристӣ** эълон кардааст, вақте меравед, меҳмон мешавед (Авранг, 15.04.14).

Калимаҳои иқтибосии **лотинӣ** дар тамоми забонҳои дунё ҳамчун истилоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёт серистеъмоланд. Масалан, вожаҳои **коррупсия** – ришваситонӣ, **агент –** намояндаи расмӣ, сиёсӣ, хориҷӣ *ва г.,* ки вакили ягон идора, муассиса ва давлат буда, вазифа ё супоришеро

иҷро мекунад, **агенти сиёсӣ** – он ки ба манфиати ҷонибе хидмат мекунад ва сирру асрори як тарафро ба тарафи дигар мерасонад, ҷосус, **агенти махфӣ** [ФТЗТ 1, 2008: 38] ифода мекунанд. Ин вожаҳо дар забони муосири тоҷикӣ серистеъмоланд: Роҳбарону масъулини **Агентии** назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо **коррупсияи** Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони корхонаву муассисаҳо, шохаҳои ҳокимияти давлатӣ – қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ, умуман, қишрҳои гуногуни ҷомеъа ба барнома ҷалб карда мешаванд (Муқовимат, 30.01. 14).

Дар забони ВАО калимаҳои иқтибосии байналмилалии **консепсия, компютер, техника, конфронс, доктор, профессор** зиёд мушоҳида мегарданд, ки ин ба мавзуъ ва мудариҷаи матни барномаву мақолаҳо алоқаманд аст. Барномаи фарҳангии “Ҳамзамон” масъалаҳои муҳимми рӯзмарраро, ки дар ҳаёти воқеӣ рух медиҳанд, ба самъи шунавандагон мерасонад. Дар ҷумлаҳои зерин вожаҳои иқтибосии **консепсия, компютер** истифода гардида, ки ин вожаҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо истифода мегарданд. Ҳоло асри техника ва технологияи ҷадид аст. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **консепсияи** ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон охири соли 2011 қабул гардид ва то соли 2020 мебояд татбиқи пурраи ин **консепсия** ба амал биёяд (Ҳамзамон, 2014. 12. 12); **Консепсияи** ташаккули Ҳукумати электронӣ талаб мекунад, ки ҳокимиятҳои мақомоти давлатӣ бо **компютер** бо **техникаи компютерӣ** ва малакаи кор бо **компютер** заминаи асосӣ ба шумор меравад (Ҳамзамон, 12. 12. 2013).

Дар мавриди корбурди вожаҳои русиву аврупоӣ муҳаққиқ Ҳ. Маҷидов бар ин назар аст: “*Дуруст аст, ки вожаҳои зиёди русиву аврупоӣ дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ воридшуда бо мурури пош хӯрдани он аз истифодаи фаъол баромадаанд. Дар ивази бисёре аз онҳо имрӯз вожаҳои ҳамвазн дар забонҳои Шарқ мавҷудаи чунин калимаҳо ва ё муродифҳои аслии тоҷикии онҳо ба кор бурда мешаванд”* [Маҷидов, 2000: 19]. Аммо на ҳамаи иқтибосоти байналмилалӣ, аз қабили ***компютер, техника,***

консепсия, техникаи компютерӣ, доктор, профессор, академик ва амсоли инҳоро тарҷума кардан имконпазир аст.

Бояд гуфт, ки журналист ҳангоми омода намудани барномаҳо бо намояндагони касбу кори мухталиф ҳамсуҳбат мегардад, дар бораи кору фаъолияти онҳо ба шунавандагон ҳикоят мекунад. Табиист, ки дар ҷараёни суҳбат як қатор истилоҳоти соҳае, ки мусоҳиб намояндаи он аст, истифода мегардад. Истилоҳоти илмӣ-техникӣ, ки аксар иқтибосоти байналмилалӣ мебошанд, яке аз роҳҳои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон аст, ки ин ба пешрафти ҳаёти модиву мадании ҷомеа алоқамандӣ дорад. Бо ин роҳ бой гардидани захираи луғавии забони тоҷикиро ҳанӯз муҳаққиқ Н. Маъсумӣ ба чунин тарз таъкид намуда буд: «*Навигариҳои рӯзафзуни илму техника ва дигар соҳаҳои ҳаёт дар зиндагӣ ва забони халқи мо инъикос меёбад. Ба ин муносибат захираи терминологии забони тоҷикӣ ба кор медарояд ва дар баробари ҳамин забони адабии тоҷик ба ҳисоби калимаю терминҳои зарурии русию интернатсионалӣ торафт бой мегардад*» [Маъсумӣ, 1980: 334]. Муҳаққиқони услубиёти забон бар он назаранд, ки журналистонро лозим аст, ки дар услуби публитсистӣ ба корбурди воҳидҳои гуногуни забон, калима, ибора ва ҷумла бояд эҳтиёткор бошанд, аз истифодаи калимаҳои мураккабу душворфаҳм, истилоҳоти гуногуни илмӣ-техникӣ то ҳадди имкон худдорӣ намоянд. Ин андешаҳоро мо тарафдорӣ карда наметавонем, зеро асри XX1 асри илму техника эътироф шудааст. Аммо имрӯз дар замони инкишофи ниҳоят босуръати илму техника, истифода аз технологияҳои замонавӣ моро водор менамоянд, ки аз техникаи замонавӣ ҳам истифода кунем ва ҳам номҳои онҳоро донем, аз ин рӯ бо талаби замон дар услуби публитсистӣ, аз ҷумла дар забони воситаҳои ахбори омма, истифодаи калимаву истилоҳот ҳар чи бештар роҳ меёбад:

Дар замони имрӯз донистани фанҳои дақиқ ва хусусан истифодаи дурусти компютер дар рушди илмҳои техникӣ аҳаммияти аввалиндарача дорад (Меъроҷи андеша. 13.09.13). Пас, зарурати донандагони илмҳои дақиқ ва рушди техника ва технология дар чомеаи муосир чӣ гуна аст,

сухбате оростем бо доктори илмхои физикаю математика, профессор, академики Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ, мудири кафедраи информатикаи факултаи механикаи риёзиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Файзалӣ Комилов (Меъроҷи андеша, 13.09.13).

Истифодаи калимаву истилоҳоти илмӣ-техникӣ чанд мушкил дорад: пеш аз ҳама, мутахассисон ва журналистон ба масъалаи тарҷумаи ин истилоҳҳо таваҷҷуҳ кардаанд: Азизони дил, компютер ва махсусан сайтҳои интернетӣ ҷавонони моро, ба қавле, бепарвотар ҳам карда (Меъроҷи андеша, 13.09.2013); Ҳамин аст, ки шумо дар китоби худ ҷое гуфтед, ки суруди тоҷикӣ суруди бетамизон нест, ки хеле хушам омад (Орази наво, 05.03.13); Саволномаҳои тест аз рӯйи ихтисосҳои 1.табиӣ-техникӣ; 2.Иқтисодӣ – география; 3. Филология – педагогика – санъат; 4. Ҷомеашиносӣ – ҳуқуқ; 5. Тиббӣ – биологӣ – варзиш аз рӯйи барномаҳои таълимии мактаби таҳсилоти умумӣ интихоб карда мешаванд? (саволи шунаванда) (Маърифат, 14.01.2014).

Имрӯзҳо дар саҳифаҳои матбуот вожаи *роёна* ба назар мерасад, ки бар ивази *компютер* зери таъсири матбуоти форс пайдо шудааст, аммо дар матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ мо онро дучор нашудем. Умуман, нисбат ба дигар қабатҳои лексика ин гурӯҳи калимаҳо камтар ба назар расиданд.

Бояд дар интихоби калимаҳои иқтибосӣ некбин ва нозукандеш буд. Ин вожаҳо, ки мафҳуми истилоҳӣ доранд, дар аксари забонҳо истифода мегарданд. Дар забони истифодашаванда муродиф надошта бошанд, ҷойи таассуф нест. Мо онро бо номи мавҷуда истифода мекунем. Дар ҷумлаҳои зерин калимаҳои *доктор, профессор* истифода шудаанд. То ҳол дар аксари забонҳо, аз ҷумла забони адабии тоҷикӣ, муродиф надоранд ва барои ҳама фаҳмоянд. Зиндагиро бе маориф тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар мисоли зерин истилоҳоти соҳаи маориф – **доктор, профессор** истифода гардида, ки ин вожаҳо дар замони шуравӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидаанд:

Доктори илмҳои таърих, **профессор** Ниёз Мирзоев афзуд, ки СММ дар гетӣ имрӯз ягона созмони ҷаҳонист, ки дар арсаи байналмилалӣ иқтидор ва нуфузи зиёд дорад (Ҳамзамон, 24.10. 2013).

Аммо калимаҳои иқтибосие мавҷуданд, ки нозарур истифода мегарданд. Чунончи, ба матни зерин таваҷҷуҳ намоед:

- Имрӯзҳо ҳар як ҷавоне, ки дар ин самти ***туризм*** фаъолият мекунанд, аввал бояд донанд, ки ҶТ чи гуна ҷойҳои ***туристӣ*** вуҷуд дорад, дар бораи ҳар яки ин маълумот дошта бошад, Дар бораи масоҳат, ё чанд қадар аз пойтахти Тоҷикистон дур будани ҳамон ҷойи ***туристӣ,*** то ки тавонанд, ки ба ***туристон*** пешниҳод кунанд, диққати ***туристон***ро ба он ҷалб намоянд (Авранг, 15.04.14).

Калимаҳои ***туризм, туристӣ, турист*** бо калимаҳои ***сайёҳӣ, саёҳат, сайёҳ*** кайҳост, ки иваз карда шуда, ба истеъмоли омма даромадаанд.

Дар мисоли зерин калимаи ***турагент*** истифода шудааст, ки агенти сайёҳиро ифода мекунад, аммо то ҳол муродифи тоҷикӣ надорад. Бинобар ин дар шакли аслиаш мавриди истифодаи мутахассисон қарор гирифтааст:

Оё медонед, ки яке аз нахустин ташкилкунандагони саёҳат инчунин, ***турагент*** Томас Кук мебошад. Ӯ соли 1941 570 нафарро бо мақсади сайру гашт тавассути роҳи оҳан, аз шаҳри Лангкастер то шаҳри Лангбург равон намуд ба арзиши як ширинӣ аз ҳар нафар (Авранг, 15.04.2014).

Ҳар як корманди рӯзнома, радио ва ё телевизионро зарур аст, ки на танҳо ба масъалаи истифодаи истилоҳу иқтибос, балки дар ҳама масъалаҳои забонӣ аз эҳтиёт сари кор бигиранд, зеро ҳар ғалати эшон метавонад ҳазорҳо хонандаро ба роҳгумӣ барад. Қисми бештари калимаҳои иқтибосии русиву байналмилалӣ истилоҳот ва калимаҳои ифодакунандаи ниёзи мардуманд.

2.2.2. Лексикаи умумиистеъмол дар матни барномаҳо

Мо сарвати луғавии забони модариамонро ҳамеша ба як тарз кор намефармоем, бисёр калимаҳо дар гуфтор ва навишт зуд-зуд такрор меёбанд, баръакси ин баъзе калимаҳо гоҳе, дар мавриди алоҳида, истифода мешаванд. Ин аст, ки ҷамъи калимаҳои таркиби луғавӣ ду гурӯҳи калонро ташкил медиҳанд, калимаҳои умумӣ (ё умумиистеъмолӣ) ва хоса.

Лексикаи умумиистеъмолро лексикаи муштаракуслуб низ ном мебаранд. "*Дар ҳақиқат, лексикаи муштаракуслуб дар ҳама гуна нутқҳо, даҳонӣ, хаттӣ, китобӣ-илмӣ, дар забони радио, телевизион, газетаю журналҳо ба таври васеъ истифода мешавад. Вай ба ҳамаи услубҳои нутқ баробар хизмат карда метавонад"* [Муҳаммадиев ва дигарон, 1997: 75]. Дар барномаҳои фарҳангии радио низ лексикаи умумиистеъмол васеъ истифода мешавад. Чунончи, дар матни зерин калимаҳои ***ид, Наврӯз, бисёр, дин, нав, кор, рӯй, тоза, китоб, бузург, рӯз, ном, сол, кардан, омадан, ҷой*** умумистеъмол мебошанд. Ин вожаҳо дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон фаҳмо мебошанд:

Ҳикояту ривоятҳо дар бораи **иди Наврӯз хеле бисёранд**. Абурайҳони Берунӣ дар **китоби** «Ал-тафҳим» **овардааст**, ки «чун Ҷамшед ба подшоҳӣ **расид**, **динҳо аз нав кард** ва ин **кори хеле бузург** ба назар омад ва он рӯзро, ки **рӯзи** тоза буд, Ҷамшед **ид гирифтӣ**, агарчи пеш аз он ҳам Наврӯз **бузургу** муаззам буд», ҳамчунин дар **ҷойи** дигари ин **китоб чунин овардааст**, ки «Аз расмҳои подшоҳон Наврӯз чист? Нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат **рӯзи нав ном** кардаанд, зеро ки пешонии **соли нав** аст» (Маърифат, 17. 03. 14).

Калимаҳои умумистеъмолро дар ҳамаи услубҳои ҷории нутқ ба як минвол кор мефармоянд, зеро онҳо қабати маъмули таркиби луғавии забонро ишғол мекунанд. Калимаҳои умумиистеъмол асоси таркиби луғавии забонро ташкил медиҳанд, онҳо содаву ҳамафаҳманд. Соҳибони забон ин қабил калимаҳоро аз хурдӣ омӯхта, барои истеъмоли онҳо дар мавридҳои муносиб одат пайдо мекунанд. Аксарияти калимаҳои ҳар як

асари бадеиро низ ҳамин қабати луғавӣ созмон медиҳад. Бе донистани калимаҳои умумиистеъмоли забони модарӣ ва истифодаи мавридшиносонаи онҳо офаридани асари хуби бадеӣ имконнопазир аст:

Бояд зикр намуд, ки **иди** Наврӯз ин **ҷашни оғози баҳор** ва **соли нави мардуми** форсу тоҷик мебошад. Наврӯз дар луғатҳо ба маънои **«рӯзи нав** ва тоза, рӯзи нахустин, **аввали рӯзҳои сол**, яъне рӯзе, ки **соли нав** аз он **оғоз мегардад**, омадааст (Маърифат, 17. 03. 14).

Як хусусияти лексикаи умумистеъмол дар он зоҳир мегардад, ки онҳо нисбат ба дигар қабати лексикаи забон сервазифа ва сермаъноянд. Масалан, калимаи **даст,** ки як узви инсон аст. Он ба маъноҳои маҷозӣ дар таркибҳо ва ибораҳои маҷозӣ ва фразеологӣ истифода мегардад: ***даст доштан дар коре – ба коре ҳамроҳ будан, даст задан – амали номатлубро ичро кардан, дасташ гул барин – ҳунарманд, гулдаст – боҳунар*** ва ғ.

Ба лексикаи умумиистеъмол вожаҳои нутқи китобиро омехта кардан дуруст нест. Лексикаи адабии китобӣ доираи истеъмоли нисбатан маҳдуд дорад, зеро камистеъмол ва нодир мебошанд. Онҳо мафҳумҳои шукӯҳу тантананокӣ, латофату назокатро ифода мекунанд. Лексикаи умумистеъмол, баръакс, доираи васеи истифода дорад. Дар барномаҳои фарҳангии радио ин қабил калимаҳо мавқеи хос доранд.

2.2.3. Калимаҳои адабии китобӣ дар матни барномаҳо

Лексикаи китобӣ моли забони адабии китобӣ аст, ки бо бисёр ҷиҳат аз лексикаи умумиистеъмол тафовут дорад. Ин гурӯҳи калимаҳо аз ҷиҳати шаклу маъно суфташуда, батартиб овардашуда буда, дорои маъно ва обуранги хоса ҳастанд. Онҳо оҳари адабии китобӣ доранд, бинобар ин онҳоро на ҳама медонанд. Дар матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Фарҳанг», ки забони меъёрӣ маҳсуб меёбад, калимаҳои адабии китобӣ низ истифода шудаанд. Лексикаи китобӣ доираи маҳдуд дошта, пуробурангу камистеъмол ва образнок аст. Лексикаи китобӣ хоси адабиёти бадеӣ, публитсистӣ, ВАО мебошад.

Дар барномаҳои радио риояи он муҳим ҳисобида мешавад. Ба ибораи дигар, он забони меъёрист. Калимаҳои адабии китобӣ бо тару тозагӣ, нарму нафосат, ифодаи тантананокиву шукӯҳ, нодиру камистеъмол буданашон фарқ карда меистанд ва дар забони гуфтугӯйӣ кор фармуда намешаванд. Онҳо дар забони адабии меъёрӣ низ камистеъмоланд. “*Ин гуна калимаҳо* – қайд мекунад забоншинос Н. Маъсумӣ, - *дар забони ҳозираи адабӣ бештар ба услуби китобӣ-услуби илмӣ, бадеӣ ва услуби суханронии тантанавию риторикӣ хосанд* [Маъсумӣ, 2011: 107].

Калимаҳои камистеъмол, хусусан лексикаи адабӣ-китобӣ, дар барномаҳои фарҳангии радио низ мавриди истифода қарор мегиранд. Дар матни зерин калимаҳои **густурдан, гумоштан** хусусияти китобӣ доранд: *густурдан* – паҳн кардан, партофтан, андохтан; *гумоштан* – касеро ба иҷрои коре маъмур кардан; касеро бар сари коре гузоштан, таъйин кардан [ФТЗТ 1, 2008: 352]:

Ва чунин гуфтанд мӯбадони Аҷам, ки доноёни рӯзгор буданд, ки Эзиди таборак ва таоло дувоздаҳ фаришта офаридааст, аз ин чаҳор фаришта бар осмонҳо **гумоштааст**... Бояд зикр намуд, ки аз осори Абурайҳон Берунӣ чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки ин донишманд, ба таври **густурдае** дар бораи ҷашн гирифтани Наврӯз сухан мегӯяд... (Маърифат, 17. 03. 14).

Журналист вожаҳои ***гизол, илҳом, равзана, махмалинро*** истифода намудааст, ки калимаҳои адабии китобианд. Калимаи *гизол* ба ду маънӣ – оҳу; оҳубара. 2. *маҷ.* маҳбуба, маъшуқа [ФТЗТ 1, 2008: 408]. Дар матн вожаи ***гизол*** кор фармуда шудааст. Дар асл **мурғи илҳом** мегӯянд, на *гизоли илҳом*. Дар матни зер ибораҳои маҷозии *ниҳоли шарафу номус, қафаси пардапӯши тунуку губоролудаи чашмони пирӣ* басо ҷолиб офарида шудааст:

Ҳама ҷо сабз буд ва ғизоли илҳоми Нависандаи Халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ аз ***қафаси пардапӯши тунуку губоролудаи чашмони пирӣ*** хаёлан рӯйи ин сабзазори **махмалин** ғел мезанад ва дилаш аз ҳаёти

гузаронидаи хеш дар худ мефахрид ва шукр мегуфт, ки дар хунаш, дар вуҷудаш, аз рӯзе, ки тавлид шуд, аз баҳори соли 1914 то замони пирӣ **ниҳоли шарафу номус** гулафшон буд… (Меъроҷи андеша, 21.02.14).

Калимаҳои ***разолат, фарсах, шарён*** низ камистеъмоланд ва дар асарҳои бадеӣ истифода мегарданд:

Дар таърихи навини худ тоҷик бори дигар ба ҷаҳониён исбот намуд, ки миллатест, ки аз ҷаҳолату разолат **фарсахҳо** дур буд ва ҳамин минвол хоҳад монд. Илмдӯстиву **сулҳофарӣ** дар **шарёни** тоҷик пушт ба пушт омада (Ҳамзамон, 14. 11. 13).

Калимаҳои ***мӯбад, аҳриман, фаришта, гумоштан, гузар надодан, кӯҳи Қоф*** ба ин қабати лексикаи забон мансубанд. Феъли таркибии номии **гузар надодан** ба маънои роҳ надодан, нагузоштан омадааст ва дар истеъмол нест: **Мӯбадон** ҷамъ омаданд ва таърих ниҳоданд, то осмонро ба ҳар чи андар ӯст, аз **аҳриманон** нигоҳ доранд ва чаҳор фариштаро бар чаҳор гӯшаи ҷаҳон **гумоштааст**, то аҳриманонро **гузар надиҳанд**, ки аз кӯҳи **Қоф** баргузаранд (Маърифат, 17. 03. 14).

Калимаҳои китобӣ забонзада нестанд. Онҳо бо назокату салосати хеш ба сухан ҳусни нав зам мекунанд. Калимаи **кавокиб** муродифи исми *ситораҳо* мебошад ва камистеъмол аст. Калимаи **дархӯрд** ба маънои лоиқ, шоиста, сазовор, муносиб [ФТЗТ 1, 2008: 31] ва вожаи *ҳамал* – моҳи аввали солшумории шамсӣ (22 март – 22 апрел) [ФТЗТ 2, 2008: 500] истифода шудааст, ки имрӯз камистеъмол аст: Чунон ки Офтоб аз сари **ҳамал** равон шуду Зуҳалу Муштарӣ бо дигар **кавокиб** он ҷо буданд, бо фармони Эзиди таъоло олам дигаргун гашт. Чизҳои нав падид омад, монанди он ки **дархӯрди** олам ва гардиш буд (Маърифат, 17. 03. 14).

Калимаи мураккаби **сангнавишта** ба маънои **катибаҳо** ба кор бурда шудааст: Албатта, дар **сангнавиштаҳои** баҷомонда аз даврони Ҳахоманишиҳо ба таври мустақим ишорае ба баргузории Наврӯз нашудааст…(Маърифат, 17. 03. 14).

Матни зерин бо услуби китобӣ нигошта шуда, калимаҳои умумиистеъмол ва хоса баробар истифода гардидаанд. Калимаҳои ***саранҷом, суфра, шомил, ниёишгузорӣ, нағмапардозӣ, ошӯб, бошукӯҳ, фараҳангез*** камистеъмоланд ва барои муассирии матлаб истифода шудаанд: **Саранҷом** гирд омадан сари **суфраи** Наврӯзӣ, ки он ҳафт пояи аслӣ дорад, ки ҳафт син, ҳафт шин хонда мешавад ва чизҳое **шомил** мешавад, ки нахустин ҳарфи онҳо син ва шин аст ва **ниёишгузорӣ** ва ғазалхонӣ ва таронагӯйӣ ва **нағмапардозӣ** дар лаҳзаи гардиши сол, нафас дар сина ҳабс кардан, хомӯш мондан, чашм бар обу оина ва шамъи **фурӯзон** ва сабза ва гули шукуфон, шиноварии моҳиён дучанд то рӯйдоди бузург ошкор гардад, замону ҷаҳони **бошукӯҳтар** ҷойи **ошӯбу** ғами поринаро бигирад, нуқтаи авҷи ин **сурур** аст, ғайр аз ин, дар айёми наврӯзӣ баргузории мусобиқаҳои варзишӣ, бахусус, гӯштингирӣ аз **фараҳангезтарин** саргармиҳост (Маърифат, 17. 03. 14).

Азбаски забони радио забони меъёрист, истифодаи калимаҳои услуби баланд муҳим ва роиҷ аст. Мо калимаҳои адабӣ-китобиро камистеъмол ва доираашон маҳдуд гуфта ҳукм карда наметавонем. Онҳо бо мурури замон, дар натиҷаи пешравии ҳаёти моддӣ ва фарҳангиву сиёсӣ метавонанд, мавриди истифодаи умум қарор гиранд ва серистеъмол шаванд. Хусусияти маҳдудии истеъмоли онҳо нисбист. Забоншинос Т. Шокиров чунин менависад: «*Бинобар ҳамин ҳам гурӯҳи мазкури лексика яке аз сарчашмаҳои зиёдшавии калимаҳои умумихалқӣ мебошад. Масалан, як қатор калимаҳое, ки як вақт ба гурӯҳи лексикаи адабӣ-китобӣ дохил мешуд, ҳоло хусусияти умумихалқӣ гирифтааст, адабиёт, кино, эҳтиром, сафар, саёҳат. Албатта, ин протсесси тӯлонӣ буда, дар он роли илму маориф, радио, телевизион ва матбуоти даврӣ калон аст*» [Шокиров, 1990: 64].

Мақсад аз истифодаи калимаҳои адабии китобӣ суфтаву образнок, бо назокату салосат офаридани асару нигоштаҳост. Журналист аз ин қабати лексикаи забон моҳирона истифода намуда, суханро образнок,

фораму гӯшнавоз баён мекунад. Дар матни зерин калимаҳои **модар, симо, фариштa, арзанда, заиф, хунхортарин, май, матонат, зулмот, ваҳшат, хайф, тӯфон** ба ин қабати лексика шомиланд, вале дар гуфтугӯ низ истеъмол мегарданд:

Модар… номатро мегираму **симоят фариштаро** мемонад, ки Худованд барои фарзанди инсон ин **ганҷинаи** бебаҳову **арзандаро** ато намудааст. Чун модар мегӯям, фаромӯш мекунам аз суханони ононе, ки заифат мегӯянду гумон мекунанд, ки нотавонӣ… На, ту заиф нестӣ… Матонату тавоноие, ки ту дорӣ, **хунхортарин** касеро, ки дар «калламанор»-и сари шаҳидон нишаста май менӯшид, ба ҳайрат овард… Ман модарам, ҳамон модари **ҷигархуне**, ки писари ягонаам асири зиндони туст… Ман натарсидам аз **зулмоти** бешазори шеру палангон, ман натарсидам аз ваҳшати хайфу тӯфон… Пас, нахоҳам тарсид, аз ту, аз **шамшери сархоҳи** ту… (Меъроҷи андеша, 6. 03. 14).

Калимаҳои адабии китобӣ ба забони жанрҳои публитсистӣ назокату салосат мебахшанд, сухан ба гӯши шунаванда нарму гӯшнавоз садо медиҳад. Масалан, калимаҳои зерин далели ин гуфтаҳост: ***манфиатбахш, дунболгир, тарона, таърих, сарнавишт***:

Бо Сабоҳат суҳбат кардан, рости гап, аҷаб роҳат аст ва манфиатбахш аст, вале чӣ созем, ки вақт моро **дунболгир** аст. ... ҳар як суруд, ҳар як **тарона** мавзуи алоҳида аст, ки яъне қисмату **таъриху сарнавишти** худро дорад (Орази наво, 2017).

Дар матни мазкур ба ҷойи калимаи *роҳат* ифодаи *хушу гуворо* кор фармуда мешуд, ба назари мо, созгор меафтид. Вожаи *созем*, пайвандаки *ки* (дар ҷумлаи дуюм) ноҷо омадаанд. Калимаи аввалиро феъли ёвари *кардан* иваз карда метавонад, ба истифодаи пайвандак зарурат нест.

Сарфи назар аз он ки калимаҳои дар боло зикргардида хоси лексикаи китобианд, барои умум фаҳмоянд. Калимаҳои адабии китобӣ дар жанрҳои публитсистӣ кам истифода шаванд ҳам, алоқамандона бо мавзуъ истифодаи онҳо ҷоиз аст. Ин, албатта, ба маҳорату истеъдоди

рӯзноманигор марбут аст. Дар ҷумлаҳои зерин калимаҳои ***фараҳ, дилнишин, муназзиму муассир, андеша*** хоси лексикаи адабии китобӣ буда, дар дигар услубҳо муродиф доранд:

Сухан метавонад, аз **шодию фараҳ** бошад, вале чандон **дилнишин** не ва ҳам метавонад, аз ғам бошад, аммо зебо. Танҳо шоир аст, ки шеъри худро ба навъе «Раҳнамоӣ» мекунад ва мувофиқи **салиқаи** худ онро **муназзиму** муассир мегардонад. Азизони дил, чун андешаи Мубашшири Акбарзодро ҳарф гуфтем, шунидани **андешаҳои** шоир Рустами Ваҳҳоб низ дар мавзуи шеър махсусан **ривоҷу равнақи** шеъри имрӯз саривақтист (Мероҷи андеша, 15. 02. 14).

Ҳамин тариқ, лексикаи адабии китобӣ хоси забони меъёрӣ буда, корбасти он дар барномаҳои фарҳангии радио барои ифоданокии матлаб, салосату назокати сухан муҳиманд.

Рӯзноманигор барои барҷаста нишон додани вазъият, симои модар ва шоҳ ибораву калимаҳои ***тахти хунин, таъзим овардан, ҷандапӯш*****ро** истифода намудааст:

Чун шоҳ ин сухан шунид, фуруд омад аз тахти **хунин** ва таъзим оварду гуфт: - Бад-ин сон **тавоноиву** қаҳрамониро надидаам, ки дар вуҷуди як зани **ҷандапӯш туғён** мекунад (Меъроҷи андеша, 6. 03. 14).

Калимаҳои адабии китобӣ, аз як тараф, барои ифоданокӣ истифода гарданд, аз ҷониби дигар, бо мақсадҳои услубӣ кор фармуда мешаванд, ки ба андешаи Ҳ. Ҳусейнов, “дар ҳамин асос қувваи ҷозибияти нутқро зиёд мекунанд” [Ҳусейнов, 1973: 28]:

Як нолаи **ҷоншикоф** ва **осмонларз** аст ҷаҳон пиндорӣ. Ин ноларо чун шунавам, моту мабҳут мегардам ва олам хомӯшу холиву **гӯшгиру торику ҳасратзада** менамояду саргузашти одамизодагон иборат шавад аз фарёди ҷонкохе, ки беист чун чирроси **зилаҳо** саросари биёбони **бекарон танин** меандозаду танин меандозад (Ҳамроз, 5.11.13).

Хулоса, калимаҳои адабии китобӣ салосату фасоҳат ва назокати забонро нигоҳ медоранд. Тавассути чунин калимаҳо матлаб равшан,

муассир ва ифоданок баён мегардад. Корбурди васеи чунин қабати лексика барои забони ВАО муфид ва ҷоиз аст.

2.2.4. Мавқеи калимаҳои гуфтугӯйӣ дар матни барномаҳо

Калимаҳои гуфтугӯйӣ як қабати таркиби луғавии забонро ташкил медиҳанд. Он забони ғайримеъёрист ва истифодаи онҳо барои жанрҳои публитсисӣ ҷоиз нест, аммо бо талаботи мавзуъ дар барномаҳои радио аҳён-аҳён мушоҳида мегарданд. Дар барномаҳои фарҳангии радио одамони касбу кори мухталиф ширкат варзида метавонанд. Аз ин рӯ дар нутқи онҳо истифодаи лексикаи гуфтугӯйӣ ба мушоҳида мерасад. Дар услуби гуфтугӯйӣ меъёри забони адабӣ риоя карда намешавад. Дар ҷумлаи зерин ҷойи аъзоҳои ҷумла ба эътибор гирифта нашудааст. Лексикаи гуфтугӯйӣ хусусияти умумиистеъмолӣ дошта бошанд ҳам, ба меъёри забони адабӣ мувофиқ нестанд. Хонанда ва шунаванда истифодаи онҳоро дар барномаҳои фарҳангии радио ва жанрҳои публисистӣ, дар матбуот мушоҳида менамояд:

Яккаву ягона фарзанди **акамай**, ба қадри имкон дастгирӣ мекунем... **табобат кардемша**... нашуд, **тақдира тан дода гирифта гаштем** (Дилошно, 26.07.15).

Хусусияти калимаҳои ин қабати лексикаро Қ. Тоҳирова чунин зикр мекунад, “*...дар нутқи ғайрирасмӣ ва бетакаллуфи байни рафиқон, аъзоёни як оила, хешу табор, одамони аз ҳар ҷиҳат ба ҳам наздик истеъмол мешаванд”* [Тоҳирова, 1967: 44].

Лексикаи гуфтугӯйӣ на танҳо дар нутқи шифоҳӣ, балки дар нутқи хаттӣ, хусусан дар асарҳои бадеӣ, дар нутқи қаҳрамону персонажҳо истифода мегарданд. Аз ин сабаб дар барномаҳҳои радио кам мушоҳида мешаванд. Дар мисоли зерин садои **киву-чирик** ва калимаи **тармарг** истифода гардидааст, ки хоси услуби гуфтугӯйист. **Тармарг** ба маънои н**авзодмарг** (бадани кӯдак ҳангоми таваллуд тар аст. Тармарг, яъне нами бадани кӯдак хушк нашуда мурдан аст) истифода гардидааст: Саҳни мактаб озодаву ороста ва садои **киву-чирик**, хандаву шӯхии кӯдакони

мактаб дили касро фараҳ мебахшад. Аз назди масҷиди андовашудаи деҳа мегузарам… (Меъроҷи андеша, 04.10.13). Ба пиндошти фақир, рамзе, ки моҳияти тамаддуни заминро некӯтар аз ҳама қудратманд аст, иброз дорад, нолаи тоҷикзани кӯҳистонист бар мурдаи фарзанди **тармаргаш** (Ҳамроз, 5.11.13).

Калимаҳои гуфтугӯйӣ дар барномаҳои фарҳангии радио дар мавриди мусоҳиб шудан ба мардуми одӣ истифода мегардад:

Вақте ки ба кор омадам, апаи Саломат маро **нағз** қабул карданд, бисёр иззату эҳтиром **қати** консертҳо мерафтем... (Орази наво, 13.02.2015); Аввал чанд мошинаро ҳам вайрон кардам, зиқ шудам ва боз мошинаи маро **соз карда** доданд, дилбардорӣ карданд, ки ту метавонӣ, аз уҳдаи ин кор мебароӣ (Дилошно, 26.04.15).

Ба ҷойи калимаи **соз** вожаи **дуруст** истифода шавад, беҳтар аст, чунки он хоси нутқи гуфтугӯйист, аммо дар ҷойи ҷамъиятӣ бо забони адабӣ сухан гуфтан мувофиқи мақсад аст.

Албатта, мусоҳибони суҳбатҳои радиоӣ шахсони гуногунихтисос ҳастанд. Онҳо бояд дар куҷо сухан гуфтани худро хуб дарк кунанд. Ба мисоли зерин таваҷҷуҳ намоед:

Ҳатто муҳити иҷтимоие, ки дар он ҷо ташкил шудааст, тағйир меёбад, вақте ки тағйир ёфт, аллакай туризми экологӣ *хосияти худаша* гум мекунад. Дар ҷумҳурии *худамо* намуди туризм, ки мавриди тарғиб фақат қарор дорад, туризми хоҷагии қишлоқ, туризми деҳот аст (Авранг, 15.04.14).

Дар матни мазкур унсурҳои забони гуфтугӯйиро мушоҳида кардан мумкин аст: *худаша* ба ҷойи *худашро*, *худамо* ба ҷойи *худамон*. Ғайр аз ин, ба назари мо, ин ҷо калимаи *хосияти* бемавқеъ омадааст. Ба ҷойи он дар ин матн бояд калимаи *моҳияти* истифода шавад.

Дар матни барномаҳо баъзан қолаби лаҳҷавии калимаҳо истифода шудаанд, ки, ба назари мо, дар нутқи гӯяндаи радио он номуносиб аст:

…беҳтарин гавҳаршиносонро шумо он ҷо ҷамъ овардед, ки дар ҳақиқат, имрӯз санъати «Шашмақом» – санъати халқи тоҷик, аз ин ҷавононе, ки имрӯз *бузург шудан доранд, ба камол расидан доранд,* ифтихори беандоза дорад, чун Ҷамшед Эргашов, Тоҳирҷон Ҷӯраев, Хуршед Иброҳимов, Озода Ашӯрова, Насиба Омонбоева, Камолиддин Ҳамдамов, Сироҷиддин Ҷӯраев (Орази наво, 26.04.13).

Таркибҳои феълии *бузург шудан доранд, ба камол расидан доранд* ба меъёри таркибсозии забони адабии тоҷикӣ созгор намеоянд, зеро феълҳои намуди давомдор бо калимаи ёвари *истодан,* пешванди *ме-* ва асосҳои феъл сохта мешавад. Шакли меъёрии таркибҳои мазкур бояд чунин бошад: бузург шуда истодаанд // бузург мешаванд, ба камол расида истодаанд // ба камол мерасанд.

Калимаҳои гуфтугӯйӣ дар забони барномаҳо камистеъмол аст. Албатта, ин мувофиқи мақсад аст, зеро забони ВАО яке аз василаҳои забономӯзист. Бинобар ин риояи меъёри забони адабӣ вазифаи аввалиндараҷаи журналистон, аз ҷумла гӯяндагони радио, аст.

2.2.5. Калимаҳои куҳна ва таърихӣ дар матни барномаҳо

Калимаҳои таърихӣ чунин калимаҳое мебошанд, ки дар як замони муайяни таърихӣ истифода гардида, дар забони адабии ҳозира, аксар дар асарҳои бадеӣ ва илмӣ бо мақсадҳои услубӣ истеъмол карда мешаванд. Онҳо чун қабати камистеъмоли таркиби луғавии забон зиндаанд. Онҳо моро ба гузаштаи дури таъриху расму оин, зиндагонии ниёгонамон ошно месозанд. Нависанда ё журналист дар лаҳзаҳои зарурӣ барои нишон додани замон, ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ чунин калимаҳоро истифода мебарад. Журналистони барномаҳои радио низ ҳангоми ифодаи воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ аз калимаҳои таърихӣ истифода мекунанд. Дар барномаи “Маърифат”, ки санаи 17. 03. 14 ба пайдоиши Наврӯз бахшида шуда буд, калимаҳои таърихии **мӯбад, малик, хулафо, қирони Кайвон ва Урмузд, утуб, бурҷ, аҳриманро** истифода намуда, ки ҳар кадом сарчашмаест барои шинохти воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ.

Бурҷ – вожаи арабӣ, бинои манорашакле мебошад, ки барои қаровул ва ё нишони махсуси роҳ аз гил, хишт ва санг барпо карда мешавад; бинои манорамонанди мустаҳкам, ки дар гӯшаҳои қалъа ва ҳисор сохта мешавад; ҳар як аз дувоздаҳ қисми доираи фалак, ки офтоб дар муддати як сол дар атрофи он мегардад; Ҳамал (Барра), Сарв (Гов)..., гӯша. Маънои аввали ин вожа хусусияти таърихӣ дорад, аммо маънои дуюмаш имрӯз дар илми астрономия ҳамчун истилоҳ кор фармуда мешавад.

Калимаи таърихии **мӯбад** ба маънои руҳонии зардуштиён; олим ва донишманди оини зардуштӣ; мӯбади **мӯбадон** сарруҳонии зардуштиён фаҳмида мешавад [ФТЗТ 1, 2008: 927]: **Мӯбадон** гирд карда ва бифармуд, ки таърих аз он ҷо оғоз кунанд. Ва гӯянд мисоли он чунон аст, ки **малики** бузург ишорат кунад ба хилофате ба **хулафои** хеш, ки ӯро бузург доранд ва ҳаққи ҳунари вай бидонанд, ки ҳар ки варо бузург доштааст, маликро бузург дошта бошад (Маърифат, 17. 03. 14).

Дар матни боло калимаҳои арабии **хилофат** ва **хулафо** истифода гардидаанд, ки ба ҳаёти сиёсӣ ва таърихии халқи тоҷик баъди истилои араб алоқамандӣ доранд. **Хулафо** дар қолаби ҷамъи арабӣ омада, чунин шарҳ ёфтааст: халифа; халифаҳо – ҷонишинони Муҳаммад пайғамбар (с), ки чор нафар буданд: Абубакр, Умар, Усмон ва Алӣ [ФТЗТ 2, 2008: 50].

Дар натиҷаи аз байн рафтани сохти ҷамъиятӣ, зиндагонии куҳна, илму маориф, техника, расму оин қисми калимаҳо аз истеъмол баромада, ба ҷойи онҳо мафҳумҳои нав пайдо мешаванд. Калимаҳои таърихӣ дар таркиби луғавии забон маҳфуз мемонанд. Онҳоро барои инъикоси ҳодисаҳои таърихӣ ба кор мебаранд. Яъне характери таърихии ҳодисаву воқеаҳоро муайян мекунанд. Онҳо барои кушода додани хусусияти каҳрамонҳо, тамоми хусусиятҳои замони пешин кумак мекунанд. Чунончи, дар матни зерин ҳам калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои гуногун, шахсони таърихӣ истифода гардидааст, ки шарҳи баъзеи онҳоро ҷоиз медонем.

Калимаҳои **айвон** ба маънои пеши хона, ки болояш пӯшида ва тарафи пешаш кушода бошад; нишастгоҳ, суфаи баланди болопӯшида. 2. кит. кох, қаср [ФТЗТ 1, 2008: 49] ва **Мадоин** калимаи арабӣ буда, чунин шарҳ ёфтааст: **Мадоин** *а.* مدائن 1. *ҷ.* **мадина** 1. 2. номи дигари шаҳри Ктесифон (*ю.*) ва Тайсафун (*а.*) – пойтахти давлати Сосониён, ки харобаҳои он ҳанӯз боқист [ФТЗТ 1, 2008: 787]; Кабиса вожаи арабист ва ба маънои соли пуррае, ки ба 366 рӯз баробар буда, моҳи феврали он 29 рӯз мешавад, фаҳмида мешавад ва имрӯз аз истифода баромадааст; Саратон – хусусияти омонимӣ пайдо карда, ба чунин маъноҳо истифода мегардад: 1. саратон I سرطان нуҷ. 1. номи яке аз бурҷҳо аз 12 бурҷи фалак, харчанг. 2. номи моҳи чоруми солшумории шамсӣ (22 июн – 21 июл); саратон II سرطان нуҷ. 1. харчанг (ниг.). 2. номи як навъ шапалаки сиёҳи тортанакмонанд, ки ба овози пасттар аз овози занбӯр садо медиҳад. 3. тиб. беморие, ки бар асари он дар бадан варам, ҷароҳат ба мисли пойи харчанг пайдо мешавад [ФТЗТ 2, 2008: 217].

Дар матни зер ба маънои бурҷи фалак омадааст: Чун **Айвони Мадоин** тамом гашт, Наврӯз кард ва расми ҷашн ба ҷо овард, чунон ки оини эшон буд. Аммо **кабиса** накарда ва гуфт: «Ин оин базо монад, то ба сари давр, ки Офтоб ба сари **Саратон** ояд, то он ишорат, ки Каюмарс ва Ҷамшед карданд аз миёне бархезад». Ин бигуфт ва дигар **кабиса** накард, то рӯзгори Маъмуни халифа (Маърифат, 17. 03. 14).

Вожаи аслии тоҷикии **расад** ба маънои саҳм, ҳисса истифода мегардад, аммо дар ҷумлаи зерин калимаи омонимии он – арабии **расад** ба маънои таҳти назар ва мушоҳида қарор додани ситораҳо истифода шудааст: Ӯ бифармуд, то **расад** бикарданд. Ва ҳар соле, ки Офтоб ба **ҳамал** омад, Наврӯз ид карданд (Маърифат, 17. 03. 14).

Калимаҳои таърихӣ ва архаистӣ дар барномаҳои фарҳангии радио вобаста ба мазмуну муҳтавои барнома истифода мегарданд. Онҳо камистеъмоланд. Азбаски барномаҳои фарҳангӣ инъикоскунандаи вазъи кунунии ҷомеа мебошад, калимаҳои таърихиву архаистӣ аҳёнан дучор

меоянд. Онҳо дар барномаҳои фарҳангии радио дар мавриди ба ҳодисаҳои гузаштаи дур рӯй овардани журналист истеъмол мешаванд.

2.3. Хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ дар матни барномаҳо

Воҳидҳои фразеологӣ (ВФ) як ҳиссаи ниҳоят бузурги бойигарии забонамон ба ҳисоб рафта, бо вижагиҳои маъноию сохториашон метавонанд, ҷилоҳои нав ба нав пайдо кунанд. Онҳо ифодагари мафҳуми ашё, амалу ҳолат, ҳиссиёт буда, дар тафовут аз дигар воҳидҳои забонӣ фикрро образнок, пурҷозиба ва таъсирбахш ифода мекунанд. Онҳоро бештар дар услубҳои муошират, бадеӣ ва дар баъзе жанрҳои журналистӣ чун воситаи рангину муассир баён намудани фикр истифода мебаранд. Журналистон низ бо мақсади ҷаззоб, пуробуранг ва таъсирбахш баён кардани фикр аз ин дурдонаи забони мардумӣ фаровон истифода мекунанд. Дар матни барномаҳои фарҳангӣ-фароғатии радиои «Тоҷикистон» низ мо як миқдор воҳидҳои фразеологиро мушоҳида намудем, ки ба як тарзи хоса истифода гардидаанд.

Бояд гуфт, ки ВФ системаи маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Дар ҳусни баён ба ҳамаи категорияҳои семантикӣ таваҷҷуҳ карда мешавад, хусусан, ба муродифот, ки мавзуи марказии он аст. Муродифоти фразеологӣ ду ва зиёда воҳидҳои фразеологии аз нигоҳи семантика ба ҳам наздик ё умумиятдоштаро мегӯянд, ки бо обуранги бадеӣ, мавқеи истеъмол аз якдигар фарқ мекунанд. Хусусияти муҳимашон ифодаи маънои умумии ба ҳам наздик аст. Инчунин онҳо бояд аз ҷиҳати сохт мувофиқат карда, аз нигоҳи таркиби луғавӣ ба як гурӯҳи лексикию грамматикӣ мансуб бошанд. Дар мисолҳои зерин воҳиди фразеологии ***рӯй тофтан*** бо ибораи рехтаи ***даст кашидан*** бо маънои «чизеро нолозим донистан» муносибати ҳаммаъноӣ пайдо кардаанд:

Дар ин ҷо буданд нафароне, ки панҷоҳ фоиз медиданд, *аз уҳдаи ин кор баромада натавониста*, аз он *рӯй тофтанд* (Дилошно, 26. 04. 2015); Ҳанӯз якрӯза будааст, ки модар ӯро ба хонаи кӯдакон оварда, аз ӯ *даст кашидааст* (Дилошно, 10. 05. 2015).

Ин ибораҳо доираи истеъмоли васеъ дошта, бештар дар услубҳои бадеӣ, публисистӣ, муошират истифода мешаванд. Ҳар дуи ин воҳидҳои фразеологӣ ҳолати номатлубро ифода мекунанд, ки инро аз мазмуни ҷумлаҳои дар боло зикргардида низ дарк кардан мумкин аст.

Инчунин воҳидҳои фразеологии *тан додан // ба тақдир тан додан, аз қисмати пешонӣ ҷойи гурез нест* муродифи ҳамдигар буда, дар забони барномаҳои фарҳангӣ ва фароғатии радиои «Тоҷикистон» фаровон истифода шудаанд:

Ӯ ба торикӣ *тан доду* бо чашми дил аз нав ба зиндагӣ нигарист (Дилошно, 26. 04. 2015); …чандин маротиба дастгирӣ кардем, нашуд, *тақдира тан дода* гирифта гаштем (Дилошно, 26. 07. 2015); Ҷамшед – писараш, давлати сараш, орзуву ормонаш, зиндагию ҳастияш нагузошт, ӯ *ба ин нобаробарӣ тан диҳад* (Дилошно, 26.04. 2015); Росташро гӯям, ман дар Ёвон таваллуд шудам, ба воя расидам, хай, акнун ин зиндагӣ аст. Мегӯянд, ки аз чизе, ки *қисмат ба пешонии мо менависад, ҷойи гурез нест* (Дурдона, 11.04.13).

Ибораҳои фразеологии матнҳои боло ҳам дар услуби муошират ва ҳам дар забони радио серистеъмол мебошанд. Чунончи, воҳиди фразеологии ***ба тақдир тан додан*** серистеъмол буда, ҷойи устувори истифода дорад ва дар лаҳзаҳои муайяни зиндагӣ – рӯй додани ягон ҳодисаи нохуш истифода мешавад. Дар матни боло қолаби ин ВФ (*тақдира тан дода*) чандон саҳеҳ нест. Ҳатто шакли гуфтугӯйии он – *да тақдир (тақдирда) тан додан* низ ин фикри моро тасдиқ мекунад. Модом ки аз тариқи радиои ҷамъиятӣ сухан мегӯянд, бояд меъёри забони адабиро ҳатман риоя кунанд. Дар мавриди ВФ-и ҷумлаи охир ҳаминро гуфтан лозим аст, ки он аз эътиқоди мардум ба сарнавишт ва тақдир (он аз тарафи Худованд муқаррар мегардад) бармеояд. Ин аст, ки ифодаҳои *қисмати пешона, шӯри пешона, тақдиру насиба*ро аз забони мардум бисёр мешунавем.

Дар таркиби муродифоти фразеологӣ калимаҳои гуногуни ғайримуродифӣ низ омада, бо маънои яклухти умумиятдошта ҳаммаъно

ва ё наздикмаъно мешаванд. Муаллифи матни зерин силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳаммаъноро барои таъсирбахш ва ҷозибанок тасвир намудани ҳолати руҳии қаҳрамоне, ки дар борааш сухан меронад, якҷо овардааст:

Хай, ман як берун бароям, гуфта, ташна мондам, об нӯшам, гуфта, ҳамон ҷойҳоеро, ки истифода мекунанд, як нигоҳ карда он қадр ***табъашон хира мешавад***, ки аммаам раҳматӣ мегӯянд, бибита дидам, омаданду даромаданд, ҳамон қадар ***авзошон беҷою хира***, ки …***рӯяшонро турш карда***, гарданак зада, не, гуфтанд («Дурдона», 05. 04. 2013).

Силсилаи воҳидҳои фразеологии ***табъи касе хира шуд, авзои касе беҷо шуд, рӯйро турш кардан*** дар матни боло маънои аз чизе ё касе норозӣ буданро ифода мекунанд. Аслан, ҳамаи ин воҳидҳои фразеологӣ дар алоҳидагӣ маънoҳои гуногунро ифода карда, аз ҷиҳати обуранги ҳиссӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, воҳиди фразеологии ***табъи касе хира шуд*** ифодагари маънои «хафа, ғамгин, маъюс гардидан» буда, дар забони адабӣ ва гуфтугӯйӣ доираи истеъмоли васеъ ва обуранги ҳиссии муътадил дорад. ВФ-и *авзои касе беҷо шуд* – тағйир ёфтани ҳолати шахс, *рӯй турш кардан* – кошу қавоқ кардан, қавоқи касе овезон буданро ифода мекунанд. ВФ-и ***авзои касе беҷо шуд*** асосан дар услуби бадеӣ ва муошират хеле серистеъмол аст, ибораи рехтаи ***рӯй турш кардан*** бошад, баръакс, он қадар зиёд ба чашм намерасад, вале муродифҳои он ба монанди ***қошу қавоқи касе овезон будан, қавоқи худро гирифтан*** дар забони гуфтугӯйӣ басо серистеъмол аст.

Дар мисоли дигар ифодаи маҷозии ***магзи бедор,*** ибораҳои рехтаи ***ақли расо доштан, дили бедор доштан*** бо ҳам муродиф гардида, баёнгари маънои «боақл, бохирад» шудаанд. Ин ибораҳо барои ифодаи сифати шахс ба кор рафтаанд. Муаллиф барои таъсирбахш ифода намудани фикр аз ин воҳидҳои забон истифода бурдааст. Ибораҳои *магзи бедор, дили бедор* дар услуби бадеӣ кор фармуда мешаванд. Ибораи рехтаи *ақли расо доштан* бештар дар забони мардум серистеъмол аст:

Мегӯянд, ба *чашми бедор* соҳиб будан, бағоят кам аст, боз *магзи бедор*, яъне *ақли расо бояд дошт* ва дили бедор ва агар бо чашми бедор ба дунё омадаву оламро бубинӣ, худро дар оламу одамро дар худ мешиносӣ (Дилошно, 26. 04. 2015). Аз Худованд шукрона мекунам, ки ман ақли расо дорам … ба ман ки пойи равон ҳам надод, ақл дод (Дилошно, 24. 05. 2015).

ВФ-и *дар дили худ орзу парваридан* ва *дар орзуи чизе ё коре гаштан* бо ҳам муродифи наздикмаъно мебошанд:

Қаҳрамони мо Ватандор Шеров дар дили худ орзуҳои зиёдеро мепарварад (Шукуфаҳои умедбахш, 02. 10. 2014); Ончунон дабдабае мекунанд, ки мӯйҳоро қайчӣ задан фаромӯш мешаваду ҳама дар орзуи дегу дастархон мегарданд (Дурдона, 25. 04. 2013).

Ҳар дуи ин ВФ хоси услуби бадеӣ, публитсистӣ ва муошират буда, серистеъмол мебошанд.

ВФ-и *дари дил боз кардан* ва *огӯш кушодан* дар матни зерин ба маънои «хурсанду шод пазироӣ кардан, қабул намудан» далолат кардааст:

Дарҳои дил боз кунед, ба истиқболи ҳама ин паёмҳои хушоянд *огӯши ихтиёр кушоед* (Зуҳраи навогар, 26.01.2015).

Ҳар ду ВФ хоси забони адабии китобӣ буда, камистеъмоланд. Дар ташаккули онҳо муродифҳои *боз кардан* ва *кушодан* саҳм гузоштаанд. Дар матни мазкур муаллиф онҳоро ба мақсади таъсирбахш ифода кардани матлаб кор фармудааст. Муродифҳои мазкур дар мисоли дигар чунин корбаст шудаанд:

Китоби «Авесто» *дари дилҳоро кушод*, *олами асрорро* дар калимаю ибора ва ҳарфҳо *боз намуда* (Бо моҳу парвин, 28.04.20).

Дари дил кушодан ва *олами асрор боз намудан* воҳидҳои фразеологӣ мебошанд, ки барои образнок ва таъсирбахш ифода кардани матлаби гӯянда ва ё нависанда хизмат мекунанд. Ин ВФ ҳамчунин ба мақсади такрор нашудани айни як воҳиди забон кор фармуда шудаанд.

Бояд гуфт, ки баъзан ВФ бо калимаҳо ҳаммаъно мешаванд. Калимаҳои *ноумед шудан, руҳафтода нагардидан* ва воҳиди фразеологии *умеди худро кандан* дар забони барномаҳои фарҳангӣ ва фароғатии радиои «Тоҷикистон», махсусан дар барномаи «Дилошно», ки бештар дар барои маъюбон ва бепарасторон мавод омода мекунад, бисёр вохӯрдан мумкин аст:

Маъюбон, шумо аз зиндагиатон *умедатонро наканда* бар зидди он мубориза баред (Дилошно, 24.05.2015); Бо вуҷуди ин ҳама *ноумед нашудаву* ҳунармандӣ кардааст (Дилошно, 26. 04. 2015); Бо шӯру шавқ суҳбат кардан, аз зиндагӣ *руҳафтода нагаштан*, талоши ҳунару илмомӯзии ӯро дида панди бузургмарде ёдам омад (Дилошно, 24. 05. 2015); Баъд аз чунин зарбаи қисмат нашикаставу руҳафтода нагашта, балки бештар масъулият ҳис кардааст (Дилошно, 26. 04. 2015).

Дар ҷумлаҳои боло муродифҳо дар шакли инкориашон – *накандан, нашудан, нагаштан* истифода гардидаанд. Агар мо ҷойи онҳоро бо ҳамдигар дар мисолҳои боло иваз намоем, мазмуни аз ин ҷумлаҳо бармеомада қариб ки тағйир намеёбанд**.**

Инчунин дар забон калимаҳои мураккабе низ ҳастанд, ки дар заминаи воҳидҳои фразеологӣ сохта шудаанд, ба монанди *назардӯзӣ (назар дӯхтан), дилрабоӣ (дил рабудан), муаммокушоӣ (муаммои чизеро кушодан)* ва ғайра, ки дар забони барномаҳои радиои «Тоҷикистон» серистеъмол аст:

Боз чӣ гуна мавзуъҳоро мехоҳед, *муаммокушоӣ* кунед (Шукуфаҳои умедбахш, 17. 04. 2014).

Ин калимаи мураккаб дар заминаи ибораи ***муаммои чизеро кушодан*** сохта шудааст, аммо дар матни боло бемавқеъ омадааст. Ба ҷойи он калимаи *таҳқиқ* истифода мешуд, матлаб дуруст ифода меёфт. Қолаби аслии ин вожа – ВФ-и *муаммои чизеро кушодан* низ кор фармуда шудааст: Танҳо мақсадаш саҳме гузоштан дар илми муосири тоҷик ва *муаммои наверо кушодан* аст (Шукуфаҳои умедбахш, 17. 04. 2014).

Калимаи мураккаби ***дилрабо*** дар заминаи воҳиди фразеологии ***дили касеро рабудан*** сохта шудааст:

Кӯҳҳои сарбаланду обшорат *дилрабост*,

Обҳои поку софи чашмасорат *дилрабост* (Шукуфаҳои умедбахш, 15.05.2014); Бо як дидан нигоҳаш дили ҳар бинандаро мебарад… (Дилошно, 24. 05. 2015).

Дар ин мисолҳо низ калимаи мураккаби дар асоси воҳиди фразеологӣ сохташудаи ***дилрабо*** бо ибораи рехтаи аслиаш – ***дили касеро рабудан*** муродифоти баробармаъно шудааст. Ҳар дуи ин воҳидҳо дар услуби бадеӣ серистеъмол буда, маънои «ошиқ шудан ба чизе ё касеро» ифода мекунад.

Дар мисоли зер бошад, гӯянда барои таҳвияти фикр муродифҳои *руҳафтода будан* ва *ноумед буданро* дар як ҷумла кор фармудааст:

Бисёр маъюбоне ҳастанд, ки руҳафтода ҳастанд, аз ҳаёти худашон ноумеданд (Дилошно, 24. 05.2015).

Дар бобати муродифоти луғавӣ дар фасли алоҳида муфассалтар истода гузаштем. Азбаски калимаи ***руҳафтода*** дар заминаи ВФ (руҳи касе афтод) ба вуҷуд омадааст, барои нишон додани нақши ВФ дар калимасозии забони тоҷикӣ мо онро ин ҷо зикр кардем. Калимаҳои мураккаби аз ВФ бавуҷудомада низ мавзуи баҳси дигар аст.

Дар забони барномаҳои радио баъзан чунин қолабҳои ғалати ВФ ба назар мерасанд. Ба мисли ***панҷ панҷааш ҳунар***. Мутаассифона, ин қолаби ибораи рехта аз ҷониби соҳибзабонон ҳазм шудааст, ки ғалат будани онро чандон эҳсос намекунанд. Аслан, инсон соҳиби ду панҷа ва даҳ ангушт аст, панҷ панҷа ва ё даҳ панҷаро ақли солим қабул намекунад, аммо зери таъсири забони гуфтугӯйӣ ин қолаби ғалат ба забони ВАО низ гузаштааст. Ба мисолҳои зерин таваҷҷуҳ намоед:

Зулайхо кадбонуи хубе ҳам ҳаст, ба қавле, *панҷ панҷааш ҳунар* мебошад (Дилошно, 26.04.2015); Рухшона будааст номаш ва *панҷ панҷааш ҳунар* (Дилошно, 24.05.2015).

Қолаби солими ин ВФ *панҷ ангушташ ҳунар* ё *даҳ ангушташ ҳунар* мебошад. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ гунаи *даҳ ангушташ даҳ ҳунар*ро кор фармудааст: – Бар падаратон раҳмат! – гуфт, – шумо аз саҳро, аз аккахона булбул рӯйидагӣ барин *даҳ ангуштатон даҳ ҳунар* шуда омада будаед (Ёддоштҳо, қ.3, с. 165).

Баъзан гӯяндагон ва ҳамсуҳбатони онҳо ҳангоми истифодаи фразеологизмҳо ҷузъҳои ибораҳои рехтаи гуногунро омехта мекунанд, ки дар натиҷа як воҳиди «гибрид» ҳосил мешавад. Чунин ҳолат бо ВФ-и *аз сар гузаштан* ва *аз ҷон гузаштан* рӯй додааст. *Аз сар гузаштан* маънои рӯй додани ҳодисае, *аз ҷон гузаштан* худро ба куштан доданро ифода мекунанд. Аз маънои ибораҳои рехта маълум мегардад, ки дар матни мазкур дар таркиби *аз сару ҷон гузаштан* ҷузъи ***сару*** нодуруст кор фармуда шудааст. Ин ҷо ***аз сари ҷон гузаштан*** гуфтан лозим аст:

Баҳри ҳимояи хоку макони хеш *аз сару ҷон мегузашт* (Бо моҳу парвин, 28.04.20).

Баъзан аз таркиби ВФ як ҷузъ ихтисор мешавад ва гунаи мушаххаси он дар байни соҳибзабонон роиҷ мегардад. Ин ҳолатро бештар дар ВФ-е мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар асоси ифодаҳои маҷозӣ ташаккул ёфтаанд. Ин ҳодисаро универбатсия ва ё қонуни сарфаи нерӯ меноманд, ки қулай ва осон талаффуз кардани воҳидҳои забонро дар назар дорад. Ҳодисаи сарфаи неру дар ҳамаи қабатҳои забон ба назар мерасад, аз ҷумла дар ВФ ҳам. Чунончи, *дард кашидан*:

…57 сол ман дард доштам, *дарди ятимиро мекашидам* (Шукуфаҳои умедбахш, 02.10.14).

Асли ин ВФ *бори дард кашидан* аст, зеро байни исми абстракти *дард ва* феъли *кашидан* ягон таносуби маънӣ вуҷуд надорад (дардро ба кӯҷо кашонда бурдан метавон?), аммо бо вожаи *бор* чунин муносибат ҳаст: *бори дард кашидан*. Мавлоно Ҷомӣ дар яке аз қитъаҳояш қолаби пурраи ин ВФ-ро (бори миннат кашидан) кор фармудааст:

Басе бар Ҷомӣ осонтар намояд,

Ки *бори* миннати дунон *кашидан*.

Аз таркиби ВФ ягон калима афтад ва ё ҷузъе аз он иваз шавад, як ифодаи бемантиқ ҳосил мегардад. Монанди *дарди касеро баровардан* (?):

… бо ҳамин намоиш шумо тавонистед, *дарди 57-солаи маро бароред* (Шукуфаҳои умедбахш, 02.10.2014).

Муроди гӯяндаро аз ин ВФ равшан фаҳмидан ғайриимкон аст, зеро шунаванда намедонад, ки сухан дар бораи чӣ меравад, *ба рӯйи об баровардани асрори касе, сабук гардидани дарди касе ва ё гами касеро аз дил баровардан*. Гӯянда метавонист, ки аз ин се ВФ якеро истифода барад.

Дар мисоли зерин аз таркиби ВФ-и *аз уҳдаи иҷрои коре баромадан* калимаи *иҷро* афтидааст:

Аввал чанд мошинаро ҳам вайрон кардам, зиқ шудам ва боз мошинаи маро соз карда доданд, дилбардорӣ карданд, ки ту метавонӣ, *аз уҳдаи ин кор мебароӣ* (Дилошно, 26.04.15); Рухшона, чӣ шуморо водор кард, ки аз уҳдаи ҳамаи ин ҳунарҳо бароед? (Дилошно, 24. 05. 15).

Ба ҷойи калимаи ***соз*** вожаи ***дуруст*** истифода шавад, беҳтар аст, чунки аввалӣ хоси нутқи гуфтугӯйист, аммо дар ҷойи ҷамъиятӣ бо забони адабӣ сухан гуфтан мувофиқи мақсад аст. Дар мисоли дуюм, ба назари мо, тарзи пурсиш як андоза бемантиқ баромадааст. Шояд суол чунин гузошта мешуд, мувофиқи мақсад мебуд: – Рухшона, чӣ шуморо водор кард, ки ҳамаи ин ҳунарҳоро омӯзед?

Дар мисоли дигар омехташавии ҷузъҳои ВФ-и гуногун ба назар расид. Чунончи, ***рози дилро холӣ кардан:*** Розу ниёзи дилашро, ки пур шуда буд, холӣ мекард ба мо (Дилошно, 24.05.15).

Аввал ин, ки ***розу ниёз*** таркиби ҷуфти рехта аст. Баъдан, ҷузъҳои ВФ-и ***рози дил гуфтан*** ва ***дил холӣ кардан*** омехта гардида, ВФ-и сеюм ба вуҷуд омадааст. Ин ҳодисаро контаминатсия меноманд. Иллати дигар он аст, ки дар натиҷаи бемавқеъ истифода шудани вожаи *ниёз* ифодаи носолими *ниёзи дил холӣ кардан* ҳосил шудааст. Агар ифодаи *розу ниёз* истифода намешуд, ғалат низ ба миён намеомад.

Агар дар ҷумла ягон воситаи ёрирасон низ нодуруст интихоб шавад, ифодаи бемантиқ ҳосил мешавад. Чунончи, дар мисоли зерин

истеъмоли бемавқеи пешоянди «аз» боиси сар задани чунин нуқсон шудааст:

Бо аҳли байт ва дӯстони ҳамқисматам нишастану суҳбат кардан хеле бароям писанд аст, зеро *аз дардам фаромӯш мекунам* (?) (Дилошно, 24.05.15).

Дар ин ҷумла ба ҷойи пешоянди аслии содаи «аз» пасоянди **-ро** истифода шавад, беҳтар аст: дардамро фаромӯш мекунам.

Дар забони гуфтугӯйӣ қолабҳои аҷиби ВФ-ро дучор омадан мумкин аст, ба мисли ***ба калла гирифтан***. Қолаби маъмули ин ВФ, ки дар забони адабӣ роиҷ аст, ***ба гардан гирифтан*** мебошад. Сабаби ба вуҷуд омадани чунин қолаб шояд дар наздики ҳам ҷойгир будани ин ду узв бошад (калла ба гардан пайваст аст):

Сад шукр, ки ***ба калла гирифту*** дӯхт (Дилошно, 24.05.15); Шунавандаҳои азиз! Сабоҳат як садои нотакрор, як садое, ки бо ***сар додани*** овоз аллакай касро ***ба андеша мебарад*** … (Орази наво, 27.03.14).

Ба мушоҳидаи мо, истифодаи ВФ-и *сар додан* дар матни боло номуносиб аст. Ба ҷойи он феъли ***шунидан*** кор фармуда шавад, созгор меояд. ВФ-и *ба андеша бурдан* низ ба ҳодисаи сарфаи нерӯ дучор гардида, аз таркиби он калимаи ***дунё*** (дунёи андеша) фурӯгузор шудааст.

Дар барномаи «Орази наво» (22.02.13) журналист бо мақсади рангин ифода намудани фикр аз як воҳиди фразеологӣ якчанд вариант сохтааст ва ба ин васила матлабашро таъкид кардааст:

Суруде, ки айни замон дархури ҳама инсонҳост ва ***ба қадри дӯст расидан, ба қадри ҳамдигар расидан, ба қадри ёри меҳрубон расидан*** **ва** ***ба қадри як ҳунарманди*** асиле, ки дарди дили шуморо мегӯяд, ***расидан***, фикр мекунам, рисолати муҳим ва аввалиндараҷаи ҳар инсон мебошад (Орази наво, 22.02.13).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забони радио, ки он намунаи забони адабии гуфтугӯйист, дар истифодаи воҳидҳои фразеологӣ майлу рағбати зиёд зоҳир гардида, мувофиқи табъи эҷодӣ ва мақсади услубӣ, ки ҳарчанд орӣ аз камбудӣ нестанд (дар истифодаи воҳидҳои

фразеологӣ) онҳоро кор мефармоянд. Одатан, ҳар як эҷодкор ВФ-ро вобаста ба маҳорати забондонӣ кор мефармояд. Қисме аз мисолҳои мавриди таҳлил қарор гирифта собит карданд, ки надонистани меъёри истифодаи ВФ боиси ба ғалат роҳ додани онҳо мегардад. Бинобар ин журналистони мо, хусусан аҳли эҷод, бояд дурдонаҳои забонро мутобиқи меъёри забони адабии тоҷикӣ кор фармоянд. Дар барномаҳои фарҳангӣ ва фароғатии радиои «Тоҷикистон» ВФ барои пурра кардани фикр, дақиқ ва равшан баён кардани маънои асосӣ кор фармуда шудаанд.

БОБИ III. КАТЕГОРИЯҲОИ СЕМАНТИКӢ ДАР МАТНИ БАРНОМАҲОИ ФАРҲАНГИВУ ФАРОҒАТӢ

Дар муассир ва ҷаззоб ифода кардани матлаб дар қатори дигар воситаҳои таъсирбахши забон ва нутқ саҳми категорияҳои семантикӣ ниҳоят назаррас аст. Азбаски калима ва дигар воҳидҳои забон муносибатҳои мухталифи маъноиро ба андозаи гуногун дар матн ифода мекунанд, онҳо ба чунин падидаҳои семантикӣ, аз қабили якмаъноӣ (моносемия), сермаъноӣ (полисемия), ҳамгунагӣ (омонимия), калимаҳои наздикталаффуз (паронимия ва парономазия), зидмаъноӣ (антонимия) ва ҳаммаъноӣ ё наздикмаъноӣ (синонимия) мансуб медонанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳамаи ин категорияҳои семантикӣ аҳаммияти услубӣ доранд, аммо дар услубшиносӣ ва ҳусни баён ба ҳодисаи ҳаммаъноӣ (синонимия) бештар эътибор дода мешавад, чунки ин ҳодисаи семантикиро на танҳо дар байни калимаҳои мустақилмаъно, калимаҳои номустақил ва ВФ мушоҳида кардан мумкин аст, балки дар калимасозию таркиббандӣ, дар воситаҳои грамматикӣ – пешоянд, пасоянд, пайвандак, дар байни унсурҳои шаклӣ, дар байни воҳидҳои наҳвӣ – ибора, ҷумлаи содда, ҷумлаи мураккаб мушоҳида кардан мумкин аст.

Бар замми ин, ҳаммаъноӣ бо масъалаи интихоби калима, қолабҳои ифодаи фикр ва мавқеи истифодаи онҳо вобастагӣ дорад. Баъзан дар барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон» низ ғалатҳои лексикӣ-грамматикӣ ва услубӣ дар интихоби калимаҳо, воҳидҳои грамматикӣ ва мавқеи истифодаи онҳо ба назар мерасад. Аз ин ҷиҳат таҳқиқи категорияҳои семантикӣ дар ин барномаҳо аҳаммияти назариву амалӣ пайдо менамояд, зеро корманди радио, гӯяндагон, муҳаррирони барномаҳо дар интихоби маънои калима, имконоти ифодаи матлаб тавассути силсилаи муродифот, интихоби дурусти қолабҳои ифодаи фикр дар натиҷаи донистани маъноҳои гуногуни калима ва мавқеи истифодаи онҳо даст медиҳад.

3.1. Калимаҳои сермаъно ва наздикталаффуз дар матни барномаҳо

Тамоми калимаҳои таркиби луғавии забон якмаъно ва сермаъно мешаванд. Калимаҳои якмаъноро, асосан, истилоҳот дар бар мегиранд. Нисбат ба ин гурӯҳи вожаҳо калимаҳои сермаъно дар ҳама услубҳо бештар мушоҳида мешаванд, зеро дар забон маъноҳо нисбат ба калимаҳо зиёдтаранд ва тақозои дақиқ ифода кардани матлаб онҳоро ба вуҷуд меоварад. Калимаҳои сермаънои забон дар асоси маънои аслии калима ба миён меоянд. Сермаъно гардидани калима дар натиҷаи ба мафҳумҳои маълум дарҷ кардани маънои муайяне ба вуҷуд меояд. Ин ҳодисаро васеъ гаштани маъно меноманд. Масалан, калимаи ***дил***ро гирем. Маънои якум ва аслии ин калима як узви инсон, ҳайвон, хазандаву паранда, чаранда мебошад. Рафта-рафта ин мафҳум васеътар гашта, маъниҳои нав касб кардааст: *дили шаб* – нисфи шаб, *дили санг* – миёнаҷойи он ва монанди инҳо. Ин ҷо маънии аслӣ ва маҷозии калима дар назар дошта мешавад. Мусаллам аст, ки дар фарҳангҳои тафсирӣ маъниҳои маҷозӣ махсус ишора карда мешаванд. Маънои маҷозӣ пас аз маънои аслӣ меояд, зеро бунёди маънои маҷозӣ маънои аслӣ ҳисоб мешавад.

Дар сермаъноии калима мо ҷиҳати дигареро низ мебинем. Гап дар бораи маънои аслӣ ва маҷозии калима меравад. Дар луғатҳои тафсирӣ одатан маънои маҷозӣ махсус ишора карда мешавад. Табиист, ки маънои маҷозӣ баъд аз маънои аслӣ меояд, зеро бе маънои аслӣ маънои маҷозӣ вуҷуд дошта наметавонад. Барои мисол калимаи ***сар***ро гирем. Маънии аслии ин калима узви бадани инсон ва ҳайвон, ки мағз, чашм, гӯш, бинӣ ва даҳон дар он қарор дорад, калла [ФТЗТ 2, 2008: 215] мебошад. Дар баробари маънои аслии калимаи ***сар*** чунин маъноҳои маҷозии он: 1.оғоз, аввал, ибтидо, сари бозор; 2. боло, рӯй, сари болин, сари кӯҳ. 3. нӯг, сари ришта. 4. хӯша, як сар ангур...5. раис, сардор, сари қавм. 6. маҷ. майл, рағбат, ҳавас [ФТЗТ 2, 2008: 215] шарҳ ёфтааст.

Дар барномаҳои фарҳангии радио истифодаи калимаҳои сермаъно муҳим ва зурур аст. Дар мисоли зерин бо вожаи ***сар*** таркиби феълии **сар задан** ба маънои ба вуҷуд омадан, пайдо шудан омадааст:

Сар занад аз дил, ба дил коре кунад,

Нармтар сангин дили ёре кунад.

Дар мисоли мазкур, агар морфемаҳои ёрирасон сарфи назар карда шавад, қариб ҳамаи вожаҳо – *сар, дил, кор, нарм, санг, ёр* сермаъноянд ва ҳар кадом ба маъное далолат мекунад. Вазифаи журналист интихоби маънои матлуб аст, вагарна дар интихоби вожа нуқсон ба миён меояд.

Муҳаққиқ Ҳ. Маҷидов се усули сермаъношавии калимаҳоро бо роҳи маҷоз зикр намудааст: “Ҳарчанд ки маъноҳои луғавии бо усули маҷоз тавлидёфта, ё ба таври дигар муҷозоти луғавӣ аз анвои мухталифи санъатҳои бадеӣ, аз қабили ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя, тавсиф, ташхис ва дигарҳо ғизо гирифтаанд, тамоми анвои онҳоро дар се гурӯҳи аз ҳам ба кулли фарққунанда – ташбеҳ, истиора ва синекдоха гирд овардан мумкин аст” [Маҷидов, 1998: 10-13].

Бо усули маҷоз сермаъно гардидани калимаҳо амри воқеист. Дар барномаи фарҳангии радиои «Тоҷикистон» истифодаи калимаҳои маънои маҷозӣ дошта зиёд мушоҳида мегарданд. Дар ҷумлаи зерин ибораи маҷозии **дари зарҳалини андешаҳои тиллоӣ** истифода шудааст. Бо умеди тансиҳатӣ, бо таманнои хонаободиву хушрӯзии шумо боз омадем ба **дари зарҳалини андешаҳои тиллоиатон** (Меъроҷи андеша. 11. 09. 13). Рӯзноманигор ин ибораро ба маънои андешаҳои хирадмандона, олӣ, мантиқан дуруст ба кор бурдааст.

Ибораи маҷозии **дар либоси бадеият офаридан** ба маънои образнок, ифоданок бо ёрии санъатҳои бадеӣ офаридан омадааст:

Ҳамаи он воқеаҳое, ки дар замони адиб рух дода ва нависанда шоҳиди бевоситаи он лаҳзаҳо буд, тавонист онро **дар либоси бадеият хеле ҷолиб офарад**… (Меъроҷи андеша, 11. 09. 13).

Маҷоз мавзунии суханро таъмин мекунад, каломро боназокату фасоҳат ҷаззоб мегардонад, ба хонанда кайфияти бадеӣ мебахшад. Дар матни зерин калимаю ибораҳои маҷозии **печутоби шеър, дилро кайфият бахшидан, олами бекарону баҳористони шеър** истифода гардида, шунавандаро ба олами зебои сухан мебарад. Истифодаи бомавриди калимаву ибораҳои маҷозӣ суханро гӯшнавозу муассир мекунанд: Шунавандаҳои гиромӣ, ҳар нафаре, ки ба қадри сухан мерасад ва ба **печутоби шеър** сарфаҳм меравад, метавонад, шеърро аз назмгунаҳо ба куллӣ ҷудо кунад. Ва чун шеъри асилро мехонад, аз мавзунии он, аз қироати он **дили хешро кайфият мебахшад**. Чун мақолаҳои мунаққидонро кас мехонад ва аз **олами беканору баҳористони шеър** дидан мекунад (?), руҳияаш болидатар мегардад (Меъроҷи андеша, 15.02.14).

Яке аз роҳҳои сермаъношавии калимаҳо ташбеҳ мебошад. Ташбеҳ чунин навъи маҷоз аст, ки мувофиқи он маънои ин ё он калима ба калимаи дигар аз рӯйи ягон шабоҳате бо шайъи ифодакунандаи маънои он дорад мегузарад. Ташбеҳ ҳамчун як навъи маҷози луғавӣ ба маънои нисбатан васеътар ба кор бурда мешавад [Маҷидов 1998: 10-13].

Ибораҳои маҷозии **хазони умр, баҳори ҷавонӣ** дар мисоли зерин ҷолиб аст. Маънои аслии калимаи *хазон* – баргҳои зарду хушкшуда, барги хушкидаю рехта; мавсими (фасли) хазон фасли тирамоҳ, фасли хушкида рехтан ва хазон шудани барги дарахтон; пажмурдан, зард шудан, хушкидан; маънои маҷозии он – рӯ ба завол рафтан, нобуд гаштан, ҳалок гардидан аст, ки журналист пириро ба фасли хазон, ҷавониро ба баҳор ташбеҳ додааст:

Ӯ аз оғӯши танги ҷӯйча хазон меро̄бад ва мехоҳад, бо ёд кардани хотираҳо **ба хазони умраш** бӯйи атрогини **баҳори ҷавонияшро** резад… (Ҳамзамон, 20.01.14).

Калимаи *дастурхон* – суфра, ки дар рӯйи он таом мехӯранд, моида, дасторхон, хон [ФТЗТ1, 2008: 34] маънидод шудааст. *Дастурхон* дар ҷумлаи зерин ба маънои маҷозӣ омадааст: Пас, мебояд, эҷодкорони моро

ба дастурхони пурнозу неъмати адабиёти аз ниёгон меросмонда беҳтарину тозатарин шеъру насри имрӯзро пешниҳод намуд (Меъроҷи андеша, 25.10.2013).

Муаллифони китоби “Услубшиносӣ” маҷозро ба навъҳо тасниф намуда, чунин нигоштаанд: Калимаҳои маҷозӣ ду хел мешаванд: забонӣ ва услубӣ.

Маҷозҳои забонӣ маҷозҳое мебошанд, ки бинобар серистеъмолӣ, хусусияти умумӣ касб кардаанд ва маънои кӯчида дар онҳо ё суст шудааст ва ё тамоман барҳам хӯрдааст. Маҷозҳои забонӣ дар ҳамаи услубҳои нутқ истифода мешаванд. Аз ин ҷост, ки онҳо аз вазифаҳои услубӣ озод буда, барои муассир ва образнок воқеъ гаштани матн роле намебозанд. Масалан, калимаи *сар*, ки маънои асосиаш калла (яке аз узвҳои бадани инсон ва ҳайвон) аст, дар ибораҳои асосии *сари об, сари роҳ, сари чашма* маънои оғоз, аввал, ибтидоро, дар ибораҳои монанди *сари тег, сари шамшер, сари қалам* нӯги чизеро ифода менамояд. Аммо ин ҷо вай ягон хусусияти услубӣ надорад [Ҳошимов ва диг., 1985: 31].

Ифодаҳои маҷозӣ дар қатори дигар воситаҳои муассири забон дар услуби бадеиву публисистӣ мақоми хосаеро ишғол мекунанд. Калимаҳо аз маънои аслӣ як андоза дур рафта, ба маънои нав соҳиб мешаванд, ки онро маънои маҷозӣ меноманд. Дар китобҳои дарсӣ он бо номи кӯчиши маъно ҳам зикр шудааст. Одатан, ин гуна хусусият ба калимаҳои сермаънои забон хос аст, ки аксаран маъноҳои иловагии онҳо дар заминаи маҷозонидан ба вуҷуд меоянд.

“Калимаҳо ва шаклу воситаҳои грамматикӣ, ба замми маънои муқаррарии мантиқӣ, маъноҳоеро низ метавонанд, фаро бигиранд, ки хусусияти эҳсосӣ, таъсиргузорӣ доранд. Воситаҳои забоние, ки дорои чунин маъниянд, одатан, ба ҳиссиёти хонанда ва ё шунаванда таъсир мекунанд, ба ҳамин сабаб, онҳоро воситаҳои муассир (ё таъсирбахш)-и сухан меноманд. Воҳидҳои муассир хосияти баҳодиҳӣ доранд, зеро гӯянда (ё нависанда) ба воситаи онҳо ба чизе, ҳодисае, амале аз ягон

ҷиҳат муносибати худро баён намуда, шунавандаро (ё хонандаро) водор месозад, ки нисбат ба он назари мусбат ва ё манфӣ пайдо кунад [Ҳошимов ва диг., 1985: 17-18].

Ифодаҳои маҷозӣ қисми асосии воситаҳои муассири забонро ташкил медиҳанд. Онҳо гурӯҳи ибораҳое мебошанд, ки дар натиҷаи инкишофи маънои калимаҳои таркибашон тобишҳои иловагӣ гирифта, маънoҳои мантиқиро ифода менамоянд. Роҳи асосии пайдоиши ифодаҳои маҷозӣ воситаи инкишофи маънои калимаҳои сермаъно мебошад. Ифодаҳои маҷозӣ барои ифодаи таъсирбахшиву ҷозибанокии фикр хизмат мекунанд.

Маҷоз, аслан, калимаи арабӣ буда, маънояш “зидди ҳақиқат, яъне дурӯғ” аст. Калимаҳо метавонанд, дорои ду ва ё зиёда маъно бошанд, ки яке аз онҳо аслӣ – асосӣ, боқимонда маҷозианд. Таъкид кардан бамаврид аст, ки роҳи асосии сермаъношавии калима дар забони тоҷикӣ маҷоз аст. Назари муҳаққиқон доир ба бунёди мафҳуми маҷоз гуногун аст. Ситсерон чунин мефармояд:

«Мисли он ки либос дар аввал барои муҳофизат аз сардӣ ихтироъ гардид ва минбаъд воситаи ороиши бадан ва фарқият гардид, ҳамон тавр ифодаҳои маҷозӣ аз норасоӣ (маҳдудият)-и калимаҳо ба вуҷуд омаданд ва минбаъд барои лаззатбахшӣ хизмат намудаанд» [Саломов, 1987: 58]:

Дар тӯри абрҳо
Печидааст мурғи тиллоии моҳтоб,
Дар бешаи сиёҳи шаби равшанишикор,
Чун донаҳои дом парешон ситораҳо…
Селаи барги хазон дар тӯри борон мезанад пар,
Шишаҳои хонаам тар.

Маҷоз барои ифодаи ҳолати ҳассосии инсон нақши муҳим мебозад, ки ин ҳолатро бо ифодаи мантиқии калимаҳо баён карда намешавад. Муҳаққиқ М. Саломов дар монографияаш «Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ» чунин қайд мекунад: «Маҷози нутқи шифоҳӣ дараҷаи

васеи истеъмол дошта, ба гӯянда имконият медиҳад, ки фикрашро образноку муассир, нишонрас ва ахбори дар назар доштаашро дар қолаби кӯтоҳ ба шунаванда расонад. Дар ин маврид гӯянда ғайриихтиёр меъёрҳои луғавию грамматикиро вайрон мекунад. Дар чунин вазъият риояи меъёрҳои мавҷуда ба гӯянда муҳим набуда, балки расондани таъҷилии ахбор зарур аст» [Саломов, 2001: 30]:

Ифодаҳои маҷозӣ дар забони барномаҳои радиоӣ мавқеи устувор доранд. Онҳо дар ин гуфторҳо аз рӯйи зарурати ҳиссӣ, эстетикӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Аз ин ҷост, ки ҳар як қаламкаш барои пуробуранг ва дилнишин гардидани сухани хеш калимаву ибораҳоро ба маъниҳои гуногун истифода менамояд ва аз рӯйи хусусияти сифатию монандӣ ва алоқамандии онҳо образҳое меофарад, ки ба дили шунаванда зуд роҳ ёфта, мутаассир созад.

Ифодаҳои маҷозӣ дар забони тоҷикӣ чандон мукаммал омӯхта нашудаанд. Дар ин маврид забоншиносон Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов ва дигарон таъкид кардаанд, ки ин ҷанба ҳанӯз хусусиятҳои лексикӣ ва сохтори грамматикии онҳоро пурра муайян карда наметавонад.

Фикру ақидаи муҳаққиқон доир ба ташаккул, маъно ва сохти чунин воситаҳои муассири забон гуногун аст. Баъзе аз онҳо ибораҳои мазкурро ифодаҳои маҷозӣ, пайвастҳои маҷозӣ, баъзеи дигар фразеологизмҳои бадеӣ, сеюмӣ таркибҳои изофӣ ва гурӯҳи дигар воҳидҳои тасвири бадеӣ – анъанавӣ ва ё лаҳзавӣ меноманд. Бунёди ифодаҳои маҷозиро забоншинос Б. Камолиддинов чунин шарҳ медиҳад: “Аксари ифодаҳои маҷозӣ дар асоси монандии амалу ҳолат ва аломатҳои як предмет бо ашёҳои дигар ба воситаи санъатҳои ташбеҳ, истиора ва ташхис ба вуҷуд меоянд” [Камолиддинов, 1967: 75].

Сохтан ва истифода бурдани ифодаҳои маҷозӣ барои ҳар фарди эҷодкор, махсусан журналист, яке аз нишонаҳои забондонӣ ва соҳибистеъдодӣ ба шумор меравад. Бо суханронии хушку холӣ ба кас таъсир расонидан душвор аст, аз ин рӯ журналист кӯшиш менамояд, то

дар хаёлоти рангини хеш ифодаҳои маҷозии пуробурангеро бисозад ва ба забон орад, то дилнишину хушоянд ва таъсирбахш бошад.

Ифодаҳои маҷозие, ки дар забони барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои “Тоҷикистон” истифода шудаанд, аз нигоҳи мавзуъ ва мансубият ба ҳиссаҳои нутқ гуногунанд. Забоншинос Б. Камолиддинов дар “Забон ва услуби Ҳаким Карим” чунин қайд кардааст: “Дар ташаккули ифодаҳои маҷозӣ баъзе категория ва аломатҳои морфологии ҳиссаҳои ҷудогонаи нутқ (хусусан исм) аҳамияти калон доранд. Дар натиҷаи ба исмҳои ҷондор, узвҳои бадани инсон ва ғайра алоқаманд намудани исмҳои беҷон ва бо ҳам пайвастани исмҳои конкрету абстракт ифодаҳои маҷозии исм ба миён меоянд” [Камолиддинов, 1967: 70]. Мо низ ба ин андешаи забоншинос пайравӣ менамоем, зеро исм дар сохтани ифодаҳои маҷозӣ мавқеи махсус дорад:

Фикр мекунам, ана ҳамон суруди аллае, ки аз рӯзҳои нахуст ба гӯшамон садо медиҳаду моро ба воя мерасонад, **танини оҳанги муҳаббат**ро эҳё мекунад (Орази наво, 09.03.2013).

Дар ин мисол ифодаи маҷозии **танини оҳанги муҳаббат** кор фармуда шудааст, ки бисёр гӯшнавоз ва муассир аст. Он аз пайвасти исмҳои конкрет ва абстракт (муҳаббат) ҳосил шудааст. Ин ифодаи маҷозӣ дар асарҳои бадеиву публисистӣ ниҳоят серистеъмол аст. Дар забони русӣ ҳам ифодаи **мелодия любви** мавҷуд аст, ки доираи истеъмоли васеъ дорад.

Дар мисоли боло **танини оҳанги муҳаббат** истифода шуда бошад, дар мисоли зерин ду ифодаи маҷозӣ – **садои муҳаббат** ва **садои ишқ** кор фармуда шудааст, ки варианти якдигаранд:

Дар ҳақиқат, ин ҷо дар бораи оҳангнокию **садои муҳаббат** ҳарф задем, шояд аз пеши худ гуфтам, ки ин **садои ишқ** аст (Орази наво, 09.03.2013).

Қайд кардан зарур аст, ки забони барномаҳои телевизиониву гуфторҳои радиоӣ забони зинда аст ва дар баъзе мавридҳо (одатан, дар

мусоҳиба) пахши мустақим аст. Дар ин ҳолат баранда шояд бе қайди пешакӣ бо мусоҳиб ҳамсуҳбат шавад ва дар ҷараёни суҳбат ӯ вобаста ба мавриди нутқ мекӯшад, ки суханҳои мувофиқ ёфта гӯяд. Дар раванди нутқ ӯ баъзан калимаву ифодаҳоеро кор мефармояд, ки ба меъёри забон мувофиқ нестанд ё бо вожаҳои дигар таносуби маъноӣ надоранд. Ҷиҳати манфии ин ҳолат он аст, ки нутқи шифоҳиро назорат кардан мушкил аст, зеро нуқсони сухани гуфташударо ислоҳ кардан номумкин аст, бинобар ин ба қавли Абулфазли Байҳақӣ, "...Ва эҳтиёт бояд кард нависандагонро, дар ҳар чи нависанд, ки аз гуфтор боз тавон истод ва аз набиштан боз натавон истод ва набишта боз натавон гардонд" [Абулфазли Байҳақӣ, 995-1077]. Дар мисоли зерин чунин камбудиҳо ҷой доранд:

Дар ҳақиқат, *зиндагӣ дар оғӯши навоҳо чарх мехӯрад* (Орази наво, 15.03.2013).

Ба назари мо, ин ҷумла мантиқан дуруст нест. Мулоҳиза фармоед, оё "чарх хӯрдани зиндагӣ дар оғӯши навоҳо" ягон маънӣ дорад? Журналист дар ин мисол ифодаи маҷозии исмии **оғӯши навоҳо** сохтааст, ки аз нигоҳи инҷониб чандон табиӣ нест. Агар *олами навоҳо* мегуфт, шояд як андоза ба гӯш форам мерасид. Ғайр аз ин, дар забони тоҷикӣ калимаи **чарх** бо феъли **хӯрдан** таносуби маъноӣ надорад, балки чунин робитаи маъноӣ бо феъли **задан** (чарх задан) мавҷуд аст. Умуман, аз ин ҷумла муроди нигорандаро фаҳмидан мушкил мебошад.

Агар дар мисоли боло **оғӯши наво** истифода гардида бошад, дар матни зер ифодаи маҷозии **оғӯши ш**еър кор фармуда шудааст:

Парда Ҳабиб аз насли он шоироне ҳаст (шояд *аст – ММА*), ки пеш аз ҳама, **дар оғӯши шеъри** шоирони бисёр азиз ва тавонманди тоҷик ба мисли устод Лоиқ, устод М. Қаноат, Б. Собир, Гулрухсор ба камол расидааст (Адиб ва замон, 2015).

Дар гуфторҳои радиоӣ ҳодисаи пургӯйӣ, такрори бемавриди калимаҳо, хусусан феълҳо ва дигар гурӯҳҳои лексикиву грамматикӣ мушоҳида мешавад. Чунончи, дар мисоли зерин:

Пайроҳаи ҷодаи санъату ҳунари театрӣ **роҳи ноҳамвор** аст, месӯзиву месозӣ, то аниси дигарон гардӣ ва **аз шаҳди ҳунар лаззати маънавӣ бардорӣ** (“Чеҳра”, 22.01.2014).

Дар ин мисол дар ибораи **пайроҳаи ҷодаи санъат**... пургӯйӣ (ҳашв) мушоҳида мешавад, калимаи *пайроҳа* ва *ҷода* (бо маънои якум) муродифи наздикмаъноянд. *Пайроҳа* роҳи борик ва хурдтари одамгузар ва маркабгузар; *ҷода* роҳи калон, шоҳроҳ; мақом, мартаба; соҳа, ришта [ФЗТ, 1969: 596] аст, бинобар ин ба зикри калимаи *роҳ* ҳоҷат нест. Дигар ин, ки ҳунарманд дар миёни тамошобинон мухлис меҷӯяд, на дӯст (аниси дигарон), аз ин рӯ ба ҷойи калимаи *анис* вожаи *маҳбуб* ба ин матн муносибтар аст (маҳбуби дилҳои мардум гардидан; дар байни мардум маҳбубият пайдо кардан). Дар ифодаҳои маҷозӣ яке аз ҷузъҳо ба маънои маҷозӣ далолат мекунад, бо вуҷуди ин бо ҳар калима алоқаманд шудан намегирад. Ифодаи маҷозии *шаҳди ҳунар* дар қолаби *шаҳди ишқ, шаҳди зиндагӣ* сохта шудааст, аммо, ба назари мо, созгор нест, ишқ гавҳари покизаест, ки лаҳзаҳои гуворову ногувор дорад, дар зиндагӣ пастиву баландиҳост, аммо ҳунар-чӣ? Ҷумларо чунин таҳрир кардан мумкин аст: Пайроҳаи санъату ҳунари театрӣ ноҳамвору пурпечутоб аст. Басо заҳмат кашидан лозим аст, то маҳбуби дилҳо шавию аз ҳунарат мардум лаззат баранд.

Ифодаи маҷозии **бонуи ҳунар** (пайвасти исми конкрету абстракт) тайи чанд соли охир серистеъмол шудааст, зеро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми зан дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, ин ҷинси латифро ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъйин намудааст. Шояд асли ин ифода **бонуи ҳунарманд** бошад ва пасванди сифатсози *-манд* аз он ихтисор шуда, дар қолаби имрӯзааш ба истеъмол даромадааст:

Сабоҳатро мо, аслан, дар муҳити эҷод ҳамчун **бонуи ҳунар** дарёфтем ва зиёда аз ҳама таронаҳои асили Сабоҳат, таронаҳои классикии Сабоҳат **ба дили** мухлисонаш **панҷа мезанад** (Орази наво, 22.02.2013).

Дар ин матн воҳиди фразеологии **ба дил панҷа задан** ба маънои “таъсир кардан” кор фармуда шудааст, аммо дар захираи фразеологии забонамон ба ин маънӣ ибораи рехта вуҷуд надорад. Агар ба ҷойи он фразеологизми *дили касеро бурдан* истифода мешуд, ба матн созгор меомад (...таронаҳои асили Сабоҳат, таронаҳои классикии Сабоҳат дили мухлисонашро мебарад). *Панҷа задан* маънои “бо (ба) чизе мубориза кардан, даст ба гиребон шудан бо чизе” [ФТЗТ 2, 2008: 66] мебошад. Аз ин маъноҳо ягонтоаш ба матни боло мувофиқ нест.

Дар забони тоҷикӣ ифодаи маҷозии **мурғи илҳом**(-и касе ба парвоз омад) мавҷуд аст. Дар мисоли зерин нигоранда варианти ин ифодаро сохтааст, ки чунин аст, **ғизоли илҳоми касе ғел мезад:**

Ҳама ҷо сабз буд ва **ғизоли илҳоми** Нависандаи халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ аз **қафаси пардапӯши тунуку ғуборолудаи чашмони пирӣ** хаёлан рӯйи ин сабзазори махмалин ғел мезанад ва дилаш аз ҳаёти гузаронидаи хеш дар худ мефахрид (Меъроҷи андеша, 21.02.2013).

Дар ин мисол номувофиқатии шаклҳои феълӣ (мезанад – мефахрид) ба назар мерасад. Баъдан, ифодаи *дилаш аз ҳаёти гузаронидаи хеш дар худ мефахрид* услубан вайрон аст, чунки *дил дар худ мефахрад* магар? Ҷонишини нафсӣ-таъкидии *худ* ин ҷо барзиёд аст. Ба ин гуна “худ”-ҳои зиёдатӣ устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ҳам дар китобашон “Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад” ишора карда буданд [Душанбе, 2005]. Ин қисмати ҷумларо чунин таҳрир кардан мумкин аст: дар дил аз ҳаёти гузаронидааш ифтихор мекард // розӣ буд. Ифодаи маҷозии *қафаси пардапӯши тунуку ғуборолудаи чашмони пирӣ* ҳам беиллат нест. Чашмони хираи шахсро ба қафас ташбеҳ додан, аз нигоҳи мо, номувофиқ аст. Инчунин қафас тунук ва ғафс намешавад.

Аксаран нигорандагон ҳангоми сифатчинӣ калимаҳоро тарзе интихоб мекунанд, ки бо вожаи асосӣ (муайянкунанда) таносуби маънӣ надоранд. Дар мисоли зерин айнан чунин ҳолат рух додааст:

Сабоҳат, фикр мекунам, дар ин роҳ шумо муваффақ шудед, чун **дасти дуои** устодонро гирифтед, фотиҳаи неки устодонро гирифтед, **дуои**

сабзи модарро гирифтед. Мо ҳам таманно мекунем, ки дар ин роҳ роҳатон боз ҳам бехатару сабзу рушану муҷалло бошад (Орази наво, 22.02.2013).

Ифодаи **дасти дуо** аз воҳидҳои фразеологии *дасти дуо бардоштан* ва *дасти дуо густардан* ҳосил шудааст, аммо манбаи ифодаи маҷозии *дуои сабз* ба мо маълум нагашт. То ҷое медонем, калимаҳо аз рӯйи ягон монандиву умумият бо ҳам таносуби маъноӣ пайдо мекунанд. Агар ба маънои калимаи *сабз* рӯй оварем, мебинем, ки он чунин маъниҳо дорад, Сабз – ба ранги гиёҳи тару тоза; сабз шудан рӯйидани гиёҳ, барг баровардани дарахт, сабзидан; мӯйлаб сабз кардан нав мӯйлаб баровардан [ФЗТ, 1969: 184]. Шояд ин ифода дар қолаби *сари сабз* (забони сурх сари сабз медиҳад барбод) сохта шуда бошад. Аз ин ифода калимаҳои мураккаби *сарсабз, сабзсар* сохта шудааст, ки саҳеҳ будани онро собит менамояд. Аммо аз ифодаи *дуои сабз* вожаҳои мураккаб сохтан (дуосабз, сабздуо – ?) ғайриимкон аст. Дар ифодаи *роҳатон боз ҳам бехатару сабзу рушану муҷалло бошад* вожаи *роҳ* бо калимаҳои *бехатар, рушан (равшан)* робитаи маъноӣ дорад, аммо бо муайянкунандаҳои *сабз, муҷалло* чунин таносуби маъноӣ вуҷуд надорад.

Ифодаи *дунёи театр* ҳам ифодаи маҷозии исм буда, як ҷаҳон маъниро дар қолаби кӯтоҳ ифода кардааст:

“... бе он самимияту сафо ин гуна дунёро, аниқтараш, дунёи театрро сохтан мушкил аст”, бо эҳсоси ширин ёд оварданд (Чеҳра, 22.01.2014).

Дар забони тоҷикӣ ифодаҳои маҷозии исмӣ мақоми хоса доранд, зеро ниҳоят серистеъмоланд. Ифодаҳои маҷозии исм, ки аз ҷониби соҳибони забон офарида шудаанд, бағоят зиёданд. Ин гурӯҳи ифодаҳои маҷозӣ дар натиҷаи аз ҳад зиёд серистеъмол шуданашон ба таркибҳои устувор табдил ёфта, ба воҳидҳои фразеологӣ наздик мешаванд ва ё табдил меёбанд.

Ифодаҳои маҷозии сифат дар натиҷаи ба предметҳои беҷон нисбат додани хислатҳои инсон ё ба исмҳои маънӣ нисбат додани аломати предметҳои конкретӣ ҳосил мешавад [Камолиддинов 1967: 70]. Чунончи:

... зиндагӣ аз *нафаси гарму дилнавози* ӯ оғоз мегардад (Орази наво, 09.03.2013).

Ифодаи *эҳсоси ширин* ҳам ифодаи маҷозии сифат буда, маъниро образнок ва ҷолиб ифода кардааст:

“... бе он самимияту сафо ин гуна дунёро, аниқтараш, дунёи театрро сохтан мушкил аст”, бо эҳсоси ширин ёд оварданд (Чеҳра, 22.01.2014).

Баъзан нигорандагон ифодаҳое месозанд, ки ҷузъҳояш байни худ ягон таносуби маъноӣ надорад. Чи тавре ки қаблан ҳам зикр кардем, аксар вақт ҳангоми пайиҳам овардани сифатҳо муаллифон ба ғалат роҳ медиҳанд. Дар мисоли зерин низ чунин аст:

Барои мисол шеъри «Мӯйи ту чанбари тиллогуна»-и ӯро бигирем, ибораҳои ба ишқу ҷавонӣ хос, монанди «лаби нӯшин», рӯйи ширин, сарфишон рафтан, бозии дилбозон, гесуи зарбофта» хонандагони ашъори шоирро ба олами гарму сабзи ҷавонӣ мебарад (Адиб ва замон, 2018).

Вожаи *олам* бо сифатҳои *сабз, гарм* ҳеҷ алоқаманд шуда наметавонад: олами гарм, олами сабз (?). Дар забони тоҷикӣ ифодаи суфтаву равони *дунёи ҷавонӣ* мавҷуд аст. Дар ҷумлаи боло ифодаи “ба дунёи пурасрори ҷавонӣ // дунёи зебои ҷавонӣ мебарад” гуфтан мувофиқ меояд.

Дар ифодаҳои маҷозии феъл ҳолат, вазъият, рафтор, кирдор ва амалиёти гуногуни инсон ба предметҳои беҷон ё исмҳои маънӣ нисбат дода мешаванд [Камолиддинов, 1967: 70]. Дар барномаҳои радиоӣ ин қабил ифодаҳои маҷозӣ нисбатан камтар дучор меоянд:

Шумо яке аз ҳамин дилдодагони санъати волои халқи тоҷик ҳастед, ки аз рӯзҳои аввал то ба имрӯз, яъне аз *хони пурнеъмати “Шашмақом”*

доначинӣ мекунед ва аз ин дона ба шогирдон ҳам бедареғ ҳадя медоред (?) (ҳадя мекунед – ММА) (Орази наво, 26.04.2013).

Ҳамин тариқ, дар матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои “Тоҷикистон” дар баробари дигар воситаҳои таъсирбахш ифодаҳои маҷозӣ низ мавқеи устувор доранд. Таҳлили маводи барномаҳои радиоӣ нишон доданд, ки ин воситаҳои муассири забон фикрро дилчасп, ҷаззоб ва образнок ифода мекунанд. Ба мисли воҳидҳои фразеологӣ метавонанд, ҳамчун манбаи калимасозӣ хизмат кунанд. Маҳз калимаҳои аз ифодаҳои маҷозӣ ҳосилшуда ба қолаби саҳеҳи он далолат мекунад. Бинобар ин ҳарчанд ифодаҳои маҷозиро соҳибони забон сохта истифода мебаранд, пас, онҳо таносуби маъноии ҷузъҳои ин қабил ибораҳоро ба назар гирифтанашон лозим аст.

Бояд қайд кард, ки дар забон калимаҳои ҳамреша ё гуногунреша вуҷуд доранд, ки аз ҷиҳати таркибӣ овозиашон ба ҳамдигар хеле наздиканд. Онҳо танҳо бо як ё ду овоз аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Чунин калимаҳоро ***наздикталаффуз*** гуфтаанд. Агар калимаҳои наздикталаффуз аз як решаи калима ба вуҷуд омада бошанд (давр – давра, сарф – сарфа, мақол – мақола, зарурӣ – зарурат), **паронимҳо**, аз решаҳои гуногун (сурат – сират, шева – шево, самъ – самт, ҷурм – ҷирм, бурҳон – бӯҳрон) пайдо шуда бошанд, **парономазия** меноманд.

Дар ҳусни баён на танҳо ба воситаи муассир будани чунин воҳидҳои луғавӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, балки боз ба як ҷиҳати калимаҳои наздикталаффуз эътибор дода мешавад: аз сабаби хуб надонистани маънои калимаҳои наздикталаффуз гӯянда ба ҷойи як калима дигареро кор мефармояд, ки аз ҷиҳати таркиби овозиаш ба он шабоҳат дорад. Дар мисоли зерин ба ҷойи калимаи *самъ* вожаи *саҳм* кор фармуда шудааст:

Дар барномаи навбатӣ бахши эҷод бо хатмкардаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣ тибқи квотаи президентӣ Парасту Бозиева, ки ин ванҷидухтар донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намудааст, ***саҳми*** шумо мерасад (Авранг, 06.07.14).

Вожаи арабии *таҳким* ба маънои маҳкам кардан ё мустаҳкам намудани чизе (таҳкими робитаҳои дӯстона; таҳким шудан мустаҳкам гардидан) [ФТЗТ 2, 2008: 326] далолат мекунад. Дар ҳайати таркиби феъли *таҳким кардан* таносуби байни ҷузъҳо риоя нашудааст, зеро *таҳким* бо феъли *кардан* дар мисоли зерин бемаврид истифода гардидааст:

Парасту, мо огаҳем, ки имсол Донишгоҳи давлатии омӯзгориро бо дипломи аъло хатм кардед ва чун сарвари давлат пайваста *таҳким мекунанд* (?), донишҷӯҳое, ки тибқи квота таҳсил мекунанд, дар мактабҳои олӣ бояд ҳатман баргарданд ва як саҳми худро дар рушди ҷомеа дар минтақаҳои кӯҳсор гузоранд ва нақшаи шумо ба бозгашт чӣ гуна аст? (Авранг, 06.07.14).

Аз матн маълум мегардад, ки вожаи мазкур ба ҷойи феъли *таъкид кардан* кор фармуда шудааст. Дар ин мисол ҳамчунин такрори феъли ёвари *кардан* бемаврид аст. Яктои онро бо феъли намудан иваз кардан мумкин: ...таъкид мекунанд, ...таҳсил менамоянд.

Аз мисолҳои мазкур маълум мегардад, ки маънои калимаро надониста онро истифода бурдан ба чунин ғалатҳо оварда мерасонад. Бинобар ин журналистон бояд ҳамеша дар интихоб ва истифодаи воҳидҳои луғавӣ эҳтиёткор бошанд.

3.2. Хусусиятҳои услубии муродифот дар матни барномаҳо

Синонимҳо аз мавзуъҳои асосӣ ва умдаи услубшиносӣ ба шумор меравад. Салоҳият ва салиқаи забони ҳар як қаламбадаст – хоҳ олим, хоҳ нависанда ва хоҳ журналист дар интихоби дурусти ягона воситаи мувофиқ аз байни силсилаи ҳаммаъноянш, он воситае, ки мақсад ва ғояи гӯяндаро ниҳоят равшан ва барҷаста ифода намояд, падид меояд [Чориев, 2014: 60].

Яке аз категорияҳои семантикӣ, ки ҳамчун воситаи муассири забон хизмат мекунад, муродифот мебошад. Калимаҳои муродифӣ як воситаи муассири нутқ буда, барои гурез аз такрор, тобишҳои гуногуни маъноӣ,

муҳчазбаёнӣ, ифоданокии фикр хизмат мекунанд. Нигоранда ҳангоми корбурди силсилаи муродифот бояд нозукбин бошад, тобишҳои маъноии онро ба эътибор гирад. Дар барномаҳои фарҳангии радио вобаста ба мазмуну муҳтавои барнома силсилаи муродифот ба кор бурда мешавад. Масалан, дар ҷумлаи зерин журналист ҷуфти муродифии *кору фаъолият*ро ба кор бурдааст. Калимаҳои **кор** ва **фаъолият** ба ҳам муродифанд, аммо на ҳама вақт ҷойи якдигарро иваз карда метавонанд. Калимаи *кор* умумиистеъмол буда, ҳам тобиши маъноии мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Аммо калимаи *фаъолият* доираи маҳдуди истифода дошта, хоси услуби китобист: Мо – таҳиягарони барнома, дар **кору фаъолияти** минбаъдаатон *барору пешравиҳо*ро таманно дорем (Маърифат, 11.02.2014).

Дар забон на танҳо калимаҳои аслӣ, балки калимаҳои иқтибосӣ бо калимаҳои аслӣ муродиф мешаванд. Дар ҷумлаи зерин нигоранда силсилаи муродифҳои **арку кӯшк, қалъаро** ба таври чида истифода намудааст. Ҳарчанд ин калимаҳо як силсилаи муродифиро ташкил мекунанд, аз ҷиҳати тобиши маъно тафовут доранд. **Қалъа** вожаи арабӣ буда, чунин шарҳ ёфтааст: ҳисор бо деворҳои баланду ғафс ва бурҷҳои мустаҳкам, ки барои муҳофизат аз душман ва муқовимат ба он сохта шудааст, диж [ФТЗТ 1, 2008: 664], *арк* калимаи тоҷикист ба маънои қалъаи амир, хон ё ҳокимнишин дар даруни ҳисори шаҳр, қалъаи хурд дар миёни қалъаи бузург [ФТЗТ 1, 2008: 78]: Ҳамин буд, ки дар тамоми даврон аҷдодони мо шаҳрнишин буданд ва барои бунёд ва сохтани **арку кӯшк** ва **қалъаҳо**, манораҳои баланд заҳмат мекашиданд (Қомуси Аҷам, 26.10.2014).

Калимаҳои **бечора** бо **бенаво,** ибораи **дасти тараҳҳум** бо **дасти сахо** хусусияти муродифӣ доранд. Калимаи **бечора** умумиистеъмол буда, **бенаво** камистеъмол, хоси адабиёти бадеӣ, **дасти тараҳҳум** камистеъмол, бештар дар адабиёти классикӣ мушоҳида мегардад, **дасти сахо** доираи истеъмоли васеътар дорад. Бештари шунавандагон ва хонандагон

маънои *тараҳҳум*ро намефаҳманд. Он чунин шарҳ ёфтааст: раҳм; навозиш, меҳрубонӣ; тараҳҳум кардан (намудан), раҳм кардан, дилсӯзӣ нишон додан [ФТЗТ 2, 2008: 312]. Ин вожаҳо муродифҳои матнӣ ҳисоб мешаванд, чунки берун аз матн чунин хусусият надоранд: ...ба **бечораю бенавоён**, заифону беморон **дасти тараҳҳум ва сахо дароз мекар**д (Қомуси Аҷам, 01.12.2014).

Муҳаққиқ М.Муҳаммадиев дар мавриди бамавқеъ кор фармудани синонимҳо мегӯяд: “Донистани синонимҳо ва намудҳои гуногуни калимаҳои ҳаммаъно ва маъноан наздик, бамавқеъ ва дуруст истифода бурда шудани онҳо нутқи нотиқ ва эҷоди адабӣ-бадеиро гуногун, пуртаъсиру образнок хоҳад намуд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои ҷузъӣ ва нозуктарини фикр аниқ ифода карда шавад” [Муҳаммадиев, 1962: 3].

Дар барномаи фарҳангии “Қомуси Аҷам” услуби хоси муаллифи он мушоҳида гардид, ки дар як ҷумла чанд силсилаи синонимиро истифода намуда, матлабро саҳеҳу равшан ифода мекунад. Дар ҷумлаи зер ибораи *бахти ноком* бо *тақдири носозгор* ба як маъно – омад накардани кори касе далолат карда бошанд, вожаи *овора* бо *саргардон* муродифи луғавӣ шудааст. Ифодаи *тақдири носозгор* солҳои охир дар ВАО серистеъиол гардидааст. Он бештар дар гуфтугӯ истифода мешавад:

Дар ҷавонӣ **бахти нокому тақдири носозгор** ин шахси шарифро **оворaю саргардон кард** (Қомуси Аҷам, 01.12.2014). Чунин пайиҳам кор фармудани муродифот усули дӯстдоштаи устод Айнӣ мебошад, ки бо мақсади пурра ва дақиқ ифода кардани матлаб истифода мегардад.

“Муродифҳои луғавӣ яке аз воситаҳои муҳимми услубии забони тоҷикианд. Дар ҳама услубҳои нутқ ҳангоми интихоб ва мавқеи кор фармудани калима ба силсилаи муродифҳо рӯй меоваранд. Бинобар ин муродифҳои луғавӣ дар як услуби нутқ маҳдудтар, дар услуби нутқи дигар ҳарчи мукаммалтар истифода мешавад. Чунончи, дар услубҳои

расмӣ ва илмӣ доираи истеъмоли муродифҳо хеле маҳдуд аст [Камолиддинов, 1973: 65].

Истифодаи ҷуфтҳои муродифӣ, ё ба таври чида истифода намудани силсилаи муродифҳо дар матнҳои барномаҳои радио зиёд мушоҳида мегарданд. Дар ҷумлаи зерин калимаҳои *латофату назокат, каму кост* муродифи ҳамдигаранд. Журналист барои пурратар ва ҷозибтар ифода кардани матлаб силсилаи синонимиро ба кор бурдааст: Дӯстони азиз, дар ин шумораи барномаи «Меъроҷи андеша» низ мехоҳем, дар мавзуи шеър, дар атрофи **каму костиҳои** ин олами пур аз **назокату латофат** ва самимият суҳбат ороем (Меъроҷи андеша,15. 02. 14).

Бо мақсади пурра, равшан ва муассиру образнок ифода кардани матлаб нависандагону қаламкашонро зарур аст, ки аз силсилаи муродифот калимаи матлубро интихоб намуда, мувофиқи талаботи фикр дар мавқеаш кор фармоянд. Дар ҷумлаи зерин калимаҳои муродифии **ривоҷу равнақ, навовариву тозаҷӯйӣ** хусусияти муродифӣ доранд. Калимаҳои муродифӣ аз рӯйи маънои умумиашон бо ҳамдигар хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо карда, бо тобишҳои маъноӣ ва аломатҳои услубиашон фарқ мекунанд. Журналист барои равшану муассир ифода намудани фикр силсила ё ҷуфтҳои синонимиро ба кор бурдааст:

Азизони дил, чун андешаи Мубашшири Акбарзодро ҳарф гуфтем (? – ММА), шунидани андешаҳои шоир Рустами Ваҳҳоб низ дар мавзуи шеър, махсусан **ривоҷу равнақи** шеъри имрӯз, саривақтист. Ҳама самимияту назокату садоқат ва **навовариву тозаҷӯйӣ** дар шеъри ин шоири зиндаёд (? – ММА) нуҳуфтааст (Меъроҷи андеша, 15. 02. 14).

Дар мисоли мазкур аз ифодаи *ҳарф гуфтем* муроди гӯяндаро фаҳмидан мушкил аст. Шояд ба ҷойи он феъли *шунидан* кор фармуда шавад, мазмуни ҷумла возеҳтар мегардад. Иллати дигари ин ҷумла он аст, ки дар ҳаққи шахси дар қайди ҳаётбуда вожаи *зиндаёд* кор фармуда шудааст, ки бемаврид аст. Журналист маънои онро намедонистааст.

Равшанӣ ва муассирии ифодаи фикр, пеш аз ҳама, ба тарзи интихоби калима ва мавқеи кор фармудани он вобаста аст. Нависанда ё нигоранда аз рӯйи талаботи фикр ва тақозои услуби баён аз дохили силсилаи муродифот ҳамон калимаро интихоб карда мегирад, ки асли мақсадро саҳеҳ, равшан ва пурра ифода карда тавонад ва ба умқи дарки хонанда ё шунаванда расад. Дар ҷумлаи зерин таркибҳои **дарк кунанд, эҳсос кунанд** аз ҷиҳати маъно ва тобиши услубӣ муродифанд:

... суруди тоҷикӣ, ончунон ки шумо гуфтед, суруди бетамизон нест, суруди аҳли маънӣ аст, ки онро аввал бояд **дарк кунанд, эҳсос кунанд,** дар худ ҳазм кунанд ва баъдан ба дигарон пешкаш кунанд (Орази наво, 05.03.2013).

“Муродифоти луғавӣ, – қайд мекунад забоншинос Б. Камолиддинов, – барои фасеҳ ифода кардани фикр хизмат мекунанд, чунки онҳо бо тобиши нозуки маъно аз ҳамдигар фарқ доранд” [Камолиддинов, 1973: 65]. Барои таъкид, муассирии матлаб дар ҷумлаи зерин калимаҳои муродифии **шӯр, ғалаён, исён** истифода гардида, ки аз ҷиҳати маъно муродифанд, аммо аз ҷиҳати доираи истеъмол, бо тобишҳои маъноӣ ва аломатҳои услубиашон фарқ мекунанд. Ибораи **ба шӯр овардан** умумистеъмол, дар услуби муошират зиёд ба кор бурда мешавад. Он ба маънои **ба ваҷд овардан** низ фаҳмида мешавад. Ибораи **ба исён овардан** маънои муътадил надорад, он ба маънои саркашӣ, сарпечӣ аз итоат. 2. қиём бар муқобили қувва ё мафкураи ҳокима, балво; шӯриш; исён кардан, шӯридан, аз итоат гарданкашӣ кардан [ФТЗТ 1, 2008: 556] истифода мегардад ва хоси услуби китобист. Ибораи ба **ғалаён овардан** камистеъмол аст:

Дар китоби худ овардаед, ки суруд таҷассуми вазъият, ҳолати ҷони инсон аст ва ҳолате, ки инсонро шавқу сурур ва хушбахтӣ пур мекунад, ана ҳамин суруд монанди фаввораест, ки саршори эҳсосоти қавӣ, ки дигар дар вуҷуди инсон буда наметавонад, яъне ӯро **ба шӯр**

меорад, ба ғалаён меорад, ба исён меорад ва берун мерезад (Орази наво, 05.03.2013).

Масалан, дар яке аз барномаҳои радио муаллиф барои боз ҳам таъсирнок шудани матлаб аз силсилаҳои синонимии *сабр, таҳаммул, тоқат*; *мол, чиз, сармоя, сарват*; *дилдода, шайдо, дилбохта* истифода кардааст.

Дар «Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ»-и М. Муҳаммадиев силсилаи калимаҳои *сабр, тоқат, таҳаммул* [Муҳаммадиев, 1962: 174] зикр гардидаанд, ки аз инҳо *сабр* сарсилсила аст. Калимаи *сабр* ҳам дар забони гуфтугӯйӣ ва ҳам забони адабӣ истифода гардида, нисбат ба синонимҳои худ серистеъмол аст. Калимаи *тоқат* дар забони адабӣ, гуфтугӯйӣ корбаст мешавад, *таҳаммул* обуранги адабии китобӣ дорад ва доираи истеъмолаш нисбат ба вожаи сабр маҳдудтар аст: Пулу мол ин хурсандӣ нест, ҳамеша бояд ботамкинӣ, **таҳаммул**, **сабру тоқат** бояд бошад (Орази наво, 11.09.2015); Баъзеҳо аз хоб ба он хотир бедор мешаванд, ки **молу чиз** ҷамъ кунанд, **сарвату сармоя** ба даст оваранд (Орази наво, 13.03.2015); Мебинам, ки шумо як **дилдодаву шайдо, дилбохтаи** таронаҳои Барноапа ҳастед... (Орази наво, 09.03.2013).

Дар ҷумлаи аввал такрори бемавқеи калимаи **бояд** ба назар мерасад. Ба назари мо, худи ҷумла низ услубан суфта нест. Азбаски барномаҳои радиоӣ ба таври шифоҳӣ сурат мегиранд, таҳрири амиқи он на ҳамеша даст медиҳад. Шояд сабаби ба ғалат роҳ додани барандагон дар ҳамин бошад, аммо барномаҳои радиоро аудиторияи васеъ гӯш мекунанд, бинобар ин дақиққор будани наттоқон зарур аст.

Дар мусоҳибаҳои радио муаллифон кӯшиш мекунанд, ки матлабашон ба хонандаашон зудтар бирасад, яъне фикр таъсирбахш ифода ёбад, ба як гуфтан ҳам мусоҳиб ва ҳам шунаванда мақсадро дарк намоянд, бинобар ҳамин бештар ҷуфт-ҷуфт муродиф шудани калимаҳо ва истифодаи пайиҳами онҳо мушоҳида мешавад, ки тавассути онҳо мафҳуми ашё, аломат пурраву барҷаста ифода меёбад. Чунончи, дар

мисолҳои зерин муродифоти ҷуфти **дӯстиву рафоқат** ва силсилаи муродифҳои *даргоҳ, макон* ва *ҷойгоҳ* кор фармуда шудаанд:

Ман ҳис кардам, ки дар ботини ин зан арзишҳои баланди **дӯстиву** инсонпарастиву **рафоқат** ва вафодорӣ то охир дар замири ин зан фурӯзон аст (Орази наво, 13.02.2015); Бо мақсади шиносоӣ роҳ пеш гирифтем сӯйи коргоҳи Зулфия, даргоҳи пур аз маърифат, макони фазлу маънӣ ва ҷойгоҳи созу таронаҳои асил (Орази наво, 14.08.2015).

Мутаассифона, дар ҷумлаи аввал такрори ифодаҳо – *дар ботини ин зан – дар замири ин зан* ба назар расид, ки яке аз онҳо барзиёд аст. Ҳамчунин ибораи *арзишҳои баланди* нотамом аст, зеро, ба назари мо, аз таркиби он калимаи *инсонӣ* ва таркиби *аз қабили* фурӯгузор (арзишҳои баланди инсонӣ, аз қабили) гардидааст. Ҷумларо чунин таҳрир кардан мумкин аст: Ман ҳис кардам, ки дар ботини ин зан арзишҳои волои инсонӣ, аз қабили дӯстиву инсонпарастиву рафоқат ва вафодорӣ то охир пойдор хоҳад монд // Ман ҳис кардам, ки дар дар ботини ин зан оташи дӯстиву инсонпарастиву рафоқат ва вафодорӣ то охир фурӯзон хоҳад монд.

Ба таври чида, пайиҳам истифода намудани муродифҳо дар матнҳои барномаҳои радио зиёд мушоҳида мегарданд. Дар ҷумлаи зер калимаҳои **заҳмату талошу машаққат** аз ҷиҳати маъно муродифанд. Журналист бо пайиҳам овардани силсилаи муродифӣ ба сухан қувват мебахшад, матлабро муассиртар ифода мекунад:

Шумо ҳамчун зан, ҳамчун модар дар ҷамъият аллакай саҳми худро доред, ҳам тифл ба дунё овардед, тарбият кардед ва ҳам эҷодгари асил ҳам ҳастед, ки ман дар маҷмӯъ занро офаранда мегӯям, вале бо вуҷуди ҳамин фикр мекунам, **заҳмату талошу машаққатҳои** шумо зиёдтар аст (Орази наво, 05.03.2013).

Муаллифон баъзан ба сабаби маънии муродифҳоро ба назар нагирифтан ва ё надонистани ҷуфти муносиби онҳо ба ғалат роҳ медиҳанд. Аммо баъзан мавридҳое ҳаст, ки шояд аз ҷиҳати граматикӣ

ғалат набошад, вале аз лиҳози ҳусни баён ва услубшиносӣ нуқсон ба ҳисоб меравад. Онҳо аз ҷиҳати маъно ва истеъмол баробаранд, ба ҳамин хотир ҳам ба ҷиҳати фонетикӣ ва ҳам зебоии тарзи ифода нуқсон ворид мешавад. Масалан, *кору фаъолият, ҳамешаву мудом, барору пешравӣ, хоҳишу дархост, ишқу сафо, садоқату вафо, мондагию хастагӣ:* ...миллате, ки ҳамешаву мудом аз гузашта ифтихор менамояду имрӯз чизе намеофарад, то ояндагон истифода намоянд, миллати пиргаштаву фартут аст (Ҳамзамон, 14.11. 2013). Мо, таҳиягарони барнома, дар кору фаъолияти минбаъдаи шумо *барору пешравиҳоро* хоҳонем (?) (Маърифат, 24.09. 2013). ... ба ин мавзуъ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии давлатдорӣ ва манбаи муҳимтарини ташаккули захираҳои инсонии кишвар таваҷҷуҳи *мудому ҳамеша* зоҳир мегардад (Ҳамзамон, 17. 01. 2014); Имрӯз бо хоҳишу дархости шунавандаҳои сершумори шумо, хостем, суҳбате дошта бошем атрофи ҳунар, эҷод, *рӯзгору зиндагии* шумо (Орази наво, 22. 02. 2013); Дар идомаи роҳ ба Ойимҳол Қаюмова ва кулли ҳунарпешаҳои театр ишқу сафо, *садоқату вафодорӣ* ва навпардозиҳоро дар дунёи ҳунар баҳрашон таманно дорам (Ҷилои ҳунар, 22.01.2014); *Мондагию хастагиямро* бо шунидани сурудҳо мебарорам (Орази наво, 11.09.2015).

Ё ин ки муаллиф дар матни дигар ба ҷойи калимаи **бурҳон** (яъне далелу бурҳон ё танҳо далел) калимаи *дастак*ро овардааст, ки, ба назари мо, истифодааш чандон маъмул нест, гарчанде ки дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” маънои чоруми ин калима чунин аст: далеле, ки ба он такя карда, кореро иҷро мекунанд ё онро ба сифати асос ва баҳона нишон медиҳанд, касеро ё чизеро дастак кардан (намудан), дастак шудани касе ба чизе. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба маънои 1.шакли тасғири даст; дастак задан, чапак задан аст. 2. таър. ҳуҷҷати бамуҳр, ки дар ҳузури ҳоким навишта мешудааст; коғази баҳамчаспонидаи дароз, ки дар он рӯйхати номгӯйҳои молиётро навишта онро лӯлашакл мепечонидаанд [ФЗТ, 1969: 346].

Дувум, дар хусуси ҷузъи дигари ҷумла *афкори хеш боварманд мегӯянд*, ба назар равон ифода нашудааст. Ғайр аз ин, дар забони тоҷикӣ пасванди сифатсози *-манд* бо калимаи *бовар* васл намешавад. Таваҷҷуҳ кунед: Шояд ҳақ бошанд, вале бо кадом **дастаку далел** ин афкори хеш боварманд мегӯянд (Маърифат, 07.11.2013).

Таҳрир: Шояд ҳақ бошанд, вале бо кадом далелу бурҳон ин фикри хешро дилпурона изҳор менамоянд.

Баъзе калимаҳо танҳо дар дохили матн хусусияти синонимӣ зоҳир мекунанд, яъне муродифоти матнӣ мебошанд. Дар мисоли зерин калимаҳои **баланд, сабз, шуниданӣ** маънои муродифӣ дошта, берун аз матн ин маъниро аз даст медиҳанд:

... зеро агар садои ишқ намешуд, шумо аз як деҳи кӯчак ба ин шаҳри пур аз ғавғои шаҳр (?) намеомадед, муҳаббат намебастед ва ба дунёи шеър ғӯтавар намешудед ва ин қадар шеърҳои **баланду сабзу шуниданӣ** ҳам эҷод намекардед (Орази наво, 09.03.2013).

Дар интихоб ва корбурди калима нозукбин бояд буд. Интихоби дуруст кафолати саҳеҳии фикр аст. Дар ҷумлаҳои зерин калимаҳои муродифи ***шӯр – исён*** (ба маънои пуршӯру шарар), ***густохӣ – дағалӣ*** (ба маънои дурушти, бадмуомилагӣ) истифода гардидааст, ки аз ҷиҳати доираи истеъмол, хусусияти услубӣ фарқ мекунанд. Калимаҳои ***исён*** ва ***дағалӣ*** умумистеъмол буда, дар тамоми услубҳо ба кор бурда мешаванд. Калимаҳои ***густохӣ*** ва ***ошӯб*** хоси услуби китобӣ ва камистеъмоланд. Нигоранда барои қувватнок ифода намудани матлаб силсилаи калимаҳои муродифиро истифода намудааст:

Саломати имрӯзро мо агар дар ягон хиёбон ё кӯча бубинем, ҳеҷ гоҳ фикр намекунем, ки ин зан замоне як зиндагии пур аз **ошӯбу** пур аз **исён** дошт (Орази наво, 13.02.2015); ...Вале дар ҳар сурат даромадем, як каме **густохию дағалӣ** кардем, даромадем ва баъдан узр пурсидем (Орази наво, 13.02.2015).

Дар ҷумлаи зерин ду вожаи иқтибосии арабии **амин** – эътимоднок, одами росткор; муътамад; **амин будан** бовар доштан, мутмаин будан [ФТЗТ 1, 2008: 59] ва **мутмаин** – итминондошта, эмин, хотирҷамъ, осудахотир; **мутмаин шудан** эмин шудан, итминон пайдо кардан [ФТЗТ 1, 2008: 855] истифода гардида, ки бо ҳам муродифанд. Нигоранда ин ду вожаро барои қувватнокии фикр ба кор бурдааст: Ростӣ, ман низ аз суҳбати шумо як баҳрае бардоштам, **аминам** ва **мутмаинам**, ки ана ҳамон шунавандаҳое, ки гӯш ба барномаҳои мо медиҳанд, аз ин суҳбати мо ба худ як чизе бардоштанд (Орази наво, 11.09.2015)

Дар маводи гирдовардаи мо муродифҳои матнӣ кам нестанд. Калимаҳои **рустан** ва **сабзиш** ба ҳамин гурӯҳ мансубанд. Дар ин ҷумла ҷуфти муродифии **умеду орзу** низ истифода гардидааст, ки серистеъмоланд ва дар услубҳои забон баробар истифода мегарданд: ... Зеро баҳор фасли **рустанҳову сабзиши умеду орзуҳост** (Орази наво, 13.03.2015).

Муродифоти луғавӣ дар забоншиносӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: 1.Муродифҳои луғавӣ; 2.Муродифҳои услубӣ;

Муродифҳои луғавӣ чунин калимаҳои ҳаммаъноянд, ки аз якдигар бо тобиши маъно фарқ мекунанд. Ҳангоми кор фармудани муродифҳо бояд он тобишҳои нозуки маъноӣ ба назар гирифта шаванд, то фикр саҳеҳ ва равшан ифода ёбад. Агар он тобишҳои маъноӣ сарфи назар карда шаванд, ғалатҳои лексикӣ ба вуҷуд меоянд: Ман дар дили худ гуфтам, ки тангаро аз дасти ин аблаҳ хоҳам ситонд («Бадоеъ-ул-вақоеъ») // хоҳам гирифт // хоҳам рабуд.

Муродифҳои услубӣ аз ҷиҳати обуранги услубӣ ё маъноҳои услубӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар обуранги услубии муродифҳо ба назар гирифта шавад, калима бамавқеъ ва муносибати гӯянда равшан ифода меёбад. Обуранги услубии муродифҳо ба назар гирифта нашавад, калима бемавқеъ кор фармуда мешавад ва муносибати манфӣ ё мусбати гӯянда дақиқ ифода намегардад [Камолиддинов, 1973: 63].

Аз ин рӯ ҳар як қаламкашро зарур аст, ки хусусиятҳои муродифоти услубӣ ва луғавиро ба инобат гирад, то ба ҳадаф расад.

Муродифҳои ҷуфт. Муродифҳои ҷуфт дар барномаҳои радиоӣ мавқеи хос доранд ва дар маводи гирдовардаи мо қисмати асосиро онҳо ташкил медиҳанд. Онҳоро қаламкашон ба мақсади қувватнок намудани сухан истифода мекунанд. Муродифҳои ҷуфти **ҳалиму меҳрубон, дӯстиву рафоқат, нишоту шодӣ, шодию фараҳ** обуранги ҳиссии мусбат доранд. Онҳо дар услуби китобӣ серистеъмоланд:

Сухан метавонад, аз **шодию фараҳ** бошад, вале чандон дилнишин не ва ҳам метавонад аз ғам бошад, аммо зебо (Меъроҷи андеша, 15.02.2014); Ягона нафаре, ки дар бари Муқаддас буд, ҳамчун як рафиқи содиқ, ҳамчун як дугонаи **ҳалиму меҳрубон**, хоҳар, ҳамчун як раҳнамо ҳамеша Саломат буд... (Орази наво, 13.02.2015); Ман ҳис кардам, ки дар ботини ин зан арзишҳои баланди **дӯстиву** инсонпарастиву **рафоқат** ва вафодорӣ то охир дар замири ин зан фурӯзон аст (Орази наво, 13.02.2015); Ва дар ҳақиқат модарон бузурганд, модарон офарандаанд, модарон зиндагиро **нишоту шодӣ** мебахшанд ва хамин аст, ки сарвари хирадманди мо ҳам ба зан, ба модар махсус назар кардаанд... (Орази наво, 09.03.2013).

Дар гуфторҳои радиоӣ, ки ба таври шифоҳӣ сурат мегиранд, такрор шудани калимаҳо, бемавқеъ истифода гардидани онҳо, тағйирёбии безарурати ҷойи аъзои ҷумла, ғалатҳои мантиқӣ ва амсоли ин ба назар мерасанд. Сабаби такрор шудани калимаро мо дар он мебинем, ки муаллифи барнома имконоти муродифоти луғавиро хуб намедонистааст, вагарна аз такрори бемаврид худдорӣ мекард. Қаламбадастони мо бояд фаромӯш накунанд, ки «сухан аз баҳри дигарон гӯянд». Бинобар ин дар интихоб ва истифодаи воҳидҳои забон, бамавқеъ ва дар ҷойи худ кор фармудани онҳо эҳтиёткор будани журналистон ҳатмист. Ба мисоли зерин мутаваҷҷеҳ бошед:

Хеле ҷавон ба ин касб шуғл варзиду аз рӯйи ҳамин касб соҳиби обрӯву эътибор гардид (Достони меҳр, 26.01.17).

Ин ҷумла чанд камбудӣ дорад: 1) бемавқеъ тағйир додани аъзои ҷумла; 2) такрори калима (касб). Ҷумларо чунин таҳрир кардан мумкин аст: Вақте ки ин касбро омӯхт, хеле ҷавон буд. Бо вуҷуди хеле ҷавон буданаш аз рӯйи ин пеша соҳиби обрӯю эътибор гардид.

Баъзан кӯшиши кӯтоҳбаёнӣ боиси ба ғалатҳо роҳ додани журналистон мегардад. Чунончи, дар мисоли зерин журналист дар як маврид феълро фурӯгузор кардааст, ки дар натиҷа ду фикри мухолифи ҳам ифода ёфтааст (гӯянда ҷовидона будан ва лаҳзаина набудани ишқи шоираро таъкид карданист):

Оҳанги ишқ, оҳанги муҳаббат, оҳанги фироқу дард, оҳанги зиндагиро, зеро ишқи дили шоира *ишқи ҷовидона (…), ишқи лаҳзаина не* (Зуҳраи навогар, 22.07.15).

Чунин мисолҳо дар матни барномаҳои радио, мутаассифона, кам нестанд. Ҳол он ки барандагон аксар вақт матнҳоро аз рӯйи коғаз мехонанд ва имкони таҳрири матни барнома вуҷуд дорад. Дар матни мазкур ҷиҳати мусбаташ он аст, ки бо истифода аз муродифоти луғавӣ муаллиф ифодаҳои маҷозии *оҳанги ишқ, оҳанги муҳаббат, оҳанги фироқу дард* сохтааст, ки матнро таъсирбахш гардонидаанд. Ба назари мо, дар ифодаи *ишқи дили шоира* вожаи *дил* барзиёд аст, зеро *ишқи шоира* матлабро возеҳ ифода менамояд.

Чи тавре ки дар мисолҳои боло дидем, муаллифони барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» бештар синонимҳоро дар шакли ҷуфт истифода кардаанд. Дар мисоли зерин ҳам чунин ҳолатро мушоҳида менамоем:

Тағоева Робиа Алаёровна қаҳрамони навбатии барномаи мо, ин хонуми саропо самимияту муҳаббат ва *заминиву хоксор* мебошад (Зуҳраи навогар, 22.07.15).

Вожаи *заминӣ* ба маънои «мансуб ба замин; ҳар чизе, ки дар замин аст; муқобил. осмонӣ» [ФТЗТ 1, 2008: 506], калимаи *хоксор* ба ду маъно:

1) монанди хок, бо хок яксон; беқадр, беэътибор. 2) фурӯтан, камтар [ФТЗТ 2, 2008: 444] далолат мекунад. Солҳои охир калимаи *заминӣ* маҷозан ҳамчун муродифи *хоксор* мавриди истифода қарор гирифт.

Тавре зимни таҳқиқот аён гардид, истифодаи муродифоти луғавӣ, ки сарчашмаи асосии ҷолиб ва нишонрас гардонидани нутқи нотиқ аст, дар радио то андозае риоя шудааст, аммо ҳанӯз ҳам норасоиҳо зиёданд. Махсусан, дар мусоҳибаҳои радиоӣ зимни интихоби калимаҳои ҳаммаъно костагӣ ба назар мерасад. Вазифаи мо, муҳаққиқони соҳаи журналистика, нишон додани роҳи бартараф кардани чунин нуқсонҳост. Барои ба ин ҳадаф расидан мутолиаи бештари адабиёти бадеӣ, риояи меъёри забони адабӣ дар истифодаи воҳидҳои забон, омӯхтану ҳифз кардани луғат ниҳоят зарур аст.

Забоншинос Б. Камолиддинов дар китобаш “Сухан аз баҳри дигарон гӯянд” менависад: “Вазифаи асосии радио, телевизион ва матбуот, ки иборат аз баланд бардоштани маърифат, завқу салиқаи суханварию сухангустарии мардум аст, масъулияти аҳли қаламро фузунтар мегардонад. Забони ВАО-и мо инъикоси вазъи имрӯза ва тамоюли инкишофи минбадаи забони адабист. Хонандагон сухани ВАО-ро намунаи забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ мешуморанд ва гуфтору навиштори худро ба он қиёс мекунанд, ки боиси сар задани ғалатҳои зиёд мешавад” [Камолиддинов, 2001: 8].

Аз ин нуқтаи назар барои зебову шево шудани матн, донистан ва баҷо истифода бурдани ҳар воҳиди забон, махсусан муродифот, шарти аввал барои соҳибзабонон ва махсусан журналистон мебошад, ки оммаи халқ бештар бар эшон эътимод доранд ва ҳар гуфтаашон дар миёни мардум мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад, бинобар ин донистани мавқеи истеъмоли ҳар унсури забон, аз ҷумла муродифот, боиси ба миён омадани матни комил, саҳеҳу дақиқ ифода ёфтани матлаб, равшании фикр мегардад.

3.3. Мавқеи калимаҳои муқобилмаъно дар матни барномаҳо

Антонимҳо яке аз категорияҳои лексикии забон мебошад, ки нависандагон ва журналистон бо мақсадҳои муайяни услубӣ, зид гузоштани ҳодисаву воқеаҳо, хислату характери одамон, ашёҳои олами воқеӣ, симои қаҳрамону персонажҳо дар асарҳои бадеӣ, публитсистӣ ва амсоли инҳо ба кор мебаранд. Ин ҳодисаи забонӣ яке аз василаҳои барҷаста баён намудани матлаб маҳсуб меёбад. Калимаи *антоним*ро бо вожаи *таззод* як чиз меҳисобанд, ки чунин нест.

Дар ҳақиқат, дар муқобилгузорӣ моҳияти ашё, аломат, амал, ҳодисаву воқеаҳо барҷаста ифода меёбад. Ин ҳодиса дар сарвати луғавии забон ҳам инъикос меёбад ва соҳибзабонон онро ҳамчун воситаи муассири лексикию семантикӣ истифода мебаранд. Антонимия ҳодисаи семантикӣ буда, мавзуи баҳси як шохаи илми лексикология – семасиология ба шумор меравад. Зидмаъноии калимаҳо ба воситаҳои гуногун зоҳир мегардад. Дар барномаҳои радио калимаҳои антонимӣ мавқеи хос дошта, журналистон тавассути муқобилгузории ашёҳо, хислату характери одамон, ҳодисаҳои табиӣ ва дигар фикрашонро дақиқу саҳеҳ ва муассир баён мекунанд.

Дар ҷумлаи зерин калимаҳои **замину осмон** антонимҳое мебошанд, ки берун аз матн низ хусусияти зидмаъноии худро нигоҳ медоранд: Ва Эзиди таоло Офтобро аз нур биёфарид ва **осмонҳову заминҳоро** бад-ӯ парвариш дод (Маърифат, 17. 03. 14).

Антонимҳо хоҳ лексикӣ бошанд, хоҳ матнӣ, як вазифаи услубиро адо мекунанд – возеҳ, барҷаста ва муассир ифода кардани фикр, чунки моҳияти ашёҳо, ҳодисаю воқеаҳо, ҳолат, амалиёт ҳангоми муқобил гузоштани ду ашё, ду аломат, ду амалу ҳолат равшан ва барҷаста аён мегардад [Камолиддинов, 1973: 55].

Калимаҳои **торикӣ – рӯшноӣ, шаб – рӯз** дар мисоли зерин муқобилмаъно буда, калимаи **торикӣ** ба маънои **шаб** ва **рӯшноӣ** ба маънои **дамидани субҳ** истифода гардидааст. **Шабу рӯз** ҳамчун

калимаҳои муқобилмаъно серистеъмоланд. Онҳо замонро ифода мекунанд:

Офтоб аз сари ҳамал бирафту осмон ӯро баргардонид ва **торикӣ** аз **рӯшноӣ** ҷудо гашту **шабу рӯз** падидор шуд. Дар ин рӯз офтоб ба хати устуво меояд ва **шабу рӯз** баробар мешаванд (Маърифат, 17. 03. 19).

Калимаҳои зидмаънои **имрӯз** ва **оянда** ба замон далолат мекунанд: Ва ҳамаи ин имкон медиҳад, ки насли **имрӯзу оянда** тақдири давлату миллатро ба даст гирифта, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро ба меъёрҳои замонаи пешрафт инкишоф диҳанд (Маърифат, 30.12.2013).

Антонимҳои ифодакунандаи мафҳумҳои синну сол **пир** (гардидан) ва **ҷавон** (будан) дар барномаи “Маърифат” мушоҳида гардид:

Магӯ, ки **пир** гаштам,

Тозарӯйӣ ту, **ҷавонӣ** ту (Маърифат, 17. 04. 14)

Калимаҳои **пастию баландӣ, ғаму шодӣ, зебою зишт** бо ҳам хусусияти антонимӣ дошта, аз ҷиҳати мансуб будан ба ҳиссаҳои нутқ ба чунин гурӯҳҳо хосанд: **исм** – *ғаму шодӣ, пастию баландӣ*; **сифат** – *зебою зишт:*

Чун китоби Мубашшири Акбарзодро бо номи «Сухан з-осмонҳо фуруд омадааст» варақгардон кардем, мунаққид Мубашшири Акбарзод дар бораи шеър гуфта: «Шеър хулосаву бардошти шоир аз **пастию баландӣ, ғаму шодӣ ва зебоию зиштии** рӯзгори ӯст (Меъроҷи андеша, 17. 04. 14).

Моҳиятан ҳодисаи **антоним** ба **таззод** монанд аст. Ҳар ду мафҳумҳои муқобилро ифода мекунанд, аммо **антоним** истилоҳи забоншиносӣ ва **тазод** истилоҳи адабиётшиносист. Доир ба тафовути ин истилоҳҳо забоншинос Б. Камолиддинов чунин андеша доранд: Тазод (муқобила) – контраст аз зидмаъноии калимаҳо бо он фарқ мекунад, ки ду манзара, ду ҳодиса, ду ҳолати руҳӣ ба ҳамдигар муқобил тасвир мешавад:

Лайлӣ сари зулф шона мекард,

Маҷнун дурр зи ашк дона мекард

(Низомӣ).

Дар ин гуна тасвир калимаҳои зидмаъно омада бошанд, муқобилгузорӣ аёнтар ва барҷастатар ифода мегардад. Агар калимаҳои зидмаъно набошанд, муқобилгузорӣ муътадил ё ноаён ифода меёбад [Камолиддинов, 1973: 55].

Калимаҳои **нарм** ва **сангин** антонимҳои матнӣ мебошанд ва берун аз матн ин хусусияташон барҷаста ифода намешавад. Ҳам калимаи **нарм** ва ҳам **сангин** дар ин байт ба маънои маҷозӣ омадааст:

Сар занад аз дил, ба дил коре кунад,

Нармтар сангин дили ёре кунад.

(Меъроҷи андеша, 15.02. 14)

Калимаҳои антонимии **хандад** ва **гирён шавад**, **лаби андӯҳмандон** ва **дилҳои хандон** дар мисраъҳои зерин маънии муқобилро ифода намуда, мақсадро ҷаззобу образнок ва равшану возеҳ ифода намудааст,

Намемирӣ ту, эй модар, агар ман,

Барои модари миллат бимирам.

Аз ӯ **хандад лаби андӯҳмандон**,

В-аз ӯ **гирён** шавад **дилҳои хандон.**

(Меъроҷи андеша, 15.02.14)

а) Гоҳе калимаҳои антонимӣ берун аз матн ҳам маъноҳои мухолифи ҳамдигарро ифода мекунанд. Калимаҳои **баҳор** ва **хазон**, **гармо** ва **сармо** берун аз матн ҳам хусусияти антонимии худро нигоҳ медоранд. Калимаҳои антонимии **хазон** ва **баҳор** ба маънои маҷозии пирӣ ва ҷавонӣ далолат мекунанд ва образноканд: Ӯ аз оғӯши танги ҷӯйча хазон мерӯбад ва мехоҳад, бо ёд кардани хотираҳо ба **хазони** умраш бӯйи атрогини **баҳори** ҷавонияшро резад (Ҳамзамон, 14.11. 13); Ба шаҳриёрии Ҷамшеди далер на **сармо** буду на **гармо**, на пирӣ буд, на марг ва на рашки девофарида» (Ҳамзамон, 25.10.13).

б) Баъзан калимаҳо танҳо дар матн ё вазъияти нутқ маъноҳои муқобили ҳамдигарро ифода мекунанд. Дар мисраъҳои зерин вожаи **борон** ба вожаи **хушксорон** аз ҷиҳати таносуби маъної муқобилмаъноянд. Берун аз матн онҳо ҷуфти антонимӣ нестанд:

Дина шаб дар зери **борон**,

Худ ба худ чун **хушксорон**.

Антонимҳо барои возеҳ, муассир ва нишонрас ифода кардани фикр хизмат мекунанд, чунки моҳияти ашёҳо, ҳодисаю воқеаҳо, ҳолат, амалиёт ҳангоми муқобилгузории ашё, аломат ва амалу ҳолат равшантар аён мегардад.

Антонимҳо ҳамчун воситаи муассири нутқ дар услубҳои публисистӣ, бадеӣ ва муошират фаровон истифода мешаванд. Онҳо дар барномаҳои радио низ серистеъмоланд. Дар матни зерин калимаҳои *пешравиҳо* ва *мушкилот* антонимҳои матнӣ мебошанд:

Дар баробари ***пешравиҳо, мушкилот*** низ дида мешавад, онҳо кадомҳоанд? (Маърифат, 11.02.2014)

Антонимҳо дар матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ ҳамчун як воситаи бозгоштани таваҷҷуҳи шунаванда ва таъсирбахш ифода гардидани матлаб хизмат кардаанд. Чунончи, дар кулоҳи барнома чунин садо медиҳад:

Аҷиб аст, ки барои чӣ қадар *кам* донистанамонро фаҳмидан *бисёр* донистанамон лозим меояд. Илми ҳақиқӣ донистаро донистан ва натонистанро ҳам донистан аст. Инсон чи қадаре ки *кам* бидонад, ҳамон андоза фикр мекунад, ки *зиёд* медонад. Дуруд ба шумо! (Достони меҳр, 26.01.2015)

Дар матни зерин калимаҳои муқобилмаъно дар тавсифи ҳолати руҳии инсон истифода шудааст:

Ҳолати дар найчаи шараён нағунҷидани хун бидуни хоҳишу имкон ҳолати бидуни ихтиёру интизор дар лаҳзаҳои *дарду шодӣ, хушбахтиву нокомӣ, тавоноиву оҷизӣ,* будану набудан, дар лаҳзаҳои ҳассос, дар ҳолатҳои бехудӣ аз худ, дар ҳолати сар ба зонуи ишқи

пурасрор гузаштану бе овоз гиристан, беёд шудану намурдан, яъне *мурда-мурда боз зиндагӣ кардан аст* (Зуҳраи навогар, 26.01.2015).

Калимаҳои *дарду шодӣ, хушбахтиву нокомӣ, тавоноиву оҷизӣ, мурда-мурда боз зиндагӣ кардан* маъноҳои муқобилро дар матни мазкур ифода кардаанд, ҳарчанд муқобилмаънои вожаи *дард – дармон, шодӣ – гам, хушбахтӣ – бадбахтӣ, нокомӣ – муваффақият, комёбӣ, оҷизӣ – тавонмандӣ, тавоноӣ – нотавонӣ* мебошад. Вожаҳои интихобкардаи журналист эҳсосоти ӯро хеле муассир ифода кардаанд. Дар матни мазкур вожаи *намурдан* бо *зиндагӣ кардан* муносибати ҳаммаъноӣ зоҳир намудаанд. Ҳам антонимҳо ва ҳам муродифот воситаҳои муассири луғавӣ мебошанд, ки муроди гӯяндаро нишонрас ва дақиқ ифода менамоянд.

Хулоса, забони ВАО инъикоскунандаи забони адабӣ ва тарғибгари он маҳсуб меёбад. Забони барномаҳои радио забони зинда буда, тавассути гуфтори шифоҳӣ садо медиҳад, аз ин рӯ таҳлилу баррасии он мушкил аст. Дар барномаҳои фарҳангии радио калимаҳои аслӣ мавқеи хос дошта, заминаи ба миён омадани калимаҳои маҷозӣ, воҳидҳои фразеологӣ маҳсуб меёбанд. Калимаҳои иқтибосӣ дар таркиби луғавии забон нақши созгор дошта, дар барномаҳои радио иқтибосоти арабӣ, русӣ, байналмилалӣ зиёд истифода гардидаанд, ки бештари онҳо истилоҳоти соҳаҳои мухталифанд. Инчунин дар барномаҳои радио иқтибосоти душворфаҳми арабӣ мушоҳида гардид, ки истифодаи онҳо ҷоиз нест.

Калимаҳои сермаъно, наздикталаффуз, антонимҳо ва муродифот дар барномаҳо мувофиқи мавзуъ ва муҳтавои он истифода гардида, барои муассир ва ифоданок баён гардидани матлаб хизмат кардаанд. Хусусан, мавқеи калимаҳои сермаъно ва ҳаммаъно назаррас аст.

Калимаҳои таърихӣ камистеъмол буда, дар барномаҳое, ки ба мавзуъҳои таърихӣ бахшида шудаанд, истифода гардидаанд. Дар маҷмуъ, дар матнҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои

“Тоҷикистон” вожаҳои ҳамаи қабатҳои лексикӣ ба андозаи гуногун истифода шудаанд. Баъзан дар интихоби онҳо журналистон ба ғалатҳо роҳ медиҳанд, аммо, ба назари мо, онҳо барои тозагиву асолати забони миллӣ аз ҳама зиёдтар масъул ҳастанд. Бинобар ин вазифадоранд, ки ҳангоми истифодаи воҳидҳои забон ба сарчашмаҳои муътамад (луғатҳои тафсирӣ, осори классикону муосирон, дастурҳои таълимӣ) такя намоянд.

ХУЛОСА

Забон як рукни ҳастии миллату давлат буда, аз байн рафтани он ба нестии давлат оварда мерасонад. Ба ин нукта Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон низ ишора карда гуфта буд, ки «Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст». Бинобар ин риояи меъёрҳои он кафолати тозаву беолоиш ва зинда мондани забон мебошад. Аслан, забон падидаи нозук буда, дурдонаҳои онро дар ҳама ҷо, аз ҷумла ВАО, бенуқс, беосеб ва бамавқеъ баҳри ҳадафҳои созанда истифода бурдан лозим аст.

Забони ВАО як ҷузъи муҳимми забони адабӣ буда, аз бисёр ҷиҳат вазъи кунунӣ ва дурнамои инкишофи онро муайян мекунад. Бинобар ин забони барномаҳои радио ва телевизион бояд орӣ аз нуқсон бошад, зеро аудиторияи васеи шунавандагон ва тамошобинонро фаро мегирад. Ба ибораи дигар, он ба омма нигаронида шудааст. Ҳатто нодуруст гузоштани задаи калима боиси ғалат дар меъёри талаффуз мешавад. Чунончи, дар забони тоҷикӣ исмҳо дар ҳиҷои охир зада қабул мекунанд, аммо наттоқони мо (ҳатто баъзе олимони ҷавон ҳам) онро барғалат дар ҳиҷои аввал мегузоранд ва талаффуз мекунанд. Ҳамин ҳолатро ҳангоми талаффузи калимаҳои *назария, амалия, номзад, меъёр* ва амсоли он мушоҳида кардан мумкин аст. Мутаассифона, ин ҳолатро дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла ВАО, дучор омадан мумкин аст ва он ба вабое монанд аст, ки ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ зарар меоварад. Аз ин рӯ эҳтиёт ва эҳтироми забон қарзи ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Баъд аз омӯзиш ва таҳлили матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» мо ба чунин хулоса омадем:

1. Дар низоми васоити электронии ахбори омма радио мавқеи муайян дорад. Он дар тамоми даврахои мавҷудияти худ ҳамчун воситаи тавонои тарғибу ташвиқ ва воситаи сареҳи иттилорасон дар ташаккули афкори ҷомеа нақши калон мебозад. Ин расонаи иттиллорасон дар инъикоси фаврии амру фармон ва дастурҳои роҳбарияти Тоҷикистон, тарғиби ғояҳои сулҳу вахдат ва худогоҳии миллӣ нақши муассир

мегузорад. Дар қатори дигар шабакаҳои радиои «Тоҷикистон» идораи барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ тарғибгари ғояҳои худшиносӣ, худогоҳии миллӣ, хештаншиносӣ, кашшофи соҳибистеъдодҳои наву тоза мебошад. Он барои баланд бардоштани маърифати зеҳнии мардум, маънавияти ҷомеа, боло бурдани савияи таълиму тарбия хизмат менамояд.

2. Тамоми шабакаҳои радиоӣ, аз ҷумла радиои «Фарҳанг» ҳамчун мушовир, носеҳ, тарғибкунанда, созмондеҳу маърифатомӯз баромад намуда, дар панҷ давраи ташаккулёбии худ бо барномаҳои рангину гуфторҳои ҷолиб ба мардум содиқона хизмат кардааст.

3. Идораи фарҳанг бо пешниҳоди беҳтарин барномаҳо соҳиби аудиторияи калон гардидааст, ки дар ҷалби шунавандагон ба гуфторҳои радио нақши забони адабӣ низ муассир аст. Кормандони шабакаҳои радио ва телевизион, хосса корманди эҷодӣ, бояд чунон забони худро такмил диҳанд, ки нутқашон бенуқсон, забонашон буррову шево, саҳеҳу беолоиш ва талаффузаш баҳснопазир бошад. Онҳо ҳамон воситаҳои забониеро интихоб ва истифода намоянд, ки матлабашонро ҷолиб ва нишонрас ифода кунад.

4. Азбаски матнҳои радио шифоҳӣ садо медиҳад, таҳқиқи ҷанбаи савтии он – таркиби овозии калимаҳо, қолабҳои заданокӣ ва оҳанги гуфтор аҳаммияти бештар пайдо менамояд. Вожа ва ё ифодаи нодуруст талаффузшуда ба шунидани матлаби журналист монеъ мешавад. Ҳар як калима бояд бурро, шево ва беғалат талаффуз гардад.

5. Таҳқиқи хусусиятҳои савтии барномаҳои фарҳангии радио нишон дод, ки дар ҷараёни қироати матн баъзе падидаҳои овозӣ, аз қабили ҳамнишинии овозҳо (пайиҳам овардани овозҳои якхела, паҳлуи ҳам овардани овозҳои ҳаммахраҷ), аллитератсия, ассонанс, коҳиш, монандшавӣ ва амсоли инҳо мушоҳида гардиданд. Дар ҳолати дуруст интихоб гардидани вожаҳо ин падидаҳои овозӣ (ба истиснои коҳиш, монандшавӣ) ҳамчун воситаи муассир хизмат мекунанд. Дар ҳолати акс ҳусни баён коҳиш меёбад.

6. Оҳанги гуфтори барномаҳо низ бояд дуруст, вобаста ба мазмуни матн интихоб карда шавад. Баъзан дар ҷараёни талаффуз гӯянда саросема мешавад ва оҳанги гуфтор нотамом мемонад. Матн ва оҳанги баёни он бояд мувофиқ бошад.

7. Дар барномаҳои фарҳангии радио журналистон аз тамоми қабатҳои лексика – калимаҳои аслӣ, иқтибосӣ, умумиистеъмол, адабии китобӣ, кухна ва таърихӣ мувофиқи мақсад истифода бурдаанд.

8. Мавқеи категорияҳои семантикӣ дар таъсирбахш ифода кардани матлаби журналист, ҷалби ҳамсуҳбат ниҳоят муассир аст. Калимаҳои сермаъно, наздикталаффуз, антонимҳо ва муродифоти луғавӣ ба хотири дилчасп баромадани суҳбат ва матни гуфторҳо ба кор бурда шудаанд. Хусусан, нақши муродифоти луғавӣ, ки барои худдорӣ аз такрори ноҷо, дақиқ ва пурра ифода кардани матлаб хизмат кардаанд, назаррас аст. Журналистон бештар муродифоти ҷуфтро бо мақсади тақвияти фикр кор фармудаанд.

9. Аз воситаҳои муассири забон ифодаҳои маҷозӣ ва воҳидҳои фразеологӣ мавқеи назаррас доранд. Журналистон барои ҷалб кардани таваҷҷуҳи аудитория, таъсирбахш баён кардани матлаби худ кӯшиш мекунанд, ки ҳар чи бештар ин воҳидҳои забонро кор фармоянд. Дар матни гуфторҳо онҳо баъзан саросема шаклҳои носолими ифодаҳои маҷозӣ ва воҳидҳои фразеологиро кор фармудаанд.

10. Барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» ниҳоят рангину ҷолибанд. Бинобар ин шунавандаи зиёд доранд ва кормандони он бояд шахсони босаводу донишманд ва бофарҳанг бошанд, зеро онҳо на танҳо бо иттиллои худ ба афкори мардум таъсир мерасонанд, балки дар роҳи забономӯзии онҳо низ саҳм мегузоранд. Таҳлили маводи барномаҳо нишон дод, ки ин нукта баъзан сарфи назар карда мешавад. Дар аксари барномаҳо такрори бемавриди воҳидҳои луғавӣ, суханбозиҳои бемаврид, халалдор гардидани мазмуни ҷумлаҳо, вайрон шудани мантиқи сухан мушоҳида мешавад, ки ин хилофи ҳусни баён аст.

11. Корбурди воситаҳои муассири нутқ дар барномаҳо мавқеи махсус дошта, ифоданокӣ ва ҷаззобиятро таъмин мекунанд. Дар истифодаи ин воситаҳо низ журналистон бояд эҳтиёт намоянд. Касе, ки масъулият ва дар дилаш нисбат ба касби журналистӣ меҳре надорад, вай журналисти ҳақиқӣ шуда наметавонад.

12. Баъзан ба эҷодкорони мо худбоварӣ, суханбозӣ ва ҳатто беэҳтиромӣ хос шуда мемонад. Соҳибистеъдоди воқеӣ нисбат ба худ серталаб аст ва дар навбати аввал тарбияи ӯ меистад.

13. Эҷодкор бояд ҳам шахси соҳибхирад ва ҳам бомаърифат бошад, қоидаҳои одоби муоширатро хуб донад, забони гуфтораш бенуқсон бошад.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ

1. Кори диссертатсионӣ ва натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотии он метавонад, дар самти фонетика, лексика, фразеология, суханварӣ ва медиалингвистика, таҳияи дастуру воситаҳои таълимии соҳаи медиалингвистика ва медиариторика мавриди истифода қарор гирад.

2. Таҳлили маводи амалии барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон» нишон дод, ки яке аз мушкилоти асосии соҳибзабонон ва наттоқони радио талаффузи калимаҳо, ба инобат нагирифтани хусусиятҳои фонетикии матнҳои пешниҳодшаванда мебошад. Натиҷаҳои амалии диссертатсия дар ин раванд ба онҳо кумак хоҳад кард.

3. Натиҷаҳо, нуктаҳо ва маводи амалии рисола метавонад, дар ҷараёни таълими фонетика, луғатшиносӣ, фразеология, курсу семинарҳои махсус дар факултетҳои журналистика ва филологияи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар самаранок кор фармуда шавад.

4. Дастовардҳои илмии диссертатсия метавонад, дар пурра кардани ҷанбаҳои назарии медиалингвистикаи тоҷик ва ҳалли баъзе масъалаҳои фонетика, лексика ва фразеология мусоидат намояд.

5. Натиҷаҳои рисола ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии минбаъда дар самти медиалингвистика ҳамчун замина хизмат карда метавонад.

ФЕҲРАСТИ АДАБИЁТ

1. Абдурауфи Фитрати Бухорой. Қоидаҳои забони тоҷик (Сарф ва наҳв) / Абдурауф Фитрат Бухорой. – Душанбе, Сино, 2009. – 127 с.
2. Азимов А. Таърихи радиои тоҷик (васоити таълимӣ) /А. Азимов. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 24 с.
3. Айнӣ С. Забони тоҷикӣ / С. Айнӣ // Раҳбари дониш. – 1928. – №11-12.
4. Айнӣ С. Қавми тоҷик ва рӯзнома // Куллиёт/ Айнӣ С. – Душанбе, Ирфон, 1969. – Ҷ. 9. – С. 196 – 198.
5. Айнӣ С. Мактуби кушода ба рафиқ Тоҷиев // Куллиёт / С. Айнӣ.- Душанбе, 1973. – Ҷ.11. – С.385-386.
6. Айнӣ С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис // Ахгари инқилоб / С. Айнӣ. – Душанбе, 1974. – С.230-238.
7. Айнӣ, С. Матбуоти тоҷик. // Ахгари инқилоб / Айнӣ С. – Душанбе, Ирфон, 1974. – С. 94-98.
8. Айнӣ С. Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо / С. Айнӣ. – Душанбе, 2007. – 718 с. – С. 162-167.
9. Арнольд И.В. Стилистика современного английского языка / И.В. Арнольд. – Л.: Просвещение, 1973. – 300 с.
10. Бердиева Т. Лексические и грамматические элементы арабского языка в таджикском (по материалам прессы 20-х годов) / Т. Бердиева. – Душанбе: Дониш, 1968. – 27 с.
11. Бердиева Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. – Душанбе, 1991. – 128 с.
12. Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / М. Баҳор. – Ҷ.2. – Теҳрон, 1337. – С. 267.
13. Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – Душанбе, 2016. – 428 с.
14. Бойгонии радиои «Тоҷикистон». Сабти №337.
15. Бойгонии радио, ҳисоботи шуъбаи умумии Кумита, 1980, 10-уми феврал.
16. Болотова Л.Д. Отечественное радиовещание в начале XXI века, новые реалии и старые проблемы / Вестник Московского ун-та. Сер. 10. Журналистика. – М., 2004. – № 2. – С. 6-7.

17. Болотова Л.Д. Радиовещание в период перестройки (1985-1991) / Вестник Московского Ун-та. Сер. 10. Журналистика. – М., 2007. – № 3. – С. 12.
18. Болотова Л.Д. Радиовещание на фоне времени // Вестник Московского университета. Серия 10. Журналистика. – М., Изд-во МГУ, 2009.
19. Вазифаҳои нав вусъати фаъолиятро таҳозо доранд // «Ҷаҳони паём», 7-уми январи соли 2010.
20. Виноградов В.В. Об основном фонде и его словообразующей роли в истории языка / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания в свете трудов И.В. Сталина. – М., 1952. – С. 151-182.
21. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – Ҷ.1. – 367 с.
22. Гулов С. Амвоҷи сухан (маҷмӯаи мақолаҳо) / С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 96 с.
23. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р. Ғаффоров. – Душанбе; Дониш, 1966. – 223 с.
24. Ғаффоров Р. Калимаҳои антонимӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо / Р. Ғаффоров // Мактаби советӣ. – 1977, №32. – С. 25-27.
25. Ғаффоров Р., Камолиддинов Б., Ҳошимов С. Услубшиносӣ (барои синфҳои 10-11), васоити таълимӣ / Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, С. Ҳошимов. – Душанбе, Маориф, 1985. – 162 с.
26. Добросклонская Т.Г. Вопросы изучения медиатекстов / Т.Г. Добросклонская. – М.УРСС, 2000.
27. Добросклонская Т.Г. Медиалингвистика: системный подход к изучению языка СМИ / Т.Г. Добросклонская. – М., 2008. – 203 с.
28. Жуков А. М. Лексико-фразеологический словарь русского языка / А. М. Жуков. – М., 2003.
29. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷик / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе, Дониш, 1987. – 236 с.
30. Зеҳнӣ Т. Вазифаи матбуоти тоҷик дар бораи забон / Т. Зеҳнӣ / Забони тоҷик дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2006. – С.305-307.

31. Зеҳнӣ Т. Забони “Овози тоҷик” / Т. Зеҳнӣ / Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, Ирфон, 2007. – С. 96-99.
32. Зеҳнӣ Т. Фикри ман дар бораи забони чопакӣ / Т. Зеҳнӣ // Овози тоҷик. – 1928 / / Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – № 285-86.
33. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 1967. – 185 с.
34. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 115 с.
35. Камолиддинов Б. Ҳусни баён / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 120 с.
36. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 1992. – 143 с.
37. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Интернюс, 2001. – 171 с.
38. Камолиддинов Б. Дар бораи баъзе нуқсонҳои забони матбуоти тоҷик / Б. Камолиддинов // Оинаи забон. – Душанбе, 2003. – С. 14-31.
39. Камолиддинов Б. Нависанда ва иқтибоси калима // Сухандонон сухан санҷида гӯянд / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2005. – 49 с.
40. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2007. – 52 с.
41. Камолиддинов Б. Сухан гуфтию дурр суфтӣ ё рӯ ба рӯ бо микрофон / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2007. – 72 с.
42. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2011. – 245 с.
43. Камолиддинов Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 288 с.
44. Каримзода Ҳ. Нақши барномаҳои телевизион дар шароити марҳалаҳои навин / Ҳ. Каримзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – 4/3 (203). – 289-290 с.

45. Каримов Ҳ. Элементы русской лексики в словарном составе таджикского языка // Ученые записки ТГУ. – Том V. – Выпуск 2. – Сталинабад, 1955. – С. 82.

46. Качкаева А.Г. Телеиндустрия: диффузия жанров и эволюция форматов // Журналистика в 2008 году: общественная повестка дня и коммуникативные практики СМИ. – М.: Медиамир, 2009.

47. Костомаров В.Г. Русский язык на газетной полосе / В.Г. Костомаров. – М., Изд-во МГУ, 1971. – 257 с.

48. Костомаров В.Г. Языковой вкус эпохи / В.Г. Костомаров. – СПб.: Златоуст, 1999. – 320 с.

49. Қосимова М. Н. Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2005. – 135 с.

50. Лазутина Г. Основы творческой деятельности журналиста / Г. Лазутина. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 240 с.

51. Лебедева Т. В. Жанры радиожурналистики / Т.В. Лебедева. – М.: Аспект Пресс, 2012. – 224 с.

52. Лингвистический энциклопедический словарь. – М.: Сов. энциклопедия, 1990. – 683 с.

52. Любосветов Д.И. По законам эфира, о специфике творчества радиожурналиста / Д.И. Любосветов. – М., 1979.

53. Майданова Л.М. Стилистические особенности газетных жанров, Лекции по курсу / Л.М. Майданова. – Свердловск: Изд-во УрГУ, 1987. – 168 с.

54. Матхолов О. Шаклҳои пешниҳоди осори савтӣ дар радиои «Тоҷикистон» / дар маҷмуаи «Журналистикаи байналхалқӣ», қ. IV/ О. Матхолов. – Душанбе: Матбаа, 2012. – С.114-119.

55. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов.- Душанбе, 1982. – 104 с.

56. Маҷидов Ҳ. Усулҳои сермаъношавии калимаҳо / Ҳ. Маҷидов Маърифат, 1998. – №1-2. – С. 10-13.

57. Маҷидов Ҳ. Антонимҳои луғавӣ / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1999, №1 – 2. – С. 17-23.
58. Маҷидов Ҳ. Калимаҳои русиву аврупоӣ дар забони тоҷикӣ / Ҳ. Маљидов. – Маърифат, № 7-8. – Душанбе, 2000. – С. 19-23.
59. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – Ҷ.1. – 242 с.
60. Маҷидов Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Даҳиқӣ, 2014. – 352 с.
61. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959. – С. 21.
62. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – Ҷ.2. – 341 с.
63. Маъсумӣ Н. Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои Х – XIX // Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Адиб, 2005. – С. – 142-183.
64. Мирзоев А. Забони адабиёти классикӣ ва муносибати он бо забони имрӯзаи тоҷик / А. Мирзоев // Шарқи Сурх. – 1949, № 4. – С. 7-14.
65. Мирзоев С. Матбуот ва забони он / С. Мирзоев // Оинаи забон. – Душанбе, 2003. – С. 54-59.
66. Мирзоева М. Ҷ. Баъзе нуқсонҳои тарҷума дар матбуот / М. Ҷ. Мирзоева // Оинаи забон. – Душанбе, 2003. – С.41-45.
67. Мирзоева М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ / М.М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
68. Мирзоева М.М. Лексическая и фразеологическая синонимия в художественных произведениях С. Айни / М.М.Мирзоева. – Душанбе, 2017. – 400 с.
69. Мирзоева М.М. Забони ВАО бояд асил бошад / Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забон ва услуби ВАО» (17-18 октябри соли 2019) / М.М.Мирзоева. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 5-12.

70. Мирзоева М.М. Ташаккули забони миллӣ дар марҳилаи муосир / Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забон ва услуби ВАО» (17-18 октябри соли 2019) / М.М.Мирзоева. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 69-77.
71. Молчанов Л.А. Газетная пресса России в годы революции и гражданской войны (окт.1917–1920гг.) / Л.А. Молчанов. – М.: Издатпрофпресс, 2002.
72. Муқимов М. Воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва проблемаҳои инъикоси он дар воситаҳои электронии ахбори хориҷӣ: дисс. док. илмҳои филологӣ / М. Муқимов. – Душанбе, 2006. – 340 с.
73. Муминов А. Полисемия в таджикском языке, автореф. канд... дис.фил.наук, 10.02.22. / А. Муминов. – Душанбе, 1972. – 18 с.
74. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. – 160 с.
75. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. – 272с.
76. Муҳаммадиев, М. Манбаъҳои такмили таркиби луғавии забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев // Вазифаи воҳидҳои забон дар ҷараёни гуфтор (Маҷмуаи мақолаҳо ба ифтихори 80-солагии доктори илми филология, профессор Д.Т.Тоҷиев). – Душанбе, 1995. – С.64-69.
77. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист / М. Муродов. – Душанбе, 2007. – Қ.1. – 79 с.
78. Мухторӣ Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 134 с.
79. Назарзода С. Нақши матбуот ва тарҷума дар ташаккули истилоҳоти забони тоҷикӣ / С. Назарзода // Оинаи забон. – Душанбе, 2003. – С. 32-37.
80. Наҷмиддинова У. Махсусияти жанрҳо дар барномаҳои субҳгоҳии радиои ҷумҳурӣ: дисс. номзади илми филологӣ / У. Наҷмиддинова. – Душанбе, 2012. – 158 с.

81. Низомова С. Калимасозии сарфӣ дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ / С. Низомова. – Душанбе: Матбаа, 2008. – 178 с.
82. Ницше Ф. Рождение трагедии, или эллинство и пессимизм: в 2-х томах. Т.1. / Ф. Ницше. – М.: Мысль, 1990. – 164 с.
83. Новиков Л. А. Семантика русского языка / Л.А. Новиков. – М.: Высш. школа, 1982. – 150 с.
84. Пейсиков Л. С. Лексикология современного персидского языка / Л. С. Пейсиков. – М., 1975. – 326 с.
85. Радиои Тоҷикистон. «Забон ва ҳусни баён», 1975.13.04.
86. Радиои Тоҷикистон. «Қаҳрамонони ҳаёт – қаҳрамонони адабиёт». 1984.8.01.
87. Радиои Тоҷикистон. «Садои дили адибон». 1984.27.06.
88. Радиои Тоҷикистон. «Рӯҳи интернатсионалистӣ дар адабиёти тоҷик». 1985.27.02.
89. Радиои Тоҷикистон. «Пири равшанзамир». 1985.25.06.
90. Радио: мы говорим, нас слушают? Программы на радио и реакция аудитории. / Под ред. А. Аллахвердова, В. Новохатской, Е. Упоровой, Е. Филимоновых. – М.: Фонд независимого радиовещания, 2004. – 144 с.
91. Радиожурналистика (учебник) / Под ред. А.А. Шереля. – М., 2000.
92. Радиожурналистика. / Под ред. А. Шереля. М.: МГУ, 2002. – С. 122-126.
93. Радиожурналистика: учебник / Под ред. А.А. Шереля. – М.: Изд-во МГУ, 2005.
94. Раҳматов С. Минбари савту калом / С. Раҳматов. –Душанбе: Статус, 2001. – 171 с.
95. Рекомендации по единым требованиям и стандартам на системе радиоаудитории. – М.: Медиа Комитет, 2005.
96. Розенталь Д.Э. Практическая стилистика русского языка / Д. Э. Розенталь. – М.: Высшая школа, 1977. – 316 с.
97. Рубинчик Ю.А. Основы фразеологии персидского языка / Ю. А. Рубинчик. – М., 1981. – 275 с.

98. Рустамова Д. Проблемы соблюдения этических норм в программах радио “Таджикистан”: автореферат дисс. канд. фил. наук / Д. Рустамова. – Душанбе, 2019. – 24 с.

99. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони тоҷикӣ / Ш. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1972. – 180 с.

100. Саидзода О. Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои “Тоҷикистон”: дисс. номз. илмҳои филол. / О. Саидзода. – Душанбе, 2019. – 139 с.

101. Саломов М. Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М. Саломов. – Душанбе, 2001. – 137 с.

102. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV) / М. Саломов. – Душанбе, 2017. – 266 с.

103. Саъдуллоев А., Гулов, С. Жанрҳои журналистикаи радио / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 1997. – 48 с.

104. Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радиоӣ. Бахши дуюм: жанрҳои таблиғӣ-публисистӣ / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 72 с.

105. Сиёев Б. Аз таърихи ҷамъбандии исмҳо дар забони тоҷикӣ // Масъалаи забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1967. – С. 32-61.

106. Скворцов Л.И. Культура языка – достояние социалистической культуры / Л. И. Скворцов. – М.: Просвещение, 1981. – 192 с.

107. Скляревская Г.Н. Языковая метафора в словаре / Г. Н. Скляревская // Вопросы языкознания. – 1987. – №2. – С. 58-65.

108. Сладкомедова Ю. Ю. Культурно-просветительские программы на государственном радио: структурно-функциональные и жанрово-тематические особенности: автореф. дисс. на соиск. уч. степ. канд. филолог. наук / Ю.Ю. Сладкомедова. – М., 2010. – 21 с.

109. Смирнов В.В. Жанровая система радиожурналистики. История. Теория. Особенности функционирования. – Ростов-на-Дону, 2006. – 470 с.

110. Смирнов В.В. Жанры радиожурналистики / В.В. Смирнов. – М.: Аспект пресс, 2002. – 288 с.

111. Сухарева В.А. Система отечественного радиовещания в процессе социально-экономической трансформации (1990-2005). Автореферат дис. на соиск. уч. степ. канд. филолог. наук. – М., 2006.

112. Таджиев Д. Т. Слово “об” – вода в современном таджикском языке / Д. Т. Таджиев // Труды ИЯ АН СССР. – 1952. – Т.1. – С.42-60.

113. Таджикскому радио 50 лет. – Душанбе: Ирфон, 1980.

114. Телерадиоэфир: история и современность / под ред. Я.Н. Засурского. – М., 2005.

115. Терехова В.С. Литературное редактирование / В. С. Терехова. – Л., 1975. – 346 с.

116. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Қ. Тоҳирова. – Душанбе, 1967. – 110 с.

117. Трубецкой Н.С. Основы фонологии / Н.С. Трубецкой. – М., 1960. – С. 22.

118. Тхагушев И.Н. Радиовещание в системе журналистики// Введение в теорию журналистики / И.Н.Тхагушев. – М., 1980. – С. 152-158;

119. Тхагушев И.Н. Современное радиовещание. Тенденции развития. Требования к журналисту / И.Н.Тхагушев. – Ташкент, 1992. – С. 33-35;

120. Тхагушев И.Н. Современное радиовещание в системе средств массовой информации // Вестник Моск. университета. Серия Журналистика / / И.Н.Тхагушев. – М., Изд-во МГУ, 1994. – №6. – С. 3-14;

121. Тхагушев И.Н. Современное радиовещание, функциональный аспект// Радио вчера, сегодня и завтра. Тезисы научно-практической конференции / И.Н.Тхагушев. – М., 1995. – С. 20-28.

122. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 1998. – 134 с.

123. Усмонов И. Журналистика / И. Усмонов. – Душанбе, 2005. – Қ. 1.

124. Усмонов И. Одоби сухан / И. Усмонов. – Душанбе, Сино, 2005. – 82 с.

125. Усмонов И., Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. – Д., 2008. – 378 с.

126. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). – М.: Сов. энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 951 с.

127. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). – М.: Сов. энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 904 с.

128. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.1 – 949 с.

129. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2 . – 944 с.

130. Фатҳуллоев С. Баъзе мушкилоти татбиқи қонуни забон / С. Фатҳуллоев // Даҳ соли қонуни забон. – Душанбе, 1999. – С. 66-71.

131. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони адабии тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – Т. I. – 952 с.

132. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони адабии тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Т. II. – 802 с.

133. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик / Т.Н. Хаскашев. – Душанбе: Маориф, 1989. – 198 с.

134. Холиқназар Ӯ. Ғалат менависем / Ӯ. Холиқназар. – Душанбе, 2001. – 135 с.

135. Хоҷазод С. Таърихи радиои Тоҷикистон. Қ.1. / С. Хоҷазод. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 114 с.

136. Хоҷазод С. Таърихи радиои Тоҷикистон (Қисми 2) / С. Хоҷазод. - Душанбе: Деваштич, 2006. – 220 с.

137. Хоҷазод С. Донишномаи радио ва телевизиони Тоҷикистон / С. Хоҷазод. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 613 с.

138. Хоҷазод С. Радиои Тоҷикистон дар даврони истиқлолият. Дис. номз. илмҳои филол. / С. Хоҷазод. – Душанбе, 2009. – 173 с.

139. Ходжазод С. Роль радио «Таджикистан» в формировании общественного мнения в период независимости / С. Ходжазод. Дисс. док. фил. наук. – Душанбе, 2015. – 313 с.

140. Хоҷазод С. Махсусияти жанрҳои радиоӣ / С. Хоҷазод, А. Ализода – Душанбе: Балоғат, 2017. – 336 с.

141. Ҳалимов С. Ҳ. Таърихи забони адабии тоҷик (асри Х) / С. Ҳ. Ҳалимов. – Душанбе, 1979. – 96 с.

142. Ҳошимов С. Баъзе хусусиятҳои синонимҳо дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ / С. Ҳошимов // Масъалаҳои филологияи тоҷик. – Душанбе: УДТ, 1971. – С. 19-27.

143. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби «Одина»-и С. Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе, Ирфон, 1973. – 253 с.

144. Чехов А.П. Избранные сочинения Текст.: в 2 т. / А.П.Чехов. М.: Худож. лит., 1979.

145. Чориев Т. Забон ва услуби асарҳои публисистии Садриддин Айнӣ. – Тошканд, 2014. – 111 с. – С. 60.

146. Ҷумъаев М. Хусусиятҳои лексикию семантикии «Нафаҳотулунс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / М. Ҷумъаев. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 160 с.

147. Ҷумъаев М. Баъзе масъалаҳои матбуоти тоҷик. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 164 с.

148. Ҷӯраев Ғ. Масъалаҳои рушди забон аз нигоҳи Президент / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 154 с.

149. Шабунина Н.Ю. Музыка в радиожурналистике, эволюция функций и образная система (1924-2004 гг.). Дис. на соиск. уч. степени канд. фил. наук. – СПб, 2004.

150. Шакурӣ М. Сухан аз забон ва тарзи баёни аҳли матбуот / М. Шакурӣ // Садои Шарқ. – 1965. – № 10. – С.90.

151. Шакурӣ М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шакурӣ. – Душанбе, 2005. – 432 с.

152. Шамелашвили М. А. Функционально-стилистические и лексико-грамматические особенности газетных заголовков: автореф. дисс. …канд. филол. наук. – М., 1982. – 24 с.

153. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н. М. Шанский. – М.: Просвещение, 1964. – 370 с.

154. Шмелев Д.Н. Современный русский язык. Лексика / Д. Н. Шмелев. – М.: Просвещение, 1977. – 334 с.

155. Шокиров Т. Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1990. – С. 64-68.

156. Шукуров М. Дарси адабиёт одамият меомӯзад //Газетаи муаллимон, 23.12.1986.

157. Шукуров М. Забони мо – ҳастии мо / М. Шукуров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 228 с.

Мухтавои диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и Вазорати мактабҳои олӣ ва илми ФР:

[1 – М]. Мансурова, М. А. Мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар матни барномаҳо/ М. А.Мансурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/3 (203). – С. 285-288.

[2 – М]. Мансурова, М. А. Рушди барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ дар давраи Истиқлолият / М. А.Мансурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/3. – С. 288-290.

[3 – М]. Мансурова, М. А. Ифодаҳои маҷозӣ дар матни барномаҳо/ М. А.Мансурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 279-282.

[4 – М]. Мансурова, М. А. Мавқеи баъзе пешвандҳои калимасоз дар матни барномаҳо/ М. А.Мансурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 8. – С. 289-292.

II. Маҷалла ва Маҷмуаҳои дигари илмӣ

[5 – М]. Мансурова, М. А. Мавқеи калимаҳои аслӣ дар матни барномаҳо/ М. А. Мансурова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва

дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (22-23 октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 352-358.

[6 – М]. Мансурова, М.А. Мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар матни барномаҳо/ М. А. Мансурова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (22-23 октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 392-403.

[7 – М]. Мансурова, М.А. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба хусусиятҳои савтии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» / М.А. Мансурова, М. М. Мирзоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои илм ва таҳсилоти журналистӣ дар шароити ташаккули рӯзноманигории чандрасонаӣ» бахшида ба 80-солагии профессор Абдусаттор Нуралиев (21 октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 96-112.

[8 – М]. Мансурова, М.А. Хусусиятҳои услубии муродифоти луғавӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» / М.А. Мансурова // Маводи конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони истиқлол: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии профессор Ҳомид Маҷидов (15 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 287-293.